**ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**

**ТДУ 29+1**

**ТКБ 83.38+87**
**Д – 14**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ДАВЛАТЗОДА АҲМАД ШИРИНХУҶА**

# ХАТАРИ ИФРОТГАРОИИ ДИНӢ БА ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ

**Диссертатсия**
**барои дарёфти дараҷаи илмии**
**доктори фалсафа-PhD, доктор аз рӯи ихтисоси**
**6D.02.06.00. – диншиносӣ**

**Роҳбари илмӣ:**
**Худойдодзода Фаррух –**
**доктори илмҳои фалсафа**

**ДУШАНБЕ – 2025**

## МУНДАРИҶА

**МУҚАДДИМА**........................................................................................ **3**

**БОБИ 1.ПАЙДОИШИ РАВИЯҲОИ ИФРОТГАРОИИ МУОСИРИ ДИНӢ ВА МОҲИЯТИ ЗИДДИМИЛЛИИ ОНҲО**.................................. **13**

1.1. Мафҳум, моҳият ва сабабу омилҳои пайдоиши ифротгароии динӣ........................................................................................

1.2. Вусъати фаъолияти равияҳои динӣ – ифротӣ дар Осиёи Марказӣ..ва роҳҳои пешгирӣ аз он ...................................................................... **37**

1.3. Хусусияти иртиҷоии таълимоти равияҳои динӣ-ифротӣ доир ба муносибати дину фарҳанг ....................................................................... **69**

**БОБИ 2. ХАТАРИ РАВИЯҲОИ ДИНӢ – ИФРОТӢ БА ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ**........................................................................................ **91**

2.1. Хатари равияҳои динӣ – ифротӣ ба фарҳанги миллӣ........................... **91**

2.2. Роҳу шаклҳои таъсиррасонии ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ........................................................................................ **108**

2.3 Роҳҳои пешгирии хатари равияҳои динӣ – ифротӣ ба фарҳанги миллӣ........................................................................................ **128**

**ХУЛОСА** ........................................................................................ **156**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ** ........................................................................ **163**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзӯъ.** Дар шароити ҷаҳонишавии муосир, ҳангоме, ки таҳдиду хатарҳои гуногун ҷомеаи ҷаҳониро фаро гирифтааст, омӯзиш ва таҳқиқи хатари ифротгароии динӣ-мазҳабӣ ба фарҳанги миллӣ ҳамчун падидаи номатлуби иҷтимоии фарогир аҳаммияти ҷиддии назариявӣ ва амалӣ дорад. Омӯзишу баррасии масъалаи хатари ифротгароии динӣ-мазҳабӣ ба фарҳанги миллӣ аз он ҷиҳат аҳаммияти ҷиддии назариявӣ ва амалӣ дорад, ки равияҳои гуногуни ифротгарои мазҳабӣ тавассути дастгоҳҳои иттилоотии қавӣ ва барномаҳои бисёр хатарнок тарҳрезишуда ба шуури мардум, бахусус ба ҷаҳонбинии ҷавонони муосири тоҷик метавонанд таъсиргузор бошаанд ва арзишҳои фарҳанги миллиро дар ташаккули ҷаҳонбинӣ ва худшиносии миллии онҳо зери суол гузоранд. Ифротгароёни динӣ-мазҳабӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ ба ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳ дастрасӣ ва таъсир дошта, мағзҳои поки онҳоро заҳролуд карда метавонанд.

Аҳаммияти омӯзиш ва баррасии мавзӯи таҳқиқ боз дар он ифода мегардад, ки ифротгароии динӣ дар Тоҷикистон ҳамчун омили бесуботсозии ҷомеа на танҳо барои амнияти миллии кишварамон хатари ҷиддӣ дорад, ҳамчунин арҷгузориро ба арзишҳои фарҳанги миллӣ дар қалбу шуури наслҳои имрӯзу оянда аз байн барад ва бо табиати ҳувиятзудои худ ҷавононро ба манқурт  табдил диҳад; ифротгароии динӣ дар куҷое, ки сар назанад, аҳли ҷомеаро аз бунёдкориву созандагӣ ва инкишофу тараққӣ дур мекунад ва баръакс ба низоъу ҷангу ҷидолҳои бепоёни мазҳабиву сиёсӣ ва иҷтимоӣ гирифтор месозад, ки оқибати маргбори онро тасаввур кардан ғайриимкон аст. Бинобар ин, дар таҳқиқоти мазкур кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки омилҳои пайдоишу густариши ифротгароии динӣ ва таъсиру хатари даҳшатноки он ба фарҳанги миллӣ ошкор ва роҳҳои пешгирии адовату хусумати мазҳабӣ-сиёсӣ дар ҷомеа бо далелҳои илмӣ асоснок карда шавад.

**Мубрамияти мавзуъ иҷрои вазифаҳои зерро талаб дорад:**

- ошкор кардани хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанг ва худшиносии миллӣ;

- муайян кардани сабабу омилҳои зуҳури ифротгароии динӣ дар муносибат ба фарҳанги миллӣ;

- ошкор кардани таъсири манфии ифротгароии динӣ ба соҳаҳои гуногуни воқеияти фарҳангӣ-иҷтимоии ҷомеа;

- ошкор кардани ҳадафи муносибати иртиҷоӣ доштани равияву ҷараёнҳои ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ.

- муайян кардани оқибатҳои манфии муносибати иртиҷоии ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ.

**- муайян кардани сиёсати давлати дуняввии Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбати муносибати ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ.**

**- муайян намудани нақши арзишҳои миллӣ дар мубориза бо ифротгароии динӣ**

**Дараҷаи илмии коркарди мавзӯъ.** Дар робита бо мавзуи ифротгароии динӣ таҳқиқоти зиёде дар Тоҷикистон ва берун аз он анҷом пазируфтааст, аммо дар робита бо мавзуи таҳқиқотии мо, ки ба хатару таҳдидҳои ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ бахшида шудааст, такя дорад, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ҳанӯз нокифояанд. Бо вуҷуди ҳамин ҳам дар ин самт баъзе таҳқиқотҳои муҳим ба анҷом расидаанд. Масалан, дар рисолаи А. С. Аҳмадов ба масъалаи таносуби ислому фарҳанги миллӣ, нақши фарҳангҳои миллӣ дар рушди фарҳанги исломӣ, ҷойгоҳи арзишҳои миллӣ дар низоми дунявии давлати миллӣ ва рушди худшиносии миллӣ ҳамчун омили пешгирӣ аз ифротгароии динӣ ва ғайраҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст [28, с.165]. Дар баъзе мақолаҳои Қ. Нурулҳаҳ бошад, бевосита масъалаи муносибати иртиҷоии ислом ба дину фарҳанги миллӣ, ба санъат ҳамчун сарчашмаи ғоявии муносибати ҷараёнҳои исломии ифротии муосир нисбат ба фарҳанги миллӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд [239, с.26-34; 240, с.161-169]. Ҳамчунин Қ. Нурулҳақ дар рисолааш “Салафияи ифротӣ: моҳият ва хатару

таҳдидҳои он.” (Душанбе, 2017. – 147 с.) муносибати иртиҷоии салафияи ифротиро ба фарҳанги миллии тоҷикон ва ба мазҳаби ҳанафӣ ба таври мухтасар ёдовар шудааст. Илова ба ин масъалаи мазкур дар таҳқиқотҳои А. Раҳнамо низ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд [134]. Муҳақиқ К. Бекзода бошад, дар таҳқиқотхояш муносибати арабу исломро ба фарҳанги миллӣ, ки имрӯз яке аз сарчашмаҳои муносибати равияҳои исломи ифротӣ ба арзишҳои миллӣ мебошад, мавриди баррасӣ қарор додааст [35]. Нақши муносибати иртиҷоии ислом ба фарҳанги миллӣ аз назари муҳаққиқи қазоқ С. Жармуханбетов низ дур намондааст [223, 95-129]. Гузашта аз ин, баъзе аз муҳаққиқони эронӣ низ ҳангоми таҳқиқи арзишҳои миллии мардумони тоҷику форс муносибати арабу исломро ба арзишҳои миллӣ дар асоси сарчашмаҳои исломӣ нишон додаанд [256, с.143].

Ҳамзамон, таҳқиқоте ҳастанд, ки ба бахшҳои гуногуни масъалаи мазкур бахшида шуда, аз ҷониби мутахассисони соҳаҳои гуногун (таърих, сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ, равоншиносӣ ва ғ.) анҷом ёфтаанд. Баъзе бахшҳои алоҳидаи мавзуи мавриди таҳқиқ дар сатҳу дараҷаҳои мухталиф аз ҷониби муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ баррасӣ шудаанд: баъзан ба таври мустақим ва баъзан дар робита ба таҳқиқи масъалаҳо дигар. Вале таҳқиқотҳои махсус доир ба мавзӯи таҳқиқшаванда дар кулл ҳанӯз нокифоя мебошанд.

Илова бар ин, бояд қайд кард, ки таҳлилу баррасии ифротгароии динӣ таърихи начандон тӯлонӣ дорад, дар сурате, ки худи ифротгароӣ таърихи дуру дароз дорад ва дорои решаҳои бисёр амиқ мебошад ва зуҳуроти бисёрҷанбаи пуртазодро дар бар мегирад. Доир ба сабабҳои пайдоиши он ақидаҳои гуногун вуҷуд доранд ва онҳо аз мавқеи ғоявию андешаҳои фалсафии муҳаққиқон сарчашма мегирад. Аз ҷумла дар Тоҷикистон, густариш ёфтааст, андешаҳои гуногун вуҷуд доранд. Сабабҳои зуҳур ва густариши ифротгароии диниро муҳаққиқон дар соҳаҳои мухталифи иқтисод [168; 242, с.115], сиёсат [62], фарҳанг ва ҳатто бархӯрди тамаддунҳо [172; 194] дидаанд. Таҳлилу баррасии назариявии ифротгароӣ, анвои гуногун ва

муқаррароти он дар осори муҳақиқони рус назири А. Коровиков [75], И.Л. Морозов [99], И.П. Добаев [57], В.И. Красиков [79], И.А. Сазонова [248, с.107-116], В.Н. Паластуна [116], В.Н. Томалинцев [159], А.А. Харовинников [213], Е.А. Суздалев [154] ва ғ. ифода ёфтаанд.

Гуруҳе аз муҳаққиқон дар омӯзишу баррасии ифротгароии диниву сиёсӣ саҳми муайян доранд, ба мисли Н.Д. Маҳмадизода [90], Д.М.Саидов [143], С.Н. Сатторзода [144], А.А. Нуруллаев [237], Т.С. Саидбаев [141], Г.Н. Зокиров [226, с.19-26], А.Муминов [202], Р. Абдулатипов [11], З.С. Арухов [24], А. Игнатенко [63], А.С. Журавский [60], А. Малашенко [87] ва дигарон [29; 101]. Дар осори онҳо моҳияти ифротгароии равияву ҷараёнҳои ифротгароии диниву фирқаҳои тундгарои мазҳабӣ ва хатари онҳо ба ҷомеаи муосир мавриди таҳлил қарор гирифтаанд.

Бояд гуфт, ки дар робита ба истилоҳи “ифротгароӣ” ва таркиби динии он дар миёни муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ақидаи ягона вуҷуд надорад. Ин аз он сабаб аст, ки манфиату мавқеъгириҳои онҳо иҷоза намедиҳад, ки пайравони таълимоти мухталиф истидлоли тарафи мухолифро қабул намоянд. Фаъолияти тахрибкоронаи гуруҳҳо ва ташкилоти ифротгароии динӣ дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон, дар осори донишмандоне ба мисли С. Мухаббатов [204], Г.В. Милославский [234, с.70-85], В.В. Наумкин [108], Э. Рахматуллаев [132], Б. Бободжонов, Е.В. Тукумов [210], А.К. Нанаев [205], С.Н. Эсанаменова [214], В.Н. Ушаков [211], А. Рашид [136], А. Халида [170] ва дигарон таҳлилу баррасӣ шудаанд. Масоили сиёсӣ ва конфессионалии ифротгароии динӣ дар Тоҷикистон, ангезаҳои ғоявии фаъолияти ифротгароёни динӣ, таносуби арзишҳои диниву миллӣ дар таҳқиқоти донишмандоне чун И. Асадуллаев [25], Д. Назиров [106], Г.Д. Мирзоев [199], М. Олимов, С. Олимова, С. Шарипов [257, с.122-139], А. Раҳнамо [133], И. Усмонов [253, с.54-64], М. Давлатов [221, с.139-161] ва дигарон [94; 164] таҷассум ёфтаанд. Ба андешаи А. В. Резникова, омӯзиши маводҳои гуногуни таҳқиқотӣ дар ошкорсозии ифротгароии динӣ имкон медиҳад, ки назарияҳои теологӣ ва илмӣ аз ҳам ҷудо карда шаванд [208, с.5].

Назарияи теологӣ бар он такя дорад, ки мафҳуми «ифротгароии динӣ» устурае беш набуда, аз ҷониби муҳаққиқони ғарбӣ сохта шудааст ва таълифоти онҳо аксаран ба хадамоти махсуси ин кишварҳо хидмат кардааст.

Таҳлилу баррасии адабиёти мавҷуда нишон медиҳад, ки дар ҷомеаи муосир, бахусус дар Тоҷикистон, ифротгароии динӣ пеш аз ҳама бештар ба соҳаи низоми сиёсию иҷтимоӣ таъсиргузор будааст ва аз ҳамин нигоҳ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст ва асосан бо даргириҳои сиёсиву мазҳабӣ алоқамандaнд. Ҷанбаи идеологӣ, таълимотӣ ва назарияҳои динию сиёсии онҳо чандон мавриди таҳлил қарор нагирифтаанд. Рисолаи мазкур маҳз ба таҳқиқи масъалаҳои то ба ҳол баррасӣ нашуда бахшида шудааст.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти мо шинохт ва ошкорсозии хусусиятҳои ифротгароии динӣ дар Тоҷикистон, бахусус таъсири хатарноки он ба фарҳанги миллӣ мебошад. Барои ба ин ҳадаф ноил шудан, вазифаҳои зерини таҳқиқотӣ баррасӣ гардидаанд:

- таҳлилу ташреҳи илмӣ-фалсафии истилоҳҳои «ифротгароӣ», «ифротгароии динӣ», «тундгароӣ», «бунёдгароӣ», «терроризм»;

- таснифи анвоъ ва шаклҳои ифротгароӣ, нишон додани сабабҳои иҷтимоии пайдоиш ва ташаккули онҳо;

- нишон додани шароитҳои зуҳур ва вуҷуди ифротгароии динӣ дар воқеияти Тоҷикистон ва ошкорсозии воситаҳои ташаккули ҷаҳонбинии ифротгароӣ дар байни гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ;

- асоснок кардани хатари ифротгароии динӣ ба мафкураи ҷавонон ва ошкорсозии ҷанбаҳои иҷтимоии зуҳури онҳо;

- ошкорсозии робитаи мутақобилаи ифротгароёни диниву сиёсии дохилӣ бо ифротгароёну фирқаҳои тундрави динии хориҷӣ ва нақшаҳои хатарноки онҳо;

- муайянсозии роҳҳои пешгирӣ ва бартарафсозии ифротгароии динӣ дар Тоҷикистон.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот.** Маҷмӯи методҳои илмие, ки барои иҷрои ҳадафҳои дар рисола баёншуда зарур мебошанд,

истифода шудаанд. Аз ҷумла методҳое, ки барои равшан сохтани моҳияти таълимоти гуруҳҳои ифротгароии динӣ имкон медиҳанд. Онҳо пеш аз ҳама методҳои умумиилмии: таҳлил, таҷзия, таҷрид, хулосабарорӣ ва дигар методҳои мантиқӣ мебошанд. Илова бар инҳо, методҳое, мисли таҳлили муқоисавӣ, таърихият-мантиқӣ, усули гипотетикӣ – аксиоматикӣ, гузариш аз дониши абстрактӣ ба мушаххас ва ғайра асосҳои методологии рисолаи мазкурро ташкил мекунанд. Ҳамчунин асарҳои муҳимми муҳаққиқони шинохтаи хориҷӣ ва ватанӣ барои таҳқиқи мавзӯи рисола мавриди истифода қарор гирифтаанд.

**Навгониҳои илмии** рисола иборат аз маҷмӯи масъалаҳоеанд, ки бори нахуст дар илми ватанӣ таҳқиқ мешаванд, аз ҷумла хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ дар Тоҷикистон, ки аз инҳо иборатанд:

- асосҳои иҷтимоию сиёсӣ, динию ғоявии ифротгароии динӣ, инчунин нишонаҳои бурузи он дар Тоҷикистон ошкор ва ҳамаҷониба мавриди омӯзишу баррасӣ қарор дода шудааст;

- хатари тарғиботи ифротгароёни динӣ нисбати фарҳанги миллӣ ошкор карда шудааст;

- заминаҳое, иқтисодӣ-иҷтимоии ифротгароии динӣ, аз қабили камбизоатии аҳолӣ, бахусус бекорӣ ва ҳамчунин ноогоҳиву бетаҷрибагии ҷавонон, ки ба зуҳури ифротгароии динӣ ва сиёсӣ мусоидат мекунанд, мавриди таҳлил қарор гирифтаанд;

- таснифи намудҳо ва шаклҳои ифротгароӣ дар қаринаи нав бо дарназардошти шаклҳои асосии фаъолияти ифрогароӣ анҷом дода шудааст;

- нишон дода шудааст, ки имкони табдили ифротгароии исломӣ ба терроризми динию сиёсӣ вуҷуд дорад, ки омилу сабабҳои худро доранд;

- алоқамандии ифротгароии динӣ-сиёсӣ бо терроризм ошкор карда шуда, механизми робитаҳои онҳо нишон дода шудааст;

- асоснок карда шудааст, ки дар раванди ҷаҳонишавӣ ифротгароии динӣ дар сурати пайгирии давлатҳои абарқудрат аз манфиатҳояшон метавонад

хусусияти байналмиллалӣ касб карда, ба Ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ таъсир кунад.

**Нуктаҳои асосие, ки барои дифоъ пешниҳод шудаанд:**

1. Сабабҳои асосии зуҳури ифротгароии динӣ-сиёсӣ коҳиш ёфтани шароити иқтисодӣ-иҷтимоӣ, сиёсӣ ва равонии ҳаёти ҷомеа буда, аз ин шароити ҷомеа гуруҳҳои ифротгарои динӣ-сиёсие, ки аз ҷониби кишварҳои абарқудрат дастгирӣ меёбанд, истифода мебаранд.

2. Ифротагроии динӣ-сиёсӣ дар солҳои 1990 дар Тоҷикистон боиси сар задани ҷанги шаҳрвандӣ гардид ва пас аз он ҳам фаъолияти худро қатъ накард, балки ба фаъолиятҳои ғайриошкорои ифротӣ гузашта, дар шароити буҳрони иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ ошкоро таъсири худро дар ҷомеа тақвият бахшид. Ифротгароии динӣ-сиёсӣ дар симои наҳзати исломӣ нишон дод, ки он яке аз шакли идеологияи бегонапарастӣ мебошад, ки ба нобуд сохтани ҳувияти миллӣ, фарҳанги миллӣ ва давлати миллӣ нигаронида шудааст.

3. Ифротгароии динӣ падидаест, ки дар шаклу намудҳои гуногун метавонад вуҷуд дошта бошад: ифротгароии сиёсӣ, иқтисодӣ, миллӣ, фарҳангӣ, экологӣ ва ғайра. Ҳар яке аз ин намудҳои ифротгароӣ сабабҳои хосси пайдоиши худро дошта, вобаста ба масоили гуногуни динӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоӣ мавқеъгирии муайяни хешро зоҳир менамоянд ва дар зери шиорҳои динӣ паноҳ гирифтаанд.

4. Ифротгароӣ, тундгароӣ ва терроризм бо ҳам пайванди ногусастанӣ доранд: аввалан, як навъ заминаи идеологии амалҳои террористиро ташкил медиҳад ва баъдан бо маҷмӯи муносиботи тунду шадид (бо истифодаи зӯроварӣ) барои ноил шудан ба ҳадафҳои сиёсии худ роҳу воситаҳои ғайриқонуниву хатарнокро пеш мегиранд.

**Объекти таҳқиқот** – ифротгароии динӣ-сиёсӣ ва зиддияти он ба арзишҳои фарҳангӣ ва ҳувияти миллӣ.

**Предмети таҳқиқот** – таҳлили моҳияту мақсад, вижагии зуҳури ифротгароии динӣ-сиёсӣ ҳамчун хатару таҳдидҳо барои ҳаёти фарҳангии ҷомеаи муосири тоҷик ва роҳҳои бартарафсозии он.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии рисола.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ имкон медиҳад, ки роҳу усулҳои мубориза ба паҳншавии таҳдидҳо ва чолишҳои ифротгароии динӣ дар Тоҷикистон такмил ёбад ва ба қабули қарорҳои асосноки илмӣ ва амалӣ дар сатҳҳои гуногуни идоракунӣ ва барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти гуногуни давлатӣ ва ҷамъиятӣ мусоидат кунад. Мавод ва хулосаҳои таҳқиқоти рисола барои донишҷӯёну донишмандон, муҳаққиқони соҳа, мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва илмӣ, омӯзгорон, ки вобаста ба мавзӯи мазкур таҳқиқот мебаранд, метавонанд аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дошта бошанд.

**Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Маводи асосии рисола дар 4 мақолаи чоп шудааст, ки 3-тои он дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст. Ҳамчунин дар як қатор маърӯзаҳо, конфронсҳои назариявии кафедраи онтология ва назарияи маърифати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (ДМТ), конфронсҳои ҳарсолаи илмӣ-амалии ДМТ «Дар бораи мафҳуми ифротгароии динӣ» («Рӯзи илм», апрели соли 2019) ва дар конфронсҳои илмии зерин: «Ифротгароии динӣ-сиёсӣ дар байни ҷавонони Тоҷикистон» («Рӯзи илм», апрели 2020) ва «Исломи сиёсӣ: таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ» конфронси ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (ДМТ Душанбе, 30 декабри 2020) баён шудааст.

Рисола дар ҷаласаи якҷояи кафедраҳои онтология ва назарияи маърифат ва диншиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон муҳокима ва барои дифоъ тавсия шудааст.ё

**Сохтори рисола.** Рисола аз муқаддима, ду боб, шаш фасл, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

# БОБИ 1. ПАЙДОИШИ РАВИЯҲОИ ИФРОТГАРОИИ МУОСИРИ ДИНӢ ВА ТАЪЛИМОТИ ЗИДДИМИЛЛИИ ОНҲО

## 1.1. Мафҳум, моҳият ва сабабу омилҳои пайдоиши ифротгароии динӣ.

Барои таҳлилу баррасии омилҳои пайдоиши равияҳои ифротгароии динӣ дар олам, бахусус дар Тоҷикистон, нахуст бояд моҳияти ифротгароӣ ва сабабҳои пайдоиши онро шарҳу тафсир кард, зеро бидуни ин наметавонем ба кулли дуруст маънӣ ва тамоми он сабабҳоеро, ки боиси пайдоиш ва ташаккули ифротгароӣ, махсусан ифротгароии динӣ шудаанд, муайян намоем.

Ҷаҳонишавии бошиддат ва тағйирёбии ҳамаи низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ, инчунин ба рӯи саҳнаи таърих омадани муассисони нави равандҳои сиёсӣ, мураккабтар гардидани тафриқаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ сабаби зуҳури силсилаи масъалаҳое гардидаанд, ки дарки илмиву назариявии онҳо зарур дониста мешавад. Масъалаҳои мазкур ба амният ва рушду инкишофи ҷомеа таъсири ҷиддӣ расонида, низом ва сохтори онро хароб мекунанд ва ба назар нагирифтани онҳо ҷомеаро ба бунбаст мекашонад [143, с.12].

Пеш аз ҳама бояд гуфт, ки ифротгароӣ (ё экстремизм, шакли лотинии он extremus – канора, аз андоза берун) падидаест, ки дар ҷомеаҳо, шароитҳо, замонҳо ва арсаҳои мухталиф дар шаклҳои гуногун вуҷуд дорад ва густариши он низ ба шароит, вазъият, боварҳо, ақидаҳо ва дигар вижагиҳои сохтории ҷомеа вобаста мебошад. Ин падидаи иҷтимоию сиёсӣ, динӣ ва хушунатзои муосир бештар ҳамчун пайравӣ ба ғоя, андеша ва мақсадҳои аз эътидоли солим берун рафтан дар сиёсат, иқтисод, фарҳанг, иҷтимоъ, ҳолатҳои равонӣ ва ғ. дониста шудааст ва ба суботи сиёсӣ, амният ва истиқлолияти давлатҳо, татбиқи асосҳои ҳуқуқу озодиҳои инсон таҳдиди ҷиддӣ эҷод мекунад. Ифротгароӣ идеологияе мебошад, ки истифодабарии ҳама гуна чораҳоро дар ҷомеа барои ба даст овардани фоидаи дилхоҳи худ ҷоиз мешуморад. Омилу сабабҳои ташаккул ва тавсеаи ифротгароӣ инҳоанд: бухронҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ, равонӣ, коҳиш ёфтани сатҳи зиндагии аксарияти аҳолӣ, таъқиби дигарандешон, сатҳи пасти фаъолияти

мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҳифзи ҳуқуқ дар самти мубориза бо ифротгароии динӣ, мавҷуд набудани механизми муассири ҳифзи адолати иҷтимоӣ ва ғ. Дар чунин ҳолатҳо фард ва гуруҳҳое пайдо мешаванд, ки вазъи бавуҷудомадаро бо роҳи зурӣ ҳал кардан мехоҳанд [90, с.57].

Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар гузориши худ вазъияти сиёсӣ-дохилии кишварро баҳо дода, гуфтааст: «Ифротгароии динӣ дар даҳсолаҳои охир шиддат гирифтааст. Равандҳои ҷаҳонишавӣ боиси зуҳури падидаҳое назири терроризм, ифротгароӣ, тундгароӣ ва дигар ҷиноёти сатҳи фарогири ҷаҳонӣ шудаанд. Тоҷикистон наметавонад, ки дар мубориза бар зидди ин падидаи номатлуби ҷаҳонӣ бетараф бошад» [255, с.4].

Ифрот ва тафрит (яъне, аз ҳадди эътидол гузаштан дар чизе ё коре ва баръакс, то ба дараҷаи даркорӣ нарасидани чизе ё коре), маъмулан, бо эътидол ё миёнаравӣ дар тазод буда, дар ахлоқ, сиёсат ва дин барои ғояҳое ба кор меравад, ки дур аз гароишҳои аслии мавриди қабули ҷомеа мебошанд. Он имкон дорад, ки огоҳона ё ногоҳона анҷом дода шавад, вале натиҷаи он метавонад барои зиндагии як фард ё тамоми ҷомеа бисёр гарон ба поён расад. Масалан, ифрот ва тафрит дар масорифи иқтисодии давлатӣ (ё фардӣ, оилавӣ, гуруҳӣ ва ғ.) бисёр зиёновар буда, ҳамаи ҷанбаҳои дигари ҳаёти ҷамъиятиро харобу фалаҷ мегардонад; ифрот ва тафрит дар дину сиёсат барои давлату миллат метавонанд фоҷиабор ба анҷом расанд. Аз ин рӯ, ҳамвора аз зиёдаравӣ дар ҳар коре бояд парҳез кард ва роҳи эътидол пеш гирифт. Ифрот ва тафрит дар ахлоқ низ оқибатҳои бисёр нохуш ба бор меоранд: таваҷҷуҳи аз ҳад зиёд (ифрот) дар меҳрубонӣ нисбати кӯдак сабаби дилгирию хастагии равонии вай мешавад ва камтаваҷҷуҳӣ бидуни меъёр (тафрит) низ боиси дилсарду бемеҳр ба воя расидани тифл мегардад. Зеро ифроту тафрит ҳамчун зиёдаравӣ ва кӯтоҳӣ дар иҷрои корҳо нишонаи як навъ маризии инсон мебошад. Аз ин рӯ, ифроту тафрит дар назария ва амалияи кору фаъолияти инсонӣ амри нописанду зишт аст. Ифрот ва тафрит хориҷ шудан аз ҳадди эътидол ва миёна дар коре ва паймудани яке аз каронаҳои он бо тундравӣ ва аз ҳад гузаштан дар он ё бо бетафовутӣ ва

аҳаммият надодан бар он аст. Ифротӣ, ифротгаро ва ифроткор (мансуб ба ифротгароӣ) касест, ки дар корҳо зиёдаравӣ мекунад ё дар дилбастагӣ ба ақида ё назаре таассуб меварзад ва аз ҳадди эътидол мегузарад.

Омили асосии зуҳури ифрот аз назари ҳукамо ва равоншиносон дилбастагии аз ҳад зиёд ба чизе ва канор гузоштани роҳнамоиҳои ақл аст ва омили бурузи тафрит беиродатӣ, сард шудани ҳисси мурувват ва бузургӣ дар инсон ва номутаодилии шахсияти вай мебошад. Масалан, ифрот ва тафрит дар хӯрдан ё ба фарбеҳии аз ҳад зиёд ба бемориҳо меанҷомад ва ё ҷисмро лоғар карда, аз коромадии ҷисмиаш мекоҳонад, пас ифрот ба хӯрдани ғизо танро сард менамояд; ифрот ва тафрит дар хобидан ё ба касалию танбалӣ, ё ба бехобӣ ва ё ба афсурдани асабҳо меанҷомад. Ифрот ва тафрит дар бадбинӣ, ҳасаду адоват низ зарарнок анҷом ёфта, дар муҳаббату эътимоди аз ҳад зиёд низ зиёновар ба охир мерасад [274].

Адибони ориф ифрот ва тафритро дар ҳавасбозӣ ва ҳатто дар завқу ваҷд низ написандида, риояи эътидолро тавсия кардаанд. Масалан, Бедил мегӯяд:

Зи ифроти ҳавас тарсам бизоат гум кунӣ, Бедил,

Табассум вақфи лаб кун, гӯ маоши ханда танг афтад [36, с.127].

Ифротгароӣ хоси шахсони алоҳида, гуруҳҳо, ҳаракатҳо, ҳизбҳо ва ҳатто давлатҳое мебошад, ки дар фаъолияти худ гузариш, гуфтушунид ва созишро инкор карда, фишоровариро роҳи ягонаи расидан ба ҳадафҳои худ мешуморанд. Шаклҳои асосии ифротгароӣ инҳоанд: равонӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ, этникӣ, миллӣ, нажодӣ, динӣ, сиёсӣ, ва ғ. Терроризм хатарноктарин шакли зоҳиршавии ифротгароӣ мебошад [43, с.76]. Ин шаклҳо бо ҳам алоқаманданд, хусусан ифротгароии динӣ ба чунин намудҳои ифротгароӣ робитаи зич дорад. Яке аз онҳо ифротгароии **равонӣ ва иҷтимоӣ** мебошад.

Бояд зикр кард, ки ҳамаи анвои ифротгароӣ сарчашмаи равониву иҷтимоӣ доранд ва маҳз дар ташаккули ифротгароӣ омилҳои равонӣ ва иҷтимоӣ нақши хеле бузург бозида, аз инҳо сар мезананд. Омилҳои пайдоиш ва вуҷуди ифротгароӣ ба шаклҳои ифротгароӣ алоқаманданд. Ҳарчанд ба

таври умумӣ омилҳое ҳастанд, ки ифротгароиро ба таври куллӣ ба вуҷуд меоранд, яъне маҷмӯи омилҳои иқтисодӣ, ғоявӣ, иҷтимоию сиёсӣ, вале дар айни замон барои намудҳо ва шаклҳои ифротгароӣ омилҳои хосси онҳо низ вуҷуд доранд, масалан, барои ифротгароии равонӣ, сиёсӣ, динӣ омилҳои хосси онҳо ҳастанд, ки бо ин шаклҳои ифротгароӣ махсусан таъсир доранд ва боиси пайдоиши онҳо мешаванд. Бино бар ин, ҳангоми таҳлили ҳар намуди ифротгароӣ ба омилҳои таъсирбахши махсуси онҳо эътибор додан лозим меояд. Яке аз намудҳои ифротгароӣ, ифротгароии равонӣ мебошад.

Ифротгароии равонӣ як навъ бемориест дар вуҷуди инсон ва ҷомеа, ки шахс ва ё гурӯҳеро барои содир кардани амалу фаъолиятҳои зарарнок барои худ ва дигарон водор менамояд ва албатта чун бемории ҷисмонии инсон омилҳои пайдоиш ва сабабҳои ривоҷу густариш, инчунин роҳҳои пешгирӣ (пеш аз зуҳури он) ва бартараф кардани оқибатҳои онро дорад. Ифротгароии равонӣ, пеш аз ҳама, аз эҳсосот, кайфият ва ҳолати рафтору кирдори шахси ифротгаро вобаста аст, ки дар шароитҳои муайян бевосита ин ҳолатҳо ба амалҳои ифротгароӣ мусоидат мекунанд. Албатта, вазъи бӯҳрони тӯлонии иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва амсоли ин ба зуҳури ифротгароии равонӣ алангаи бештаре мебахшад ва аксари гуруҳҳои иҷтимоиро ба ҳолати ногувори рӯҳию равонӣ дучор месозад. Омилҳо ва заминаҳои амалҳои ифротгароии равонӣ сараввал дар ҷисми шахси ифротгаро зуҳур меёбанд. Ин зуҳурот бештар аз рӯи хусусиятҳои равонии инсон муайян мегардад. Ифротгароии равонӣ ҳамчун маризӣ дар вуҷуди инсони мубталои он огоҳона ва ғайриогоҳона метавонад бошад. Шахсе, ки огоҳона ифрот меварзад, ҳатман далеле барои он дорад (ҳарчанд далелҳояш нодурусту ғайриинсонӣ ҳам бошанд); ин шахс ё зархариди касе шудааст ё барои ин кораш мехоҳад ҳиссиёти худхоҳияшро ором созад, шуҳрате дар назди дӯстону ҳаммиллатони худ касб кунад ва ҳатто ба худқурбонӣ роҳ диҳад. Яъне, чунин шахс мубтало ё гирифтори бемории худхоҳӣ, шуҳратталабӣ ва сарвату давлат аст.

Ҳамин тариқ ба мафҳуми “ифротгароӣ” аз ҷониби муҳаққиқон таърифҳои гуногун дода шудааст. Ба андешаи муҳаққиқи тоҷик Маҳмадизода

Н.Д. «таърифи дақиқ додан ба мафҳумҳои мазкур, бахусус ба мафҳумҳои «ифротгарой», на фақат барои таҳияи меъёрҳои ба ҳам монанди ҳуқуқӣ, балки барои вусъат додан ба корҳои маърифатию тарғиботӣ дар миёни мардум ниҳоят зарур дониста мешавад. Чунки на ҳамаи шаҳрвандони кишварамон, дар бораи ин зуҳуроти нангини ҷомеа тасаввуроти дақиқ доранд. Дар осори фалсафӣ ва сиёсӣ таърифи ягонаи эътирофгардидаи ифротгарой вуҷуд надорад. Тибқи тадқиқотҳои илмӣ зери ниқоби ифротгарой аксаран зуҳуроти мухталиф фаҳмида мешаванд: шаклҳои гуногуни муборизаҳои синфӣ ва озодихоҳона, ки истифодаи зӯроварии сиёсиро роҳандозӣ мекунанд, ҳамчунин ҷинояткориҳои аз ҷониби гурӯҳҳои ҷиноятпеша содиршаванда» [90; 143; 144] баҳо дода мешаванд.

Барои таҳлили илмии зуҳури омилҳои ифротгарой бояд ба аломатҳои падидоии ифротгароии равонӣ ва иҷтимоӣ назар андозем. Ифротгароии равонӣ ва иҷтимоӣ сарчашмаи худро доранд, ки онро ба омилҳои дохилӣ ва берунӣ тақсим кардаанд. Ба омилҳои дохилӣ пеш аз ҳама омили табиию зотӣ мансуб аст. Яъне, ба ифротагроии равонӣ бештар шахсоне майл мекунанд, ки табиатан ё зотан дар вуҷуди хеш ба чунин майлҳое аз қабили зӯроварӣ, тамаъҷӯӣ, эҳсосоти баланд, тарс, ҳолатҳои махсуси равонӣ гирифторанд. Масалан, зӯроварии оилавӣ ё худ ҷангу ҷидолҳои оилавӣ боиси он мешаванд, ки кӯдаки дар ин оила ба камолрасидаистода ба бемориҳои гуногуни равониву рӯҳӣ гирифтор мешавад. Зина ба зина кӯдаке, ки дар оилаи носолим аз зӯроварӣ таълим гирифт ва ба хоҳару додарони хеш таҳмили иродаи хешро омӯхт, дар наврасӣ ба дӯстон ва ҳамсинфони хеш ин корро дубора таҷриба кард, дар ҷавонӣ ба шахсияти даҳчанд носолим (дар муқоиса бо оилаи худ) табдил хоҳад ёфт. Ӯ дар ҷавонӣ ва бузургсолӣ бо ҳамфикрону ҳамкешони хеш ба таъсиси ташкилоте мепардозад ва дар садади иҷрои нақшаву корҳои ношоистаи бузургтаре хоҳад шуд. Масалан, бо роҳҳои ҳавасмандкунии дӯстонаш дар ибтидо даст ба кирдорҳои ғайриахлоқӣ ва ғайриинтизомӣ мезанад (арақнӯшиву тамокӯкашӣ ва ҷалби дигарон ба ин корҳо, беҳудаву баҳуда озордиҳии одамон ва ғ.). Баъдтар ба содир кардани

ҷиноятҳои хурду бузург (авбошӣ, қаллобӣ, дуздӣ ва ғ.) шурӯъ мекунад. Зеро дигар кору накшаҳои хурду кӯчак ҳиссиёти худхоҳӣ ва ҳангоматалабии ӯро қонеъ карда наметавонанд ва ӯ мехоҳад шахсияти хешро марҳила ба марҳила дар сатҳи деҳа, якчанд деҳа, ноҳия, якчанд ноҳияҳои гирду атроф, дар ҷумҳурӣ ва ҳатто берун аз он ва ҷаҳон нишон диҳад ва агар илоҷаш бошад мехоҳад, ки шоҳи ҷаҳон бошад ва ҷаҳон ба коми ӯ гардад. Ин тамоюлоти рӯҳиву равонии чунин инсон агар ба дӯстону рафиқони дигараш сироят кунад, оҳиста-оҳиста ба гиреҳҳои гарони иҷтимоӣ табдил мегарданд, ки оқибатҳои он барои давлату миллат бисёр гарон хоҳад буд.

Барои давои чунин навъи бемори волидон, ҷомеа ва давлату ҳукумат бояд дар якҷоягӣ ҳанӯз дар тифлии бемори оянда ба поксозию давои ин беморӣ шуруъ кунанд (чуноне ки дар тифлӣ кӯдакро аз касалиҳои фалач ва амсоли он эм мекунанд). Падару модар ҳанӯз дар кӯдакии фарзанди худ бояд барои адами худхоҳӣ дар вуҷудаш саъйю талош варзанд ва баркашидаву санҷидани ҳар як корро дар мизони ақлу хиради тифли худ ёд бидиҳанд, эҳтироми дигарон, бахусус калонсолон, ватандӯстӣ, хирадгароӣ дар умури корҳо, дӯстдории донишу фарҳангро омӯзонанд ва амсоли инҳо; ҷомеа ва давлату ҳукумат (бо дастури донишмандон) низ дар ҳамкории бисёр зич бо падарону модарон роҳу равияи тарбияи инсони комил ва ватандори асилиояндаро бо барномаҳои мушаххаси таъсирнок ба онҳо ёд бидиҳанд.

Ҷомеашиносӣ фаронсавӣ Э. Морен ба ин назар аст, ки «ифротагроию таассубварзӣ дар шароити кунунӣ аз душвории иҷтимоӣ дида, ба душвории равонӣ зиёдтар табдил ёфтааст» [51, с.8].

Чуноне ки ишора рафт, ифротгароии равонӣ ва иҷтимоӣ реша ва асоси ҳама гуна ифротгароӣ буда, тамоми дигар анвои ифротагроӣ бар бунёди он рушд меёбанд. Яъне, бешубҳа, тамоми анвои ифротгароӣ, тундгароӣ ва ҳатто терроризм сарчашмаи бемориҳои равонӣ дар худ дошта, аз ифротгароии равонӣ маншаъ мегиранд. Ифротгароии равонӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ на яку якбора, балки пайдоиши дуру дароз дорад ва дар тамоми тӯли зиндагии инсон ва ҷомеа зуҳури худро мунтазам ошкор мекунад, агар дар оила, дар

гуруҳ ва дар маҷмӯъ дар ҷомеа заминаҳои зуҳури он вуҷуд дошта бошад. Агар мо ба решаву бунёди ифротгароии равонӣ ва ба омилҳои дуру дарози зуҳур кардани он назар карда натавонем ва ё нахоҳем, ки ба ҷомеа ҳамчун низом таъсири манфии худро мерасонад, ҳангоми давои ин бемории иҷтимоӣ фақат ба оқибатҳои он сару кор хоҳем дошт. Яъне, ҷисман нобуд кардани ифротгароён, тундгароён ва ё террористон ҳаргиз маънии онро нахоҳад дошт, ки мо аз ин падидаи манфур раҳо ёфтаем. Ҳамчунин масъалаи ифротгароӣ, тундгароӣ ва терроризм бо роҳи зиндонӣ кардани тарафдорони ин падидаҳо низ пурра ҳалли худро нахоҳад ёфт, зеро дар ҳар ду ҳолат мо на бо сарчашмаи бурузи онҳо, балки бо оқибатҳои ин падидаҳо мубориза дорем; ба ҷои ифротгароён, тундгароён ва террористони маҳкумшуда ва ё нобудшуда, ҳатман даҳҳо ва садҳо шогирдону пайравони онҳо буруз хоҳанд кард, зеро ҳанӯз ҳам мо  манбаи зуҳури онҳоро аз байн набурдаем. Ҳангоме ки ҷомеа бо ба кор гирифтани беҳтарин ва муассиртарин усулу механизмҳои илмии бартараф кардани ин падидаҳои манфии ҷомеа дар нутфаи он – оила, кӯдакистон, макотиби миёна ва олӣ шурӯъ кунад, маҳз ҳамон дам метавон умед кард, ки пеши роҳи ифротгароӣ бо тамоми анвои он гирифта хоҳад шуд. Аммо ин ҳам поёни кор нахоҳад буд. Зеро ифротгароӣ ва душвориҳои ҷомеа ҳаргиз поён ёфтанӣ ва ба охир расиданӣ нестанд, вале фоизи муайяни он ва шиддати онро паст кардан мумкин аст, то ин ки барои афрод, оила ва ҷомеа дар кулл хатарзо набошад.

Мусаллам аст, ки равандҳои иҷтимоикунонӣ ва фардикунонии инсон дар зери таъсири омилҳои берунӣ ва таъсири хусусиятҳои хосси равонию ҷисмонии ӯ ба амал меоянд. Бояд донист, ки кадоме аз ин равандҳо нақши муассиртаре дар ташаккули шахсияти инсон доранд ва чи гуна равандҳои иҷтимоикунии ва фардикунонии афроди ҷомеаро ба роҳ монд, то ин ки аз зуҳури ифротгароии равонӣ-иҷтимоӣ ва амсоли он парҳез шавад.

Раванди равонӣ-иҷтимоии омӯзиши мақсадҳо ва дастуроти ифротгароӣ аз ҷониби шахс бисёр мураккаб аст. Нахуст, дарки қаноатбахш набудани шахс аз муҳити атроф – ҷомеа ва камбудиҳои он рух медиҳад ва ӯ мехоҳад,

ки ин камбудиҳоро ба зудӣ ислоҳ кунад. Сипас, дар вуҷуди шахс хоҳишу талаботи муттаҳид шудан бо шахсоне, ки бо ӯ ҳамфикранд, пайдо мешавад ва ҳамин тавр ташаккули аввалин нишонаҳои ифротгароии равонӣ зуҳур мекунад. Сониян, аъзоёни ташкилоти навтаъсисёфта барои ба зудӣ ба ҳадафи худ расидан аз миёни гузинаҳои вуҷуддошта танҳо гузинаи бо роҳи зӯроварӣ ҳал кардани душвории вуҷуддоштаро ягона роҳи таъсирнок интихоб мекунанд.

Бояд фаҳмид, ки чӣ гуна заминаҳои равонӣ, ғоявӣ ва механизмҳои ҷалби аъзои нави ҷомеа ба сафи ифротгароёно ва террористҳо мавҷуданд. Он гоҳ муқовимат ба ин падидаҳоро метавон ба суст шудани чунин заминаҳо ва хароб кардани механизмҳое, ки дар сатҳи гуруҳҳои калони иҷтимоӣ ва тамоми ҷомеа ба вуҷуд омадаанд, равона кард.

**Ифротгароии иҷтимоӣ** бештар дар шакли аз меъёр зиёди инкори қоидаҳои мавҷуда ва умумиэътирофшудаи ҷамъиятӣ аз ҷониби шахс ва гурӯҳҳои алоҳида зоҳир гардида, як навъи кӯшиши ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ низ ба шумор меравад. Омилҳои гуногуне вуҷуд доранд, ки заминасоз ва боиси сар задани хушунат, ноороми ва ифротгароӣ дар сатҳи иҷтимоӣ мегарданд, аз ҷумла фақру бенавоӣ, бекорӣ, бесаводӣ, сустиродагӣ, нобаробарии иҷтимоӣ, адами адолати иҷтимоӣ, қонеъ нашудани талаботи инсон, табъйиз, зулму ситам, истибдод ва анъанаҳои нописанд ва ғ. Инсоне, ки гирифтори ифротгароии равонӣ мебошад, ҳатман омилҳои мазкур ӯро дучанд ба таҳрик меорад ва қатъияти ӯро дар интихоби роҳи интихобкардааш устувортар месозад. Яъне, ӯ дигар шубҳа намекунад, ки барои ҳал кардани душвориҳои иҷтимоӣ бояд чораҳои қатъӣ андешид, то ин ки ин душвориҳои иҷтимоӣ ба зудӣ ва яку якбора ҳалли худро ёбанд. Тавассути чунин чораҳо (бо роҳи таҳдиду зӯроварӣ, аз кор гирифтани мансабдоре ва ҳатто бо аз байн бурдани касе ва ғ.), дар назари вай, масъалаҳои иҷтимоӣ ба зудӣ ҳалли худро меёбанд. Ӯ худро барои ҳал кардани ин душвориҳо ҳамчун Робин Гуд, фидокор, ҷоннисор ва қаҳрамони миллат тасаввур мекунад, ки қодир ба худқурбонкунӣ ҳаст, вале бисёр мехоҳад, ки пас аз ҷоннисориҳояш ӯро

ҳамчун қаҳрамон ба некӣ ёд кунанд, ба номаш кӯчаву хиёбонҳо ва пайкараҳо гузоранд. Ҳарчанд дарк намекунад, ки роҳи интихобкардааш роҳи хатову ифротист ва худи ӯ аллакай ба ифротгаро табдил ёфтааст. Ӯ дарк намекунад, ки душвориҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, динӣ ва фарҳангии ҷомеаро яку якбора ва ба куллӣ ҳал кардан имкон надорад. Ифротгароён ҳаргиз намехоҳанд бифаҳманд, ки барои ҳал кардани душвориҳои ҷомеа ҷаҳду талоши тамоми мардуми кишвар, бо ба кор андохтани беҳтарин чораҳои аз нигоҳи илмӣ асоснок кардашуда ва ҷалби олимону мутахассиони ҳирфаӣ дар тамоми умури ҳаёти давлат ва ҷомеа ниҳоят зарур аст ва ин раванди дуру дарози инкишофу тараққии давлату миллат мебошад.

Албатта, ҳастанд шахсоне, ки аз ҷиҳати рӯҳиву равонӣ ва ҷисмонӣ солиманд, вале онҳо дар интихоби ғояҳои нодуруст ва зарарноки ҷомеа ба роҳи нодуруст мерававнд. Дар ҳама давру замонҳо, новобаста ба шароитҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, динӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии даврон, шахсону шахсиятҳои алоҳида, гуруҳҳо ва ҳизбҳое ёфт мешаванд, ки бо ҳар гуна сабабу омилҳо аз фаъолияти давлату ҳукумат норозиянд. Давлату ҳукумати ормонӣ ё идеалие, ки дар он ҳеч гуна душвориҳо вуҷуд надошта бошад, дарёфт кардан душвор аст, аммо сатҳи душвориҳои мазкурро хеле паст кардан ва ба ҳадди хеле ночиз расонидан имкон дорад. Барои ин боз ҳам талоши тамоми аъзоёни ҷомеае, ки дар он илму хирад зафарманд аст, ҳаётан муҳим мебошад. Бино бар ин, то замоне, ки душвориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, динӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа вуҷуд доранд, шахсон, гурӯҳҳо ва ҳизбҳои норозӣ аз ин шароитҳо вуҷуд хоҳанд дошт. Сатҳи душвориҳои мазкур ҳар чи болотар бошад, шумораи норозиҳо низ зиёдтар хоҳанд шуд ва баръакс, сатҳи масоили номбаршуда камтар бошад, норозиҳо камтар ва саодати мардум бештар таъмин мегардад. Таҷрибаи таърихии инсоният гувоҳи он мебошад, ки афзоиши сатҳи душвориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, динӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа дар тӯли таърих боиси сар задани ҳазорҳо ҷангу ҷидолҳои қавмию мазҳабӣ ва шаҳрвандӣ гардида, мардумони бешумори бегуноҳ қурбон шудаанд. Маҳз ҳамин душвориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, динӣ, иҷтимоию

фарҳангии ҷомеа ба аланга задани оташи анвои гуногуни ифротгароӣ, аз ҷумлаи ифротгароии иҷтимоӣ, динӣ ва сиёсӣ муҷиб мегарданд.

**Ифротгароии сиёсӣ ва динӣ** маъмултарин навъи ифротгароӣ дар таҷрибаи равандҳои сиёсии муосир ба ҳисоб мераванд. Мафҳуми “ифротгароии сиёсӣ” ифротгароиеро дар назар дорад, ки дар соҳаи ҳаёти сиёсӣ, давлатӣ ва ҷомеа ба амалҳои нодурусти ошӯбгарӣ даст мезанад. Он ба ифротгароии динӣ бисёр вақт пайваст аст, зеро ифротгароии динӣ ҳам ба ҷуз ифроту тафрит ва таассуб дар дин ба амалҳои сиёсӣ низ пайванд шуда, роҳҳои ғайриосоиштаи муборизаро пеш мегирад. Дар моддаи 3-юми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо экстремизм» мафҳуми «ифротгароӣ» чунин таъриф шудааст: «Ифротгароӣ зуҳуроте аз ҷониби ашхоси ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар шакли амалҳои воқеан чапгаро инъикосёфтае мебошад, ки ба бенизомӣ, тағйири сохти конститутсионӣ дар мамлакат, ғасби ҳокимият ва аз они худ кардани ваколатҳои он, барангехтани низои нажодӣ, миллӣ, иҷтимоӣ ва динӣ даъват мекунад». Ифротгароии сиёсӣ асосан аз тариқи истифодаи усулҳои зурӣ ва ғайриқонунӣ (анҷом додани амалиёти террористӣ, одамрабоӣ, қатл, барангехтани кинаву адоват, иғво ва ғайра) амалӣ мешавад. Ифротгароии сиёсӣ фаъолияти ғайриқонунии ҳизбҳои сиёсӣ, ҳаракатҳо ва шахсони алоҳидаро низ дар назар дорад, ки бо роҳи зӯрӣ ва тариқи барангехтани кинаву адовати миллию иҷтимоӣ сохтори мавҷудаи давлатро тағйир додан мехоҳанд [99, с.47; 121, с.32].

Ифротгароӣ танҳо дар соҳаи сиёсат ба назар нарасида, балки дар баъзе дигар ҷанбаҳои фаъолияти инсонӣ низ зуҳур мекунад.

**Ифротгароии динӣ** ба идеологияи муайяни динӣ такя карда, ба дин ва пайравони динҳои дигар муносибати оштинопазир дорад ва мехоҳад сохтори давлатро дар асоси қоидаҳои динӣ ба роҳ монад. Авомфиребӣ (демагогия) усули маъмули фаъолияти ифротгароии динӣ мебошад. Ифротгароёни динӣ ашхос ва гуруҳҳое мебошанд, ки дар асоси таассуби динии худ доир ба ин ё он масъалаи иҷтимоӣ, сиёсӣ ва оилавӣ ҳукм мебароранд ва аз рӯи ифроту тафрит амал менамоянд. Ҳамаи ҳизбҳою ҷараёнҳои исломи сиёсӣ ба ҳамин

гуна ифрот даст мезананд ва ниҳояти амали онҳо ба ҷангу терроризм мебарад.

«Ифротгароӣ» номидани навъи рафтор ва ё тарзи амале ҳамеша ҷанбаи субъективӣ ва сиёсӣ дорад. Як амали ифротгароӣ аз ҷониби доираи муайян метавонад чун «мубориза барои озодӣ» ва аз ҷониби доираи дигар ҳамчун амали зиддиҷамъиятӣ ва террористӣ унвон шавад. Ҳатто дар дохили як давлат фаҳмишҳо дар атрофи ифротгароӣ метавонад гуногун бошад. Масалан, дар таҷрибаи ҳуқуқии ИМА истилоҳи ифротгароӣ гуногун арзёбӣ мешавад. Ифротгароӣ дар баъзе иёлоти ИМА ҳамчун «ҷиноят дар пояи хусумат» тавсиф мешавад ва нисбат ба дигар иёлоти он чандон ҷавобгарии вазнин надорад. Он як навъи хосси ҷиноят шуморида мешавад, ки зери таъсири хусумат ба шахси марбут ба қавму миллати муайян, дин, халқ, эътиқоди сиёсӣ ва ҷинсӣ  зоҳир мегардад. Дар замони муосир ин падида дар эътиқодоти исломӣ бештар ба мушоҳида мерасад, ки ҳадафи он ба вуҷуд овардани исломҳаросӣ ба шумор меравад. Аммо дар ҳама ҳолат анвои гуногуни ифротгароиҳо як вижагии муштарак доранд, ки ҳамоно таҷовуз аз ҳадди эътидол дар умури динӣ ва мазҳабӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ, равонӣ ва ғ. дониста шудааст [78, с.84].

Ифротгароии динӣ, мисли ҳама гуна падидаҳои дигар зуҳуроти тасодуфӣ нест ва сабабу қонуниятҳои объективии пайдоиши худро дорад. Муҳимтарин сабаби зуҳури ифротгароии исломӣ ин хусусияти сиёсӣ доштани ислом мебошад ва баъдан сабабҳои иҷтимоӣ, ба мисли камбағалӣ ва дигар норасиҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ аст. Зиндагии душвор таъмин нашудани ниёзҳои аввалияи иқтисодӣ ба он меоварад, ки ҷавонон барои дарёфти маблағе дар радифи муҳоҷирати меҳнатӣ, ба ҳар гуна равияҳое, ки ба онҳо маблағу зиндагии хубро ваъда медиҳанд, майл менамоянд ва ба доми фиреби онҳо афтанд. Масалан, аксари онҳое, ки ба ДОИШ пайвастанд, сабаби асосиаш, ба ивази  маблағе тағйир додани эътиқоди динӣ мебошад, ки ба онҳо ваъда карда буданд. Дар баробари камбағалию бенавоӣ, бекорӣ, ҷои худро пайдо карда натавонистани ҷавонон дар ҷомеа омили муҳимми ба

гуруҳҳои ифротӣ гаравидани ҷавонон аст. Албатта, барои ба ин гуруҳҳо пайвастшавии ҷавонон диндории нодурусти (яъне, огоҳии динии кофӣ надоштани) онҳо низ боис мешавад. Маҳз диндорӣ дар якҷоягӣ бо норасоиҳои ҳаёти иҷтимоӣ, паст будани маърифати сиёсӣ, ноогоҳӣ аз тамаддуну фарҳанги миллати худ ва арзишҳои тамаддуни умумибашарӣ сабаби чунин амали ҷавонон мешаванд. Бо ин падидаи ногувори аллакай вуҷуддошта, ки тамоми ҷомеаи инсониро ба ташвиш овардааст, бидуни омодагии ҳирфаӣ мубориза бурдан хеле душвор хоҳад аст. Аз ин рӯ, барои босамар мубориза бурдан бо ин вабои муосир пеш аз ҳама сабабҳо ва заминаҳои пайдоиши онро бояд дақиқан фаҳмид ва ба таври илмӣ баррасӣ карда, дар ниҳоят ҳанӯз дар ибтидои пайдишаш онро аз байн бурд. Маҳз ҳамин муносибат дар мубориза бо ифротгароии динӣ аҳаммияти бузург хоҳад дошт ва самараи бештар хоҳад дод, зеро фаҳмидани сабабҳои зуҳури ифротгароии динӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дошта, истифодаи усулҳои гуногуни мубориза бар зидди сабабҳои зуҳури он дар мақоми дуввум қарор хоҳад гирифт.

Яке аз масъалаҳои хатарзои даврони мо низоъҳои динӣ мебошанд. Ду тарзи фаҳмиши низоъҳои динӣ вуҷуд дорад: 1) зиддиятҳои воқеии байни мазҳабҳо, ки дар матни таълимоти динии онҳо вуҷуд дорад; 2) тазодҳо ва нофаҳмиҳои гуруҳҳои бузурги иҷтимоӣ, ки ҳар яке таълимоти худро дурусттарин мепиндоранд ва хештанро аз пайравони ростини мазҳаби муайян мепиндоранд. Фаҳмиши тарзи аввал чунин фаҳмида мешавад, ки тафсири гуногуни матнҳои динӣ боиси эҷоди низоъҳои байнимазҳабӣ гардидаанд, вале фаҳмиши тарзи дуввум дурнамои иҷтимоии ин муносибатҳоро ифода карда, низоъҳои динӣ дар чаҳорчӯбаи ҳаёти ҷамъиятӣ санҷида мешаванд ва ҳамчун воситаи низоъангези мазҳабҳо дарк мегардад [144, с.26-27].

Ифротгароии муосирро аз ҷиҳати назариявӣ (дар тарҳи умумӣ) як навъи мураккаби зӯроварии фардӣ ё гуруҳии муташаккил метавон фаҳмид, ки усулҳои муборизаи равонии тарсафканиро ба кор бурда, одатан дар

давраҳои бухрони сиёсӣ, иқтисодӣ ва гоҳо дар шароити муътадил будани вазъи иқтисодию сиёсии ҷомеа мавриди истифода қарор мегиранд. Чунин муносибатҳо ё равишҳо барои муайян кардани ифротгарой дар фалсафаи иҷтимоӣ бисёр вомехӯрад. Даҳҳо таърифи ифротгароиро мисол овардан мумкин аст, аммо онҳо фаҳмиши ягонаро дар бораи моҳияти масъалаи таҳқиқшаванда дар ҷанбаи фалсафӣ таъмин намекунанд [90, с.26].

Омилҳо ва сабабҳои пайдоиши ифротгароии динӣ метавонанд тамоман гуногун бошанд: равонӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ғ. Азбаски шахс мавҷудияти иҷтимоӣ аст, дар ибтидо решаи тамоми мушкилот метавонад дар худи шахс, дар муносибатҳои ӯ бо аъзои оила ва хешовандону дӯстон бошад ва ё бо таҳлили амиқ дар ихтилофҳо байни ҷаҳони ботинии ифротгаро ва ҷомеаи атроф, байни имону рафтори ӯву дигарон, байни ормонҳову воқеиятҳо, дину сиёсат нуҳуфта бошад. Чунин ихтилофу зиддиятҳоро хеле ва хеле зиёд метавон ёфт. Мантиқист, ки чунин «бархӯрдҳои» берунӣ ва дохилӣ шахсро дер ё зуд маҷбур мекунад, ки мушкилотро бо истифода аз усулҳои гуногун, аз ҷумла бо истифодаи аз усулҳои ифротгароии динӣ ҳал кунад.

Дар ин маврид беҳтарин роҳ ҳамонест, ки барои ҳифзи эътидол аз рӯи ақл амал карда шавад, аммо ақли фарду гуруҳ ҳам мумкин аст таҳти таъсири омилҳои даруниву берунӣ қарор гирад. Аммо сабабҳои асосии сар задани омилҳои ифротгароии диниро бештар дар сӯиистифода аз мафоҳими динӣ, танишҳои қавмию минтақавӣ, адами огоҳии комил аз дин, ҷаҳонбинии заифу маҳдуд, таъбирҳои инҳирофӣ аз дин ва аҳкоми он (ки ба дин нисбат дода мешаванд) бояд ҷустуҷӯ намуд.

Якчанд омилҳои пайдоиши ифротгароии диниро номбар мекунем: 1. Ҷавонон дар бораи моҳият, ҳадаф ва манбаъҳои ибтидоии дин дониши мукаммал надоранд. Набуди дониши пурра ва таҷрибаҳои динӣ метавонад боиси сар задани фаъолияти ифротгароии ҷавонон шавад; дониши нопурраву нокомил ва ҷузъӣ ба натиҷаи муқобил – тундгарои (радикализм)-и пархошгар мунҷар мегардад. Ҳамзамон, надоштани дарки дуруст аз аҳкоми дин ба эътиқоду боварии кур-курона оварда мерасонад, ки шахс ба дурустии

андешаи худ шубҳа намекунад ва дар якҷоягӣ бо кибру ғурур ва ҳавобаландӣ омезаи хатарнокро эҷод карда, оқибат ба худхоҳӣ ва расмиятпарастии бепоя боис мегардад. Шуури тундгароии исломӣ дарки оқилонаи таълимоти исломро инкор карда, боиси рукуди ақлӣ ва суннатгароии ғайрифаъол дар байни ҷавонон мешавад. Ин дар навбати худ барои барангехтани идеологии қувваҳои гуногуни хориҷӣ (ҷунбишҳои сиёсии ҷудоихоҳ, гуруҳҳои радикалии террористӣ ва хадамоти махсуси давлатҳои хориҷӣ) шароити мусоид фароҳам месозад. Бинобар ин, равшан мешавад, ки сабаби асосии ифротгароии динӣ нодонию камдонишии ҷавонон мебошад, ки муҳаррики падидаҳое чун пархошгарой нисбат ба ғайрандешӣ ва терроризм ба шумор меравад. 2. Масъалаи тарбияи фарзанд дар оила. Инсон ҳамчун як шахсият ва як фард аз кӯдакӣ дар муҳити оила ва атрофиёнаш ташаккул меёбад ва албатта волидон бештарин таъсирро ба ӯ мерасонанд. Дар мамлакати мо оилаҳои серфарзанд зиёданд ва оилаҳое низ ҳастанд, ки аз нигоҳи молиявӣ, иқтисодӣ ва маънавӣ-ахлоқӣ номуваффақ ва нокомил мебошанд. Гоҳо дар чунин оилаҳо муносибатҳои волидайн дар асоси нафрат ба ҳамдигар ва ё кӯдак ташаккул меёбанд. Кӯдаконе, ки ҳар рӯз дар чунин оила ҷангу низои волидайнро назора мекунанд, ҳатман аз ҷиҳати маънавӣ-ахлоқӣ ноқис ва бо ҳисси бераҳмиву сангдилӣ, адовату нафрат ва дигар эҳсосоти накуҳида нисбат ба дигарон ба воя мерасанд ва маҳз инҳо дар оянда имкони бештари онро доранд, ки таҳти таъсири падидаҳо ва гуруҳҳои ифротгарову тундгаро монанд. 3. Дар ВАО, бахусус дар сомонаҳои интернетӣ ба осонӣ метавон маводҳоеро дарёфт кард, ки зӯроварию ифротгарой, тундравӣ, пархошгарой ва адовату нафрат ба миллату мазоҳиби бегона, тафсиру таъбири барғалати оёти китобҳои осмониро таблиғ мекунанд. Ба доми чунин сомонаву шабакаҳо, пеш аз ҳама, наврасону ҷавононе гирифтор мешаванд, ки дар оилаҳои аз ҷиҳати маънавӣ-ахлоқӣ ноқис тарбият ёфтаанд ва дар оила ва мактаб имконият надоштаанд, ки моҳияти таълимоту ғояҳои равияву ҷараёнҳои сиёсиву мазҳабии муосирро дуруст дарк кунанд [109, с.48]. Аз ин рӯ, пешгирии зуҳуроти ифротгароии динӣ, пеш аз ҳама дар сатҳи ақлонӣ

ниҳоят зарур аст. Хурофотгароии динӣ бояд дар сатҳи илмӣ бо саъю кӯшиши донишмандони улуми соҳаҳои гуманитарӣ, ҳангоми таълими омӯзаҳои динӣ ба мардум, толибони макотиби миёна ва донишҷӯён тавассути тавзеҳи тӯлонию доимии ин омӯзаҳо ба тамоми аҳли ҷомеа ошкор карда шавад. Бояд кӯдакон, ҷавонону наврасон дар муҳити оилаи аз ҷиҳати моливу иқтисодӣ ва маънавӣ-ахлоқӣ солиму комил тарбият ёбанд ва волидон, устодони макотиби миёнаву олӣ ва ҷамоатҳову рӯҳониёни баруманди маҳаллаҳо дар тарбияи онҳо саҳим бошанд. Дар мактабҳои миёнаву олӣ, ниҳодҳои давлативу иҷтимоӣ бо истифода аз муҳимтарин васоити таълиму тадрис, технологияҳои муосир ва ВАО бояд ба фошсозии ғояҳои ифротгарон ҳар чи бештар пардохта шавад.

Ҳамон дам метавон бо боварии том гуфт, ки дар ҷомеа ифротгароии равонӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, динӣ ва сиёсӣ дигар хатарзо нест, агар: 1. Сатҳи иқтисодии ҳамаи афроди ҷомеа, бахусус оилаҳои ҷавон хуб бошад. Яъне, ҷомеа ва давлат аз афроди алоҳида ва оила ибтидо мегирад ва агар сатҳи иқтисодии аксарияти мутлақи афроди ҷомеа ва оилаҳои он хуб бошад, бо боварии том метавон гуфт, ки афрод дар оилаҳо бо кӯшиши андак ва бо ба кор гирифтани низоми дурусти тарбия пиндору кирдор ва гуфтори солим дошта метавонанд. 2. Сатҳи илмӣ-фарҳангии афроди ҷомеа ва оилаҳо бояд хеле боло бошад, зеро ин омил рафъкунандаи на танҳо ифротгароии равонӣ ва дигар анвои он метавонад бошад, балки тамоми душвориҳои дигари ҷомеаро бо ин роҳ метавон ҳал кард. Барои баланд бардоштани сатҳи илмӣ-фарҳангии ҷомеа (назири давлатҳои Ҷопон, Кореяи ҷанубӣ, Олмон ва ғ.) бояд: а) Барои ҳамаи оилаҳои ҷавон ташкил кардани курсҳо, мактабҳо ва ниҳодҳои илмӣ-тарбиявӣ ниҳоят зарур аст. Дар ин курсҳо ва мактабу ниҳодҳо ҷавонписарону ҷавондухтарон ва оилаҳои ҷавон бо роҳбарии олимону мутахассисони варзида ба онҳо тамоми санъати тарбияро дарс омӯзанд, то ин ки оилаҳои ҷавон ҳамчун ҷузъи давлату миллат, тарбияи дурусти илмӣ-фарҳангии афроди ояндаи миллатро таъмин карда тавонанд. Вақте ки сатҳи иқтисодӣ ва илмӣ-фарҳангии афроди ҷомеа ва оилаҳо хеле

хуб бошад ва дар сурате, ки дар оилаҳои солиму комил нақшаи минбаъдаи тарбияи кӯдак ва фарзанд аз тифлӣ то бузургӣ илман бисёр дақиқу олимона барномарезӣ шуда бошад, тифл ҳаргиз вақти холии ба корҳои беҳуда машғул шудан нахоҳад ёфт. Ин фарзанд ҳаргиз дар кӯча тарбият нахоҳад гирифт ва вақти қиммати худро ба оворагрдӣ нахоҳад гузаронд ва ҳеч кас ӯро аз пайроҳаи дурусти интихобкардааш (мутахассиси хуб, олими хуб ва инсони хуб шудан) берун наметавонад бурд. Барои ин кор дар кӯдакистону макотиби миёна ва олӣ сифати таълиму тарбияро баланд бардоштан бисёр зарур аст. Масалан, тарбияи кӯдак дар Олмон аз тарбияи волидони оянда шурӯъ мешавад. Нахуст, ба волидони оянда тибқи дастурномаи муназзами илмӣ чи гуна таваллуд, нигоҳубин ва тарбияи кӯдак кардан омӯзонида мешавад. Сипас, кӯдакон дар кӯдакистонҳо тибқи дастурномаи низомноки илмӣ, то синни мактабӣ тарбияи дуруст дода мешавад, ки то ба мактаб рафтан аллакай онҳо хондану навиштанро медонанд. Ғайр аз ин, ба кӯдакон ширинтарин афсонаҳои миллӣ ва ҷаҳонӣ бо забони модариашон омӯзонида мешавад. Ин афсонаҳоро онҳо мешунаванд, сипас филми тасвирии ҳар як афсонаро тамошо мекунанд. Тавассути афсона ба кӯдакон на танҳо забони бои модарӣ бисёр ба зудиву осон ёд дода мешавад, балки бо ин роҳ ба онҳо тарбияи дурусти равонӣ-фарҳангӣ дода шуда, дар вуҷуди кӯдакон чи гуна ояндаи дурахшон доштан омӯзонида мешавад. Зеро афсона ҷаҳони ботинии кӯдакро ғанӣ мегардонад, ватандӯсти асилро тарбия менамояд ва ҳатман интихоби роҳи нек дар вуҷуди ӯ барномарезӣ мешавад. Пас аз кӯдакистон, дар мактаби миёна кӯдакон, наврасон ва ҷавонон аз рӯи беҳтарин барномаи мактабии замонавӣ тадрис мешаванд.

Ғайр аз ин, ҳар як кӯдаку наврас ва ҷавonписар пас аз таҳсил дар мактаб, ба маҳфилҳои гуногун (мусиқӣ, варзишӣ, дуредгарӣ, мошинсозӣ, таёрасозӣ, тадриси амиқи фанҳои дақиқу гуманитарӣ) фаро гирифта мешаванд. Волидон барои интихоби касби ояндаи кӯдаки худ бо ёрии мутахассисони соҳа мусоидат карда, ҳамеша ба фаъолияти ҳаррӯзаи фарзандашон назорат мебаранд ва бо мактабу маҳфилҳо ҳамкории зичро ба

роҳ мемонанд. Дар натиҷа, пас аз таҳсили мактаб ва омӯзиш дар маҳфилҳо аз ин фарзандон мутахассисони варзидаи варзиш, мусиқидони хуб, донишмандони соҳаи гуногуни илм, усто ва дуредгари хуб ва ғ. тарбия меёбанд. Ин фарзандон ончунон ҳавасманд ва саргарми омӯзишу парвариш ҳастанд, ки ҳаргиз ба беҳуда гузаронидани вақти гаронбаҳои худро надоранд. Маҳз аз ҳамин гуна фарзандон донишмандони бузурги соҳаҳои гуногуни илму санъат ва ҳунар ба воя мерасанд ва ояндаи дурахшони миллатро таъмин хоҳанд кард. Маҳз бо ҳамин роҳ дар давлатҳои пешрафта душвориҳоеро, ки дар оянда эҳтимоли бавуҷудоии онҳо ҳаст, бартараф мегарданд; б) Дар айни замон мусаллам аст, ки барои боло бурдани сифати таълиму тарбияи фарзандон таъмини маоши хуби мураббиёну муаллимон, бахусус олимон ниҳоят муҳим мебошад, зеро мураббӣ, муаллиму олиме, ки камбудиҳо ва душвориҳои иқтисодӣ, молию пулӣ надорад, ҳама фикру зеҳнашро барои ихтироъкорӣ, баланд бардоштани сатҳи донишу биниши худу шогирдонаш сарф хоҳад кард; в) Ҳамчунин, ба роҳ мондани анвои гуногуни ҳавасмандкунии моддиву маънавии мураббиёну муаллимон ва олимони варзида ниҳоят зарур аст, масалан, тавассути ба роҳ мондани барномаҳои хурду бузурги «беҳтарин мураббӣ», «беҳтарин муаллим», «беҳтарин олим», «беҳтарин китоби илмӣ-тарбиявӣ», «беҳтарин усули тарбияи фарзандон» ва ғ., ки ҳар яке маблағҳои калони молию пулиро доро хоҳад буд, ҳаётан муҳим аст (барномаҳоии ҷоизадор дар сатҳи ноҳиявӣ ва ҷумҳуриявӣ, ки ҳар кадоме на кам аз 10 ҷой дошта бошад). Қариб ҳамаи ин ҳавасмандкуниву тадбирҳо дар ҷумҳуриамон вуҷуд доранд, аммо, мутаассифона, сатҳу сифат ва дараҷаҳои ҳавасмандкунӣ, маблағҳои ҳавасмандкунӣ кофӣ нестанд. Сатҳи тахассусии бисёре аз мураббиёну муалимон низ беҳбудиро талаб дорад, чунки мураббиёну муаллимон ва олимон барои баланд бардоштани сатҳи тахассусии худ ҳавасманд нестанд, аз ин рӯ саъйю талоши кофӣ низ намеварзанд. Маҳз ҳамин омилҳоанд, ки мутахассисони хубу варзида дар кишварамон хеле кам аст ва дар бораи донишмандоне, ки барои гирифтани ҷоизаҳои байналмилалӣ сабқат варзанд, ҳоҷати гап ҳам нест.

Тағйироте, ки дар тӯли солҳои истиқлолият дар Тоҷикистон рух доданд, дар ҳаёти миллати тоҷик дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд оварданд. Новобаста аз афзалиятҳои бебаҳси навсозиҳои демократӣ дар Тоҷикистон ихтилофоту зиддиятҳои сифатан нав саршор аз таассуботи мазҳабӣ ва афкори ифротгароӣ падид омадааст. Ҷавонони зиёде бо сабабҳои маълум рӯ ба гурӯҳҳои динӣ-ифротгароӣ ва омӯзиши таълимоти онҳо овардаанд, ки вақтҳои охир дар ҷомеаи тоҷик кӯшиши реша давондан дорад. Тайи 25 соли охир дар Тоҷикистон хоҳишмандоне, ки мехоҳанд маълумоти диниро дар кишварҳои исломии Шарқи Наздик соҳиб шаванд, кам нестанд. Таълимоти диние, ки дар аксари марказҳои динии кишварҳои Шарқи Наздик ба ҷавонон дода мешавад, ошкоро хусусиятҳои тундравӣ-ифротгароӣ дорад. Барои дар хориҷа ба маълумоти динӣ соҳиб гаштани ҷавонони хоҳишманд шахсони муайян ёрӣ мерасонанд, ки онҳо дар бадали ин фаъолияташон аз фондҳои мухталиф маблағҳо мерӯёнанд [30, с.47; 74].

Дар вохӯрӣ бо уламои кишвар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар робита бо афзоиши ифротгароӣ, таассуб ва тундгароӣ дар Тоҷикистон чунин гуфт: «...Ифротгароӣ, таассуб, хурофот, коштани тухми хусуматҳои динӣ ва мазҳабӣ, дар роҳи дин қурбон шудани одамон, суйистифода намудан аз ислом бо мақсадҳои сиёсии шахсӣ, гуруҳӣ ва дигар амалҳои манфии барои ҷомеаи муосир хавфнок, моро водор месозанд, ки дар ин самт тадбирҳои қатъӣ андешем. Аз рӯйи маълумотҳои мавҷуда имрӯз беш аз 80 хонавода аз ҳисоби шаҳрвандони Тоҷикистон дар музофоти Вазиристони ҷумҳурии исломии Покистон ва мактабҳои динии Ҷумҳурии Исломии Эрон ҷойгиранд» [244]. Қайд карда шуд, ки тибқи иттилооти мавҷуд аксари иштирокчиён ва пайравони гуруҳҳои ифротгароӣ ва террористӣ, ки дар минтақаҳои Покистону Афғонистон ҷойгиранд, маълумоти диниро дар марказҳо ва мадрасаҳои динии ин кишвар гирифтаанд. Таълимоти диние, ки дар ин марказу мадрасаҳо тадрис мешаванд, аксаран хусусияти тундравӣ ва ифротгароӣ дошта, ҳадафи онҳо на омодасозии донишмандони дини ислом, балки тайёрсозии тундгароёну

ифротгароёни динӣ-сиёсӣ ва террористони исломӣ мебошад. Тибқи маълумоте, ки аз муҳасилини тоҷик дарёфт шудааст, дар ин марказу мадрасаҳои номбурда ба таври иҷборӣ аз ақидаву таълимоти хилофи мазҳаби ҳанафии мо тадрис мешудааст. Дар сурати сарпечӣ аз қабули ақидаҳои номатлуб ва адои намози номувофиқ бо суннати мазҳаби ҳанафӣ, донишҷӯёни тоҷик аз ҷониби бо ном «устодон»-и ин марказу мадрасаҳо лату кӯб ҳам шудаанд. Ин марказу мадрасаҳо асосан аз ҷониби кишварҳои хориҷӣ маблағгузорӣ шуда, ҳадафи асосии онҳо беобрӯсозии ислом ва аҳкоми он дар сатҳи ҷаҳонӣ бо роҳҳои содир кардани амалҳои террористӣ мебошад. Бинобар ин, ҳамарӯза дар ҳар нуқоти ҷаҳон шоҳиди он ҳастем, ки гуруҳи террористии исломие ё ягон террористи бо ном «исломӣ»-е дар кӯчаву бозорҳо ва ҷойҳои серодам таркише содир карда, бинои маъмуриеро ба хок яксон кардааст, шахсиятҳои маъруфи кишвареро ба ҳалокат расонидааст ва чандин нафарро куштаву чандин нафари дигарро маҷрӯҳ намудааст. Бештарини пештозону саркардагони гуруҳҳои террористон ва ифротгароёни давлати бо ном исломии ДОИШ, ки дар Сурияву Ироқ буданд ва дар Афғонистон то кунун амал мекунанд, дар марказҳои таълимии Покистон омода гардидаанд. Дар байни онҳо шаҳрвандони Тоҷикистон низ буданд ва ҳастанд. Мусаллам аст, ки муҳассилини тоҷик, ки дар Покистон ва дигар кишварҳои исломӣ таҳсил кардаанд, таҳти таъсири афкору таълимоти ифротгароию тундгароӣ ва террористӣ қарор гирифта, ба куллӣ фармонбардори хоҷагони хориҷии худ мешаванд ва ҳар амре, ки аз онҳо мегиранд бе каму кост иҷро хоҳанд кард. Муҳассилини тоҷик дар марказҳо ва лагерҳои Покистону чанде дигар кишварҳои исломӣ, тавассути барномаҳои махсус мағзшӯӣ гардида, ба манқурт ё худ зомбиҳо табдил дода мешаванд. Пас аз баргашт ба ватан ин донишҷӯён ба рақибони асосии давлату миллати худ табдил меёбанд, зеро сохтори идоракунӣ ва фарҳанги миллии моро қабул нахоҳанд кард. Ин гуруҳи сироятшуда ва бо идеологияи вайрон мусаллаҳшуда бояд зери назорати қатъии сохторҳои дахлдор гирифта шаванд, то ки имконияти сироят кардани дигаронро надошта бошанд. Таҳияи

барномаи махсуси таълимӣ ва тарбиявӣ нисбати чунин донишҷӯён ҳатмӣ ва зарур мебошад. Вазорат ва кумитаҳои дахлдор барои ба танзим даровардани фазои таълимоти динӣ бояд бо масъулияти баланд муносибат намоянд, то ки ин соҳа ба дасти одамони тасодуфӣ, идеологҳои ҳаракатҳои гуногуни динӣ ва душманони идеологии мо қарор нагирад. Барои хуб ба роҳ мондани корҳои тарғиботию ташвиқотӣ дар самти муккамал кардани фазои таълимоти динӣ дар ҷомеа бояд, ки имкониятҳо шабакаи интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ самаранок истифода шаванд. Маълум аст, ки гуруҳҳои махсуси динӣ барои ҷалб кардани ҷавонон ба таълимгоҳҳо ва мадрасаҳои динии кишварҳои хориҷии исломӣ машғуланд ва аксари ин мадрасаву таълимгоҳҳо хусусияти ифротгароӣ дошта, дар онҳо яқинан ифротгаро ва террорист тайёр карда мешаванд; онҳо интернет ва шабакаҳои иҷтимоиро ба таври фаъол истифода мебаранд. Воқеъаҳои Сурия ва Ироқ далели гуфтаҳои болост.

Соли 2011-ум қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ба ватан баргардонидани донишҷӯёни дар мактабҳои динии давлатҳои исломӣ таҳсилкунанда қабул карда шуд. Аз рӯйи маълумотҳои мавҷуда дар як қатор марказҳои динии Шарқи Наздик ба муҳассилин ғояҳои тундравию ифротгароиро таълим медоданд, аз сафи онҳо, мутаассибон ва ифротгаронро тайёр мекарданд. Дар марказҳои динӣ ва мадрасаҳои як қатор кишварҳои исломӣ 2413 нафар ҷавонони Тоҷикистон бо таҳсил фаро гирифта шуда буданд. Ҷавонони тоҷик асосан дар Арабистони Саудӣ, Лубнон, Миср, Эрон, Покистон ва Яман таълим мегирифтанд. Ин масъала дар сатҳи ҳукумати ҷумҳурӣ ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ шуда, вобаста ба он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон изҳор дошт, ки «Шумо гумон мекунед, ки онҳо мулло мешаванд? Онҳо террорист ва ифротгаро мешаванд!» [218]. Чунин изҳороти қатъии Сарвари давлат баъди он садо дод, ки дар кишварҳои алоҳида якчанд амалиёти террористӣ ба вуқӯъ пайваста буд.

Хулоса, барои ҳалли ин масъала, дар дохили кишвар барои соҳиб шудан ба маълумоти муосири динӣ-мазҳабӣ шароити мусоид фароҳам овардан

зарур аст. Маҳз ҳамон вақт ин душворӣ мутассил ҳалли худро меёбад. Имрӯзҳо мушоҳида мешавад, ки баъзе донишҷӯён барои таҳсили динӣ гирифтан пинҳонӣ ба хориҷа сафар намуда, бо ин амалашон қонунро вайрон мекунанд. Бояд раванди пинҳонӣ ба хориҷа сафар кардани ашхос таҳти назорат гирифта шавад. Бино бар ин, бояд саъйю талош зиёд варзид, то ин ки ҷавонони кишварамон таҳти таъсири ғояву таълимоти равияҳои динӣ-экстремистӣ қарор нагиранд. Ҳаётан муҳим аст, ки дар мактабҳои таҳсилоти умумӣ, донишкадаву донишгоҳҳо ба ҷавонону наврасон нуктаҳои муҳимтарини таълимоти мазҳаби ҳанафӣ ва дигар мазҳабҳои ислом, ҳамчунин адёни ҷаҳонӣ омӯзонида шавад. Чунки аксарияти ҷавонони кишварамон аз таълимоти мазоҳиби исломӣ ва тафовути онҳо огоҳ нестанд ва дар натиҷа ба доми таълимоту тарғиботи равияву гурӯҳҳои динӣ-ифротгароӣ гирифтор мегарданд.

## 1.2. Вусъати фаъолияти равияҳои динӣ – ифротӣ дар Осиёи Марказӣ

Имрӯз аз кишварҳои Осиёи Марказӣ Афғонистону Покистон маркази омодасозии гурӯҳҳои экстремистӣ-террористӣ мебошанд ва ҳаракатҳои эстремистии Толибон, Ансоруллоҳ, Ҳизбу-т- таҳрир, ДИИШ ва дигар гуруҳҳои ифротгарои террористӣ дар ин кишварҳо фаъолият дошта, густариш меёбанд ва қариб дар ҳамаи кишварҳои минтақа намояндагони онҳо фаъолияти худро таҳким мебахшанд, аз ҷумла дар кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳи Мустақил таъсиргузоранд. Яке аз сабабҳои асосии вусъату ифротгароии динӣ дар Осиёи Марказӣ ин ҳанӯз дар зери нуфузи Федератсияи Руссия қарор доштани кишварҳои ИДМ мебошад, ки ба қудратҳои ҷаҳонии Ғарбу ИМА барои пиёда сохтани барномаҳои геосиёсиашон дар ин минтақа халал мерасонад. Қудратҳои номбурда ҳадафҳои геосиёсиашонро дар ин минтақа танҳо тавассути гуруҳҳои ифротгарои динӣ метавонанд пиёда созанд то ки дасти ФР-ро дар ин минтақа кӯтоҳ созанд, чуноне ки дар кишварҳои Шарқи Наздик карданд. Бинобар он, онҳо ҳаракатҳои экстремистиро дар ин кишварҳои Осиёи Марказӣ пуштибонӣ менамоянд.

Дар тӯли беш аз чиҳил сол (1980–2022) Ғарб бо ҳамроҳии шарикони стратегиаш-Арабистони Саудӣ, Қатар ва дигарон триллионҳо доллар дар Афғонистону Покистон сарф карда, қисман ба ҳадафи стратегии худ расиданд, яъне Афғонистонро аз нуфузи ФР берун кашиданд, вале да боқимонда кишварҳои Осиёи Марказӣ ҳанӯз накшаҳояшон амалӣ нашудааст. Аз ин рӯ, дар Аффғонистону Покистон ҳузур доштани ҳаракатҳои экстремистии дар боло нобаршуда хатарбор ба ҳисоб мераванд. Онҳо аз ин кишвар ба ҳайси қаламрави вусъат додани ифротгароии динӣ ва терроризм дар Осиёи Марказӣ ва минбаъд ба Осиёи ҷанубӣ-шарқӣ метавонанд истифода баранд ва вазифаи назорати фаъолияти ифротгароии динӣ ва терроризмро дар Осиёи Марказӣ ҳамин қудратҳо бо шариконашон аз ҷаҳони ислом ба дӯши худ доранд, аз ҷумла ҳаракати Толибон, ки таҷрибаи беш аз чиҳил солро дар ин ҷода дорад. Ғарб ва ИМА вазифаҳои вусъати ифротгароии динӣ ва терроризмро дар ин минтақа чунин муайян кардаанд: 1. Ҳифз кардани

шиддати нооромиву вусъати ифротгарой дар минтақаи Осиё (бахусус дар Осиёи Марказӣ) бар зарари Руссия, Чин ва Эрон. 2. Тақвият бахшидани таҳдиди терроризм ва ифротгарой ба ҳамаи кишварҳои минтақаи Осиёи марказӣ ва давлатҳои ҳамҷавори он. 3. Дар ҳолати зарурӣ ва мувофиқ Толибон ва дигар гурӯҳҳоро ба «ҷанги муқаддас» (ҷиҳод) ба муқобили Осиёи Марказӣ, ноҳияи мухтори Уйғуристони Чин ва Эрон алайҳи «куффор» ва «мушрикону муртадон» равона кардан мехоҳанд [100, с.25].

Барои бомуваффақият анҷом додани ин ҳадафи стратегияшон қудратҳои мазкур аз байни гурӯҳҳои ифротӣ, ба мисли Толибон ашхоси ба худ наздикро ҷустуҷӯ ва тарбия мекунанд. Аз ҷумла: 1. Ашхос ва гуруҳҳое, ки дастовардҳои муосири ҷаҳонро қабул надоранд. 2. Ашхос ва гуруҳҳое, ки шиаёнро мусулмон намеҳисобанд. 3. Ашхос ва гуруҳҳое, ки сабки ҳаёти асрҳои миёнаро аҳкоми илоҳӣ мепиндоранд. 4. Ашхос ва гуруҳҳое, ки фақат муқаррароту диниро барои «уммат»-и худ қабул доранд, на муқарраротимиллиро. 5. Ашхос  ва гуруҳҳое, ки барои инсон ҳеч арзише қоил нестанд ва «кофирон»-у «мушрику муртадон»-ро кушта, кори хайре барои онҳо мекунанд, зеро, ба ақидаи онҳо, аз содир кардани гуноҳи бештаре барояшон монеъ мешаванд.

Вусъати ин ақидаҳои хатарноки ифротӣ дар Осиёи Марказӣ тавассути фарзандони худи ин минтақа ҳадафи стратегии Ғарб мебошад ва албатта ҳеч муносибате исломи ҳанафӣ надоранд. Толибон аз солҳои ба сари ҳокимият расидан инҷониб аз пешина бештар вазифаи вусъати ифротгарой ва терроризмро дар Осиёи Марказӣ ва қаламрави худ-  Афғонистон бо ниҳояти бераҳмиву хунхорӣ анҷом дода истода,  гӯё «мусулмони нав»-ро тарбия ва ташаккул медиҳанд. Дар натиҷа даҳҳо ҳазор мардуми осоиштаро қурбон карданд, ки бо «дин»-и онҳо мувофиқ нестанд. Ғарб акнун аз пештара бештар маблағу неруи ҳангуфт сарф мекунад, то ин ки мағзшӯии мардуми минтақа, бахусус мардуми тоҷику ӯзбак, туркману ҳазора ва дигар аҳолии таҳҷоии Афғонистон ва кишварҳои ҳамҷавори онро вусъат бахшад, таърихи фарҳанги онҳоро аз сафҳаи таърих пок созад. Барои ба ин ҳадафаш расидан мардумони

минтақаи Осиёи Марказиро, алахусус ҷавонони онро, ба душманони дину фарҳанги миллияшон табдил дода истодаанд. Гӯё онҳо миллати ягона «уммати мусулмон»-ро сохта истодаанд, ки манқурт асту террорист, ваҳшии бесавод асту хунхор [100, с.30].

Алҳол дар Афғонистон беш аз 16 ҳазор масҷид вуҷуд дорад, ки акнун имомони онҳо аз ҷумлаи Толибоне таъйин шудаанд, ки собиқ тарбиятдидагони мадрасаҳо ва базаҳои омодасозии террористии Покистон будаанд ва ҳамаи имомони пешинро, ки аксаран тоҷикони босаводи ҳанафимазҳаб буданд, сабукдӯш карданд. Акнун ин «имомон» тарғибгарони ғояҳои таълимоти манқуртии ваҳобия-салафия ва девбандизм мебошанд ва мехоҳанд аҳолии минтақаро пурра дар муддати кӯтоҳ ба душманони воқеии фарҳанги миллӣ, исломи ҳанафӣ, ирфон ва исломи суннатии анъанавӣ табдил дода, онҳоро ба тамоми кишварҳои Осиёи Марказӣ равон кунанд ва ғояҳои манқуртонаи худро интиқол дода, равияҳои ифротгароиро вусъат бахшанд. «Имомон»-и нав дар тамоми масҷидҳои Афғонистон мактабҳои ибтидоӣ барои кӯдакони аз 7 то 10 сола ифтитоҳ кардаанд, ки ба онҳо назарияи «мусулмони нав» таълим дода мешавад. Минбаъд ин кӯдакон ба мадрасаҳои махсуси Покистон равон карда мешаванд, ки дар оянда аз онҳо хафноктарин душмани исломи ҳанафӣ, душманони фарҳанги тоҷику форс, ифротгарони динӣ ва террористону душманони одамият «пухта мерасанд» [100, с.31].

Дар тамоми донишгоҳҳои Афғонистон ректорҳо ва донишмандону устодони тоҷик аз кор ронда шудаанд ва ҷои онҳоро назарипардозони ваҳобия-салафия ва девбандия гирифтаанд: забони форсӣ-дарӣ-тоҷикӣ дар ҳамаи макотиби оливу миёна решакан ва зӯран забони паштунӣ бор карда истодаанд. Барои пурра аз зеҳни мардуми Афғонистон пок кардани ҳуввият ва арзишҳои миллии онҳо Толибон таҳти роҳбарии ИМА кӯшиш доранд тамоми донишмандони тоҷик ва фаъолони сиёсиву фарҳангиии онро иҷборан аз кишвар пеш кунанд ё ба қатл расонанд. Зеро набуди донишмандон ва фаъолони сиёсиву фарҳангии Афғонистон пиёдасозии аҳдофи муғризонаи Толибон ва ҳомиёни онҳоро хеле осон хоҳад кард. Амрико миллиардҳо

доллар сарф карда истода, донишмандону фаъолони сиёсии миллати тоҷикро аз Афғонистон берун баровvarда истодаанд ва ба ин васила мехоҳанд ба оламиён нишон диҳанд, ки онҳо инсондӯст ҳастанд ва наҷоти донишмандон вазифаи онҳост. Дар асл амрикоиҳо тамоми мағзҳои солими ин миллати куҳанбунёдро аз ватани аслиаш – Хуросон[1] берун баровarда, аниқтараш ронда истодааст, зеро вуҷуди тоҷикон дар минтақа имкон намедиҳад, ки мардуми Афғонистон ба манқурт, мағзшӯсташуда ва роботу бозичаи геополитикии ИМА табдил ёбад.

Толибон, Ансоруллоҳ, Ҳизбу-т-таҳрир, ДОИШ ва дигар гурӯҳҳои ифротгарои террористии дар Афғонистон ҷойдошта, бар алайҳи иродаи мардум мехоҳанд дар Афғонистон ислоҳотеро амалӣ созанд, ки қаламрави Афғонистон ба осонӣ ба даврони асрҳои миёна баргардад. Ин гурӯҳҳо фақат бо амалӣ шудани ин ҳадафашон қаноат намекунанд, балки барои вусъату ифротгароӣ ва густариши қаламрави фаъолияти худ ба дигар кишвари боамни Осиёи Марказӣ (Тоҷикистон, Қирғизистон, Туркманистон, Ӯзбакистон, Қазоқистон) ва Чину Эрону Руссия сар дароранд: онҳо ҳамчун бозичаи дасти Ғарб ва ИМА ҳадафи онҳоро фаротар аз сарҳадоти Афғонистон пиёда хоҳанд кард; Толибон ва гурӯҳҳои ифротгароии номбурда гумон мекунанд, ки ИМА барои дини исломро дар ҷаҳон густариш додан ба онҳо ёрӣ расонида истодааст, аммо дар асл онҳо бозичае беш нестанд. Замоне, ки ИМА ба ҳадафаш расид, Толибон ва гурӯҳҳои ифротгароии дигарро чун вируси зарарнок аз олам пок хоҳад кард. ИМА то замоне, ки тамоми дунёро дар зери дасти худ надарорад, ором наменишинад, зеро ҳадафаш дар кӯтоҳмуддат аз пой афтонидани Руссия, Чин ва Эрон мебошад ва дар дарозмуддат: СММ-ро ба ҳукумати ҷаҳонии худ табдил додан, НАТО-ро ба артиши ягонаи ҷаҳонии худ гардонидан, асъори долларро пул умумиҷаҳонӣ кардан, фарҳанг ва забони англисиро фарҳанг ва забони умумиҷаҳонӣ намудан ва тамоми монеаҳоро барои ин ҳадафҳояш аз байн

[1] «Афғонистон» – вожаи сохтаи англосаксонҳо дар асри 19 мебошад. Дар асл ин минтақа аз қадим то асри 19 Хуросон ном доштааст. Хуросон – Ватани аслии тоҷикон ва гавҳораи тамаддуни миллати мо буд ва ҳаст.

бардоштан. Аз ин рӯ, бешубҳа, густариши ифротгароии динӣ дар Осиёи Марказӣ аз нахустин гомҳои ИМА ва Ғарб аст.

ИМА ва Ғарб аз ҳисоби Толибон, гуруҳҳои Ансоруллоҳ, Ҳизби таҳрир, ДОИШ ва дигар гуруҳҳои ифротгарои террористии дар Афғонистон ва дар дигар минтақаҳои ҷаҳон тарбияткардааш, аз ашхоси мухолифи ҳукумат будаи кишварҳои Осиёи Марказӣ зархаридон ва ҷосусон тайёр карда истоданд, то ки ҳангоми мусоид онҳоро ҳамчун таҳдид ба ин кишварҳо истифода баранд ва барои ба дастории ҳадафҳои геополитикии худ бар зидди кишварҳои Осиёи Мракази, Руссия, Чин ва Эрон ҳамчун василаи мусоид қарор диҳад. Ҳизби Ансоруллоҳ, баъзе намояндагони мухолифи тоҷик дар гуруҳи ДОИШ, ҲНИТ, аъзоёни ҳизби Таҳрир (мухолифони ҳукумати Ӯзбакистон) бевосита аз ҷониби ИМА ва Ғарб дастгирӣ ва ҳимоят карда мешаванд ва фаъолияти худро мустақим ва ғайримустақим дар кишварҳои Осиёи Марказӣ густариш дода истодаанд. Бахусус, тавассути расонаҳои хабарӣ: Internet, шабакаҳои телевизионии моҳворай, Facebook, Telegram, Instagram, Tiktok, Twetter ва ғайра, барномаҳои тарғиботию мағзшӯянда барои ҷавонон пахш мешаванд, ки ҳадафашон ба шӯр овардани аҳолии кишварҳои Осиёи Марказӣ, ноамн сохтани ин минтақа ва ҷалби ҳар чи бештари ифротгарони сиёсӣ-динӣ ба сафи гуруҳҳои ифротгароии сиёсӣ-динии номбаршуда мебошад.

Яке аз падидаҳои бисёр хатарнок ин аст, ки ИМА ва Ғарб ҳиссиёти динию сиёсии аҳолии Осиёи Марказиро бар зидди ҳукуматҳои кишварҳои минтақа шӯронида истодааст. Масалан, дар байни гурӯҳҳои ифротгарони динӣ чунин ақида ҷой дорад, ки гӯё ҳукуматҳои кишварҳои минтақа мардумро намегузоранд, ки фароизи динии худро иҷро кунанд (барпо доштани намозу рӯза, ҳаҷ, ҷашнгирии идҳои Рамазон ва Қурбон), масҷидҳояшон баста аст ва донишмандони дину ғайрандешон таъқибу озор карда мешаванд. Ба ин мазмун наворҳои видеоӣ дар расонаҳои мазкур бисёр пахш шуда истодааст, ки барои ҳар як кишвари Осиёи Марказӣ, бахусус, барои кишвари азизамон – Тоҷикистон хеле хатарнок арзёбӣ мегардад.

Шаҳрвандони муҳоҷири тоҷик, ки бештарашон дар Руссия ба сар мебаранд, таҳти мағзшӯии амиқ қарор доранд ва гуруҳҳои ифротгарои динӣ бевостита онҳоро низ ба сафҳои худ ҷалб карда истодаанд. Намунаи равшани онро мо дар мисоли ба сафҳои ДИИШ ҳамроҳ шудани ҷавонони ноогоҳу камтаҷрибаи тоҷик дида будем, ки бархи азими ҷавонон тавассути ҷосусону зархаридони ИМА ва Ғарб бевосита аз Руссия ҷалб гардида буданд.

Чунин вусъату густариш пайдо кардани ифротгароии динӣ дар Осиёи Марказӣ, ба ҷуз сабабҳои умумие, ки ба тамоми ҷараёнҳои ифротгароӣ воқеъ дар ҳамаи кишварҳои ҷаҳон хос аст ва дар ин бора дар бахшҳои пештараи рисола сухан рафт, боз сабабҳои махсуси худро дорад, ки ба шароити иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ин кишварҳо вобастаанд. Ба хусус, вақте ки ин кишварҳо истиқлоли давлатӣ ба даст овардfestival, сатҳи шуурии миллӣ ва худшиносии онҳо хеле боло рафтааст ва ба ин раванд таваҷҷуҳ намудан ва эҳё кардани арзишҳои фарҳанги миллӣ таъсири бағоят бузург гузошт. Азбаски арзишҳои миллӣ дар бисёр маврид бо дин робита дорад, пас ин омезаҳо, ки аз арзишҳои миллию динӣ таркиб ёфтаанд, дар худшиносии миллӣ ва истиқлолияти миллатҳо саҳми босазо доранд. Зимни эҳёи арзишҳои миллӣ ҳамчунин ба эҳёи арзишҳои динӣ, ҳарчанд онҳо дар бисёр маврид ихтилоф доранд, низ пардохта шуд. Аз ин вазъият донишмандони дин истифода карда, бисёр унсурҳои таълимоти динро чун унсури фарҳанги миллӣ қаламдод намудаанд. Гуруҳи дигари рӯҳониёни мутаассиб дар давраи истиқлолияти давлатӣ бо равияҳову гуруҳҳои ифротӣ пайваста, ифротгароии диниро хеле тақвият бахшиданд. Маҳз ҳамин гуна аст таъсисёбӣ ва фаъолияти Ҳизби наҳзати исломӣ, ки аввалин анҷумани он дар Астрахан соли 1989 баргузор шуда буд. Ба ин ҳаракату ҷунбишҳо таъсири ҳамфикрони хориҷии онҳо хеле зиёд ба назар мерасад.

Сабаби дигари муҳим он буд, ки кишварҳои ба истиқлолрасида ҳоло роҳу равиш ва самти инкишофи худро муайян накарда буданд ва кишварҳои зиннафъи хориҷӣ мехостанд ба онҳо таъсир расонанд ва зери нуфузи худ қарор диҳанд. Дар ин самт ин кишварҳои хориҷӣ ба қувваҳои бо ҳукумат дар

оппозитсия қарор дошта, аз ҷумла ба ифротгароёни исломӣ такя мекарданд. Дар натиҷаи ин бесуботии иҷтимоӣ аксари режимҳои дар сари қудрат қарордоштаро ба мушкилиҳои зиёде дучор сохт. Дар баъзе кишварҳо, аз ҷумла дар Тоҷикистон, ҳукумат аз уҳдаи идора кардани ҷомеа набаромад ва вобаста ба ин зиддият тезу тунд гардид ва дар баъзе минтақаҳо, (Тоҷикистон, Чеченистон, Чехия ва ғ.) оташи ҷанги шаҳрвандӣ афрӯхта шуд.

Ифротгароии динӣ дар Осиёи Марказӣ як мушкили воқеиест, ки омӯзиши амиқ ва ҳалли ҳар чи зудтаррро талаб мекунад. Пас аз аввалин «авҷи исломии» солҳои 70-ум, ҷаҳон бори дигар таваҷҷӯҳи худро ба ислом равона кард. Таркишҳои 11 сентябр дар ИМА, амалҳои террористӣ дар Чеченистон, Осиёи Марказӣ, Югославия, хароб кардани муҷассамаҳои буддоӣ дар Афғонистон, ҳодисаҳои Сурияву Ироқ ва дар ниҳоят, даъватҳои бепоёни ҷиҳоди ифротгароён алайҳи «дигарон» инсониятро ба ташвиш овардааст.

Сухан вақте дар бораи равияҳои исломгарои ифротӣ меравад, бо вуҷуди он ки дар байни онҳо умумиятҳо вуҷуд доранд, боз баъзе хусусиятҳои дигаре низ ҳастанд, ки байни ин равияҳо фарқ мегузоранд ва дар ҳар кишвари Осиёи Марказӣ вобаста ба шароити онҳо як ё якчанд равия фаъолият мекунанд.

Аз рӯи дараҷа, хислат ва ҷангҷӯӣ муҳаққиқон ифротгароёнро ба чанд гуруҳ тақсим кардаанд ва нисбати онҳо мафҳумҳои гуногунро истифрда бурдаанд, аз ҷумла, ин гуруҳҳоро ба исломгароён, усулгароён, панисломистон, модернистон ва амсоли ин ҷудо кардаанд. Дар байни ин гуруҳҳо аз ҳама гуруҳи ифротӣ гуруҳи исломгароён (исламист) эътироф шудаанд.

Исломизм ё исломгаро бештар хусусияти сиёсӣ дорад, ки кӯшишҳои гуруҳе аз мусулмононро барои нигоҳдории анъанаҳои таърихии давлатдорӣ, мисли хилофат, ҳувияти миллиро бо ҳувияти динӣ айният додан ва талоши онҳоро барои ба даст даровардани қудрати сиёсӣ ифода мекунад. Дар байни исломгароён ва усулгароёни исломӣ (бунёдгароён – фундаментализми

исломӣ) фарқият чандон зиёд нест. Усулгароӣ (бунёдгароӣ) мафумест, ки бештар мазмуни динӣ дорад ва дар таърихи ислом ин мактаб аз ибтидои ислом дар байни мутафаккирони исломӣ вуҷуд доштааст, вале он дар усулгароён (бунёдгароён)-и муосир мазмуни сиёсӣ ба худ гирифтааст ва ҳамаи онҳое, ки ба бозгашт ба давраи исломи ибтидоӣ, исломи пок даъват мекунанд, ба ҳамин гуруҳ дохиланд: Ихвон-ул-муслимин, салафия-ваҳобия, Ҳизби таҳрири исломӣ, усулгароёни шиа ва ғ. ихвон-улмуслимин ва салафия дар ин байн ҳам аз назари таърихӣ ва ҳам аз дидгоҳи идеологӣ ҷойгоҳи махсус доранд. Ҳарчанд дар давлатҳои Осиёи Марказӣ бо чунин ном ташкилоте вуҷуд надорад, аммо аксари ҳаракату ҷунбишҳои дар ин минтақа вуҷуддошта, тахти нуфузи таълимоти ихвону-л-муслимин қарор доранд, зеро ҳадафи стратегии онҳо бунёди «Давлати исломӣ» аст, ки онро назарияпардозони ихвону-л-муслимин-Ҳасани Банно, Сайид Қутб, Муҳаммад Қутб ва дигарон эҷод кардаанд. Дар даврони муосир ғоя ва таълимоти Сайид Қутб ва Ҳасанни Банно дар байни ифротгароёни исломии Осиёи Марказӣ хеле интишор ёфтааст. Китобҳои асосии Сайид Қутб («Маъолим фи-т-тариқ», «Адолати иҷтимоӣ дар ислом») ва рисолаҳои Ҳасани Банно дастраси исломгароён шуда, онҳо мавқеи худро дар асоси ғояҳо ва таълимоти ин мутафаккирон бино кардаанд. Дар осори худ Сайид Қутб назарияи ду марҳалаи инкишофи ҷомеаи исломӣ, ҳамчунин назарияи бунёди давлати исломиро чун татбиқи ҳокимияти илоҳӣ ва ҷиҳодро роҳи ягонаи бунёди чунин давлат баён кардааст, ки равияҳои муосир онҳоро ба асос гирифта, стратегияи амали худро бунёд кардаанд.

Назарияи Абу Ало ал-Мавдудии покистонӣ низ ба воситаи китоби «Низоми ислом»-аш дар байни ифротгароён хеле шуҳрат дорад. Мавдудӣ назарияи «умма»-ро чун назарияи миллатгароии исломӣ қаламдод намуда, нишон медиҳад, ки ислом ва миллатгароии муосир хилофи ҳамдигаранд. Миллатгароии исломӣ иттиҳоди тамоми мусулмонон, яъне умма мебошад. Бино бар ин, онҳо бояд дар «Дору-л-ислом» муттаҳид шаванд ва шакли сиёсии муттаҳидшавии онҳо “Давлати исломӣ” аст.

Исломгароӣ (исломизм) дар назарияи салафия таъкиди бештари худро пайдо кардааст, ки мағзи онро бунёди ҷомеаи исломии давраи Пайғамбар ва хулафои рошидин ва давлати исломӣ ташкил медиҳад. Ғояи «салафи солеҳ»-ро Усома Ибни Лодан истифода карда, равияи Толибонро зери таъсири он қарор додааст. Имрӯзҳо пайравони равияи салафия дар аксари кишварҳои Осиёи Миёна, аз ҷумла дар Тоҷикистон, вуҷуд доранд. Ин равия нисбат ба дигар равияҳо дар Осиёи Марказӣ муассиртар аст, зеро ғоя ва таълимоти он аз равияи анъанавии динии минтақа хеле кам фарқ мекунад.

Ҷомеаи анъанавии кишварҳои минтақа ба буҳрони амиқ мувоҷеҳ шудааст. Ин ҷомеа имрӯз қобилияти муқовиматро дар он шакле, ки вуҷуд дорад, аз даст додааст ва дараҷаи дониши динии онҳо ҷомеаи диндори муосирро камтар қаноатманд месозад. Бунёдгароӣ ё фундаментализми исломӣ дар Осиёи Марказӣ хеле фаъол буда, мавқеи руҳониёни исломи анъанавиро маҳдуду танг карда истодааст, зеро руҳониёни суннатӣ ба тақлид машғул буда, аз шарҳи ҳадисҳои нав канораҷӯӣ мекунанд. Усулгароён (бунёдгароён) ба бунёди ҷомеаи «исломи ормонӣ» даъват мекунанд. Гуруҳҳои васеи иҷтимоӣ зимни муосирсозӣ (модернизатсия)-и ҷомеа аз истеҳсолот ба таври куллӣ ба канор партофта шудаанд, ки онҳо базаи иҷтимоии усулгароёнро ташкил медиҳанд.

Равияҳои исломгарое, ки барои бунёди хилофат талош мекунанд, дар ҷумҳуриҳои туркзабон таъсири бештар доранд, зеро хилофати усмонии туркиро чун хилофати исломӣ мешиносанд. Аз ин ҷо таваҷҷуҳи онҳо ба равияи Ҳизби таҳрири исломӣ бештар аст. Бинобар ин, онҳо намунаи беҳтарини хилофат – хилофати усмониро медонанд. Вақтҳои охир шумораи афзояндаи нашрияҳои марбут ба бархӯрди эҳтимолии ду тамаддуни ба ҳам зид (ҷаҳони Шарқу Ғарб ё ҷаҳони ислому масеҳ) зуд ба муомилот ворид мешаванд ва аксар вақт ҳамчун муродифи ибораҳое чун «бунёдгароии исломӣ», «ифротгароии исломӣ» ва «терроризми исломӣ» истифода мешаванд. Дар ин вазъият, барои як фарди оддии ғайриисломӣ ҳудуди байни ифротгароии исломӣ, бунёдгароии исломӣ ва эътиқоди исломӣ тадриҷан хира

шудан мегирад. Баъзе нашрияву рӯзномаҳои ҷаҳон ошкоро ҷаҳони исломро бо ҷаҳони ба истилоҳ «пешбари» Аврупо муқобил гузошта, ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиши ҷиддӣ мувоҷеҳ кардааст. Ибораи «ифротгароии исломӣ» касро ба ин андеша водор мекунад, ки агар шахс исломро эътироф кунаду мусалмон бошад, пас вай ифротгаро ё экстремист аст. Масалан, агар дар Англия бетартибиҳои протестантҳо доир гарданд, дар ин кишвар истилоҳи «ифротгароиҳои протестантҳо «(ё экстремизми протестантӣ») истифода намешавад, балки фақат ҳамчун бетартибиҳои оммавӣ ёд мешаванд. Падидаҳои рухдодаистодаро таҳлил карда, кас беихтиёр ба чунин хулоса меояд, ки худи ҳаёт аксар вақт мусалмононро маҷбуран ба сӯи бунёдгароӣ тела медиҳад. Тамоюли нодурусте, ки дар илми сиёсатшиносии муосир ба махлут кардани чунин мафҳумҳое, ба мисли «бунёдгароии исломӣ» ва «ифротгароии исломӣ», роҳ медиҳанд, ба назари ман, дуруст нест. Бунёдгароӣ ё фундаментализм як падидаест, ки на танҳо ба дини ислом, балки ба дигар дину мазҳабҳо низ хос буда, сабаби зуҳури он зиддиятҳои байни шуури оммавии анъанавӣ (ё консервативӣ) ва тағйиротҳои муосири воқеияти муҳити атроф мебошад [81, с.30, 31].

Сабаби афзоиши нуфузи бунёдгароии исломӣ дар Осиёи Марказӣ ин бӯҳрони сиёсию маънавии ҷомеа мавҷуда мебошад. Дар ислом бисёриҳо мехоҳанд, ки гунаи наве (алтернатив) ба зиндагии имрӯза пайдо кунанд: ҳукуматҳои нави миллӣ то ҳол пурра ҷавобгӯи интизориҳои мардуми худ нашуданд.

Мавҷи муосиршавии ҷумҳуриҳои пасошӯравӣ дар Осиёи Марказӣ, рӯ ба сӯи бозор ва арзишҳои Ғарб шудани ҷомеа, ба тақсимоти иҷтимоии анъанавии ҷомеа сохторҳои нав ва гуруҳҳои манфиатдор илова гардиданд, ки дар натиҷа ба пайдоиши субъектҳои комилан нави низоми сиёсӣ мусоидат намуд. Аммо муҳимтар аз ҳама, ин тағйирот холигии ғоявиеро ба вуҷуд овард, ки онро ақидаҳои мухталифи динӣ ва пеш аз ҳама ғояҳои бо ном «исломӣ» пур карданд, ҳизбу ҳаракатҳои гуногун зуҳур карданд, ки микдори онҳо хеле зиёданд.

Яке аз сабабҳои аз нав сиёсисозии ислом дар Осиёи Марказӣ ин аст, ки таркиби аҳолии ҷумҳуриҳоро миллатҳои гуногун ташкил медиҳанд. Ислом дар минтақа ҳанӯз вазифаи муттаҳидсозии худро пурра иҷро накардааст ва омили бунёдкунандаи давлат нест, аммо баъзе гуруҳҳо дар ин ҷода кӯшиши зиёде ба харҷ дода истодаанд, ки исломро ба чунин омил табдил диҳанд. Таҳлили равандҳои марбут ба сиёсисозии ислом дар фазои пасошӯравӣ ба мо имкон медиҳад, ки се сенарияи асосии рушди вазъро баён намоем: қабилавӣ-минтақавӣ; мухолифини қудрат; сенарияи иштирок дар мунокишаҳои беруна. Тибқи сенарияи қабилавӣ-минтақавӣ, сиёсисозии ислом бояд асосан тавассути Тоҷикистон интишор меёфт. Пояи асосии иҷтимоии исломи сиёсишуда дар Тоҷикистон баъзе элитаи минтақавӣ гаштанд, ки пас аз ба даст овардани истиқлолият ба таври кофӣ ба ҳукумат ворид карда нашуданд. Дар натиҷа, намояндагони гуруҳҳои мухолиф аз рӯҳониёни ислом, ки як нерӯи ҷиддии сиёсӣ дар кишвар буданд, фаъолона дастгирӣ карданд. Намояндагони гуруҳҳои мухолиф, таблиғоти арзишҳои исломиро барои пешбурди манфиатҳои асосии худ истифода карданд. Ғайр аз ин, мухолифони исломгаро низ пешвоёни мувофиқ ва мӯътабареро пайдо карданд. Охируламр, зиддиятҳои шадиди табақавию гуруҳӣ дар ҷомеаи Тоҷикистон ба вуҷуд омаданд, ки боиси задухӯрдҳои дохилимиллӣ ва ҷанги шаҳрвандии чандинсола гардиданд [233, с.56].

Дар Осиёи Марказӣ сиёсисозии ислом мушоҳида мешавад ва ислом ҳамчун неруи зиддиҳокимиятӣ дар давлатҳои минтақа ба назар мерасад. Ин сенария дар фаъолияти Ҷунбиши Исломии Узбакистон, ки ҳадафи асосии он сарнагун кардани қудрати сиёсӣ дар ҷумҳурӣ мебошад, баръало намоён аст. Дар ин вазъият ин неруҳо шиорҳои исломиро ҳамчун воситаи муборизаи сиёсӣ ба миён гузоштанд, аммо ба фишори шадиди мақомоти расмӣ дучор омада, маҷбур шуданд, ки ба амалиётҳои пинҳонӣ гузаранд. Ҳаракати исломии Узбакистон ҳеҷ гуна имкони ширкат дар муборизаи кушоди сиёсӣ барои қудратро наёфта, усули дигари муборизаи сиёсӣ – даҳшатафканӣ ё худ терроррo интихоб кард. Барои фаҳмидани ин тактика, бояд ба гузаштаи

наздик назар афканед. Мақомоти расмӣ-сиёсии Ӯзбекистон дар оғози ташаккули худ раванди исломигардонии аҳолиро фаъолона дастгирӣ карданд: кушодани масҷидҳо, маърифаткунонии динии мардум сахт дастгирӣ ёфт; дар Фарғонаи Узбекистон ба фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятии динӣ иҷозат дода шуд, ки аллакай ба раванди танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар сатҳи маҳаллӣ ширкат меварзиданд. Ташкилотҳое ба мисли «Ислом Лашкарларӣ» (Ҷанговарони Ислом) ва «Тавба» аз ин вазъият истифода бурда, «бо мақсади кӯмак ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқи маҳаллӣ дар ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ» воҳидҳои нимнизомӣ таъсис доданд. Ин ташкилотҳо на танҳо дар байни аҳолии маҳаллӣ, балки дар байни мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ низ, ки ба онҳо кумак мекарданд, эътимод пайдо карданд. Ба нерӯи воқеии сиёсӣ табдил ёфта, ин ташкилотҳо дигар ба нақши «ёрдамчӣ» будан қаноатманд намешуданд; онҳо борҳо кӯшиши ба даст гирифтани ҳокимиятро карданд, ҳатто ҳолатҳое буданд, ки мақомоти маҳаллиро ошкоро аз пой андохта, талаб карданд, ки тамоми ваколатҳо ба ихтиёри онҳо дода шаванд. Оқибат чунин фаъолияти онҳо бо муқобилтяти шадиди мақомоти расмӣ рӯ ба рӯ шуд. Дар чунин вазъ мақомоти расмӣ усулҳои шадидро истифода бурда, ҳама муассисаҳои диниро ба таври номуайян бастанд ва ҳамаи пешвоёни динро пай дар пай таъқиб карданд. Дигар усулҳои демократии мубориза барои қудратро наёфта, ҷунбишҳои диниро ҳукумати расмӣ ба сӯи ифротгароии шадид равона кард. Айнан чунин падидаҳо дар Тоҷикистон рух дод. Дар ин ҷо низ ислом бо заминаи муносиби ғоявӣ (идеологӣ) барои мухолифин ва террор ягона роҳу усули мубориза барои ба дастовардани қудрат гардид [111, с.74; 145, с.21; 165, с.31; 166, с.23].

Тарҳи сенарияи «иштирок» дар мунокишаи беруна асосан барои он кишварҳои минтақаи пасошӯравӣ хос аст, ки дар онҳо барои сиёсисозии ислом заминаи кофӣ мавҷуд нест. Аммо, бинобар наздик будани ин ё он «нуқтаҳои гарм» ба онҳо, хатари воқеии истифодаи кишварашон аз ҷониби ифротгароёни «берун аз сарҳад» вуҷуд дорад. Сенарияи «ҷалбсозӣ» воқеан дар Қирғизистон амалӣ карда шуд. Падидаҳои солҳои 1999, 2000 дар

минтақаҳои Ботканд ва Ҷалолободи Қирғизистон намунаи усули «домино» - ро тасдиқ карданд, вақте ки як маркази бесуботӣ дар Осиёи Марказӣ тадриҷан ба минтақаҳои наздик таҳмил гардид. Дар густариши ин сенарияҳои сиёсисозии ислом дар фазои пасошӯравӣ пайдарпайии мантиқӣ вуҷуд дорад. Гузашта аз ин, ин ё он сенария дар як давлати муайян ба андозаи бештар на аз рӯи меъёри «таблиғ», балки аз рӯи усули «мутобиқшавӣ» ба шароити мушаххаси иҷтимоӣ-сиёсӣ амалӣ мешавад. Аз гуфтаҳои боло дида мешавад, ки дар афзоиши ифротгароии динӣ-мазҳабӣ на бунёдгароии исломӣ, балки сиёсисозии он мусоидат мекунад.

Эмиссарҳои «Ҳизбу-т-таҳрир», ки дар байни аҳолӣ варақаҳои тарғиботии худро паҳн карда, ба итоат накардан ба мақомоти расмӣ ва ба ҷиҳод алайҳи ҳукумати давлати худ даъват мекунанд, на онҳоеанд, ки ҳар рӯз панҷ вақт намоз мегузоранду ба Макка ба ҳаҷ мераванд, балки он шаҳрвандони бидуни маълумоти кофӣ ва бе шуғли коре ҳастанд, ки барои паҳн кардани ин варақаҳо аз ҷониби кишварҳои абарқудрати дар ин минтақа манфиатҳои ҷуғрофӣ-сиёсӣ дошта пул гирифтаанд. Ба қаламрави Қирғизистону Ӯзбекистон на онҳое зада даромадаанд, ки «исломро пок кардан» мехоҳанд (ба маънои аслии калима), балки онҳое ҳастанд, ки бевосита аз ин амал пулҳои калон ба даст меоранд. Масалан, аз фармондеҳи гурӯҳи ҷангиёни кушташуда дар кӯҳҳои Чаткали минтақаи Ҷалолобод, зиёда аз 5000 доллари амрикоӣ дарёфт гардид, ки ӯ эҳтимолан онро пас аз ба охир расидани «маърака» ба аъзоёни гурӯҳ тақсим кардан мехост. Дар ҷойҳои гирдомадаи ҷангиён боқимондаҳои маводди мухаддир: ампулаҳо бо доруҳои дорои маводди нашъаовар, сӯзандоруҳои истифодашуда, боқимондаҳои ҳашиш ва ғ. ёфт шуд, ки аз гурӯҳи нашъамандони оддӣ ва ҷиноятпеша будани ин гурӯҳҳо шаҳодат медиҳад. Онҳо мехоҳанд ҷиноятҳои худро бо номи «исломи пок» пӯшонанд.

Бо истифода аз иборахое чун «ифротгароии исломӣ», «таҳдиди ҳамлаи исломӣ» ва ғ., пеш аз ҳама васоити ахбори омма ва баъзе олимон, вазъиятро боз ҳам буғранҷ мекунанд. Агар имрӯзҳо мо доимо фақат дар бораи

пархошгарии ислом сухан ронем, рӯзе фаро хоҳад расид, ки чунин хатару таҳдиде воқеан амалӣ хоҳад шуд, зеро ин омил таъсири баръакс хоҳад дошт. Сабаби чунин вазъият аксар вақт дар мавҷуд набудани методологияи таҳияшудаи таҳқиқ дар соҳаи илмҳои ҷамъиятӣ мебошад.

Ҳастанд душманону муқобилони нухбагоне (контрэлитаҳо), ки барои ба қудрат расидан аз ҳама гуна василаҳо истифода мекунанд ва дин барои онҳо яке аз чунин василаҳост. Вақте ки сиёсат бо дин махлут мешавад, оқибати он хеле хатарноку мудҳиш хоҳад буд. Низоъҳое, ки дар мадори худ омили диниро ба кор мегиранд, шадидтарин шакли хатарро барои ҷомеа эҷод мекунанд, зеро истифодаи арзишҳову меъёрҳои динӣ низоъҳоро «муқаддас» мегардонанд ва онро бар зидди тамоми меъёрҳову арзишҳои инсонӣ равона мекунанд. Албатта, муқаддас сохтани низоъ ё ҷанг бар зидди душмани таҷовузкори беруна барои наҷоти як давлату миллат бисёр зарур аст ва ин яке аз муҳимтарин василаи ваҳдати миллату давлат ва ғалаба бар душмани таҷовузкор хоҳад буд. Аммо, ҳангоме ки як душмани таҷовузкори беруна барои сарнагун кардани кишвари дигаре муқаддасоти динии худи ин кишварро моҳирона истифода мебаранд, бисёр хатарнок хоҳад буд. Дар даврони муосир кишварҳои абарқудрати ҷаҳонӣ барои ҳокими кулли ҷаҳон гардидан маҳз аз ҳамин василаҳо истифода мебаранд. Онҳо бидуни як исрофоти зиёдатӣ фарзандони бетаҷрибаи як давлату миллатро бар зидди худи ҳамон миллату давлат истифода мебаранд ва ба ҳадафу ғаразҳои нопоки худ расидан мехоҳанд. Падидае, ки «ифротгароии динӣ» ном дорад, дар асл танҳо ифротгароии сиёсист, ки динро ҳамчун як идеологияи асосноксозандаи таҷовуз ба худ ҷалб кардааст. Тавре ки маълум аст, кишварҳои абарқудрат на дин ва арзишҳои баланди диниро, балки пешвоёни динӣ ё шахсонеро ба худ ҷалб намуда истодаанд, ки хоҳиши ба қудрат расидан доранд ва ҳавасманд ҳастанд. Мутаассифона, дар ҷаҳони муосир, ки аз ҷиҳати ахлоқӣ хеле заиф шудааст, бисёр арзишҳои баланди инсонӣ аз ҷониби кишварҳои абарқудрат бар зарари худи инсоният истифода мешаванд. Маҳз кишварҳои абарқудрат,

ки аз истифодаи ҳеч гуна василаҳо барои ҳукмрони ҷаҳон шудан ор намекунанд, аз дин бар зидди инсоният истифода мебаранд.

Тавре ки муҳаққиқи маъруфи ҷанбаҳои сиёсии дин А. Малашенко қайд кардааст: «қобилияти дин барои сафарбар кардани мардум ба амалҳои сиёсӣ онро омили бузурги тавлидкунандаи ҷанг месозад». Пурсиши табиӣ ба миён меояд: чаро дин имкон медиҳад, ки он ҳамчун абзори таҷовуз истифода шавад? Посух низ бисёр равшан аст: илм абзор ё василае ҳаст, ки агар инсоният ва ё фарди мушаххас онро барои манфиати ҷомеа истифода барад, ҷаҳонро ободу дилҳоро мунаввар мегардонад. Аммо агар шахсе ё гурӯҳе ё ҳатто давлате илмро бар зарари инсону инсоният ба кор гирад, тамоми ҷаҳонро ба гӯристон табдил дода метавонад. Аз як корд духтуру ҷинояткор ба навъи гуногун истифода мебаранд: духтур бо ин корд метавонад садҳо ё ҳазорон нафарро аз марг наҷот бахшад, вале ҷинояткор бо ҳамин корд метавонад ҳазорон касро ба қатл расонад. Яъне, тамоми василаву абзорҳои дунёро метавон ё бар зарари инсону инсоният ба манфиати он истифода бурд; фарқ фақат дар он аст, ки ин василаву абзорҳо дар дастони кӣ ё киҳо қарор доранд: шахсони боилму бофарҳанг ё баръакс.

Ғоя ё идеологияи бозгашт ба сохти иҷтимоӣ ва тартиботи даврони чор халифаи рошиди одил маҳз дар байни камбизоатони Осиёи Марказӣ тарафдорони бешумори худро ёфтааст. Бояд гуфт, ки сарчашма ё сабабҳои зуҳури ифротгароии динӣ ин пеш аз ҳама вокуниши қишрҳои осебпазири ҷомеа ба шароити иҷтимоию иқтисодӣ мебошад, ки онҳоро ба қашшоқии оммавӣ оварда расонида, ба як навъ изҳори эътироз водоштааст. Пеш аз ҳамлаи Шуравӣ ба Афғонистон, ҳаракатҳои тундравҳои исломӣ асосан хосияту моҳияти зиддиғарбӣ доштанд, ки онро роҳбарияти ҳарбӣ-сиёсии Шуравӣ хуб дарк мекард. Аммо, идеологияи зиддикоммунистӣ хеле қавитар гардида, боиси пайдоиши иттифоқ байни амрикоиҳо, мусалмонони тарафдори Ғарб ва исломгароёни радикалии зидди Ғарб шуд. Риёз ва Вашингтон фаъолони тундгарои исломиро аз Ховари Миёна ба Осиёи Марказӣ интиқол дода, дар ҳамоҳангӣ ва иттифоқ бо Исломобод ба ҳаракати

муқовимати Афғонистон ёрӣ расониданд. Дигар кишварҳои минтақа низ онҳоро дастгирӣ карданд. Матбуоти даврии ин кишварҳо бо даъватҳо барои муттаҳид кардани мусалмонон ба муқобили қудрати сурх дар Афғонистон ва ғасбкориҳои Шуравӣ пур карда шуд. «Бародарони мусалмон»-и Миср аъзои гуруҳҳои зархарид шуда, ба Афғонистон интиқол дода шуданд [48, с.167; 80, с.82-90].

Тундравҳои исломӣ, ки дар сафҳои худ зиёда аз 35 ҳазор нафар иштирокчиёни рӯйдодҳои Афғонистонро ташкил медоданд, бо амрикоиҳо ва саудиён ба муқобилият бархостанд. Дар натиҷа, созмонҳои ифротгаро бо роҳбарии Усома Бин Лодан дар баробари чораҳои аввалиндараҷа, амалҳои террористиро ба нақша гирифтанд, аз ҷумла ҳамла ба сафоратхонаҳои Амрико ва сӯиқасд ба ҷони амрикоиҳо дар саросари ҷаҳон.

Имрӯз дар як қатор кишварҳо тундгароёни исломӣ дар сари қудрат қарор доранд ва дар аксари дигар кишварҳои исломӣ мухолифини давлату ҳукумати худ мебошанд. Амалияи созмонҳои тундгарои исломӣ нишон медиҳад, ки амалҳои густардаи онҳо алайҳи суннатҳои бегонаи исломӣ равона шудааст, ки гӯё ин суннатҳои бегона динро вайрон карда, пояҳои зиндагии мардумро вайрон мекунанд. Ифротгароёну тундравони исломӣ нисбати ҷаҳони навзуҳур ва зиддиятҳои он назари хосси худро доранд; онҳо раванди гуфтушунид ва ҳалли мусолиматомезро ҳамчун усули ҳалли низову мунокишаҳо рад мекунанд. Мубаллиғону идеологҳои исломи тундгаро бар онанд, ки муносибатҳои сулҳомез танҳо пас аз сарнагун кардани ҳама гуна ҳукуматҳои ғарбгаро ва ташкили давлати исломӣ бо усулҳои идораи хилофат имконпазир асту халос. Аз ин рӯ, онҳо мегӯянд, барои режимҳое, ки ормонҳои муосири Ғарбро пиёда карданианд, танҳо як посух аз ҷаҳони ислом вуҷуд дорад – ҷанги муқаддас дар роҳи Худои Қодир. Барои ноил шудан ба ин ҳадаф, созмонҳои ифротгарову тундгарои исломӣ мардумро ба муттаҳидшавӣ дар ҷамоатҳо, ақибнишинӣ ба ҷойҳои хилват ва мубориза барои ба даст овардани қудрат даъват карда, истифодаи ҳама гуна усулҳои

мавҷуда (интихоби парлумонӣ, террори оммавӣ)-ро зарур мешуморанд, то ин ки мақомоти расмиро ба итоат водор созанд.

Ифротгароёну тундравони исломӣ ҷиҳодро барои он муқаддас меноманд, ки мусалмон ҳаргиз набояд ба ғайримусалмон итоат кунад ва агар итоат кунад, пас ҳама талошҳои мусалмон дар роҳи Ҳақ ва ҳақиқат бенатиҷа аст: намозу рӯза, дуову закот ва дигар аъмоли парҳезгории ӯ аз ҷониби Худованд пазируфта нахоҳад шуд, зеро ӯ на ба Худованд ва қонунҳои шариат, балки ба кофирон итоат мекунад. Ифротгароён барои ин гуфтаҳояшон аз оёти Қуръон ва ҳадисҳои паёмбар истинод меварзанд. Ифротгароёни динӣ бар онанд, ки Худованд гуфтааст: «Пас, кофиронро фармон мабар ва бо онҳо ба ҳукми Худо ба ҷиҳоди бузург ҷиҳод кун!» [82]. Идеологҳои ифротгароии исломӣ тафсир мекунанд, ки кофирон ҳама ғайримусалмонон ва сарварони давлатҳо ҳастанд, ки на аз рӯи қонунҳои шариат, балки тибқи қонунҳои навиштаи мардум ҳукумат мекунанд. Аммо Худованд гуфтааст: «Бигӯед: «Мо ба Худо ва ба он чи ба сӯи мо фуруд оварда шуд ва он чи ба сӯи Иброҳим ва Исмоил ва Исҳоқ ва Яъқуб ва наберагони (Яъқуб) фуруд оварда шуд; ва низ ба он чи ба Мӯсо ва Исо ва паёмбарон аз тарафи Парвардигорашон дода шуд, имон овардаем. Дар миёни ҳеч кас аз онҳо ҷудоӣ намеафканем. Ва мо барои Ҳақ фармонбардорем» [82].

Тибқи идеологияи ифротгароии исломӣ, мусалмон на танҳо бояд ба кофирон итоат накунад, балки ӯ вазифадор аст, ки бар зидди онҳо мубориза барад, яъне ҷиҳод кунад, ки маънои муборизаи мусаллаҳонаро дорад. Ва дар Қуръон омадааст: «Эй мӯъминон, Худоро фармонбардорӣ кунед ва Пайғамбуру фармонравоёнро (амирони мусалмонро) аз ҷинси хеш фармонбардорӣ кунед!...» [82]. Мувофиқи тафсирҳо, ҳар кӣ салоҳият дорад, аз ӯ бояд итоат карда шавад ва ин маънои риояи қонуният ва тартиботро дорад, яъне, ба сохторҳои давлатӣ. Ҷиҳод (саъйю кӯшиш, талош) аслан ҳамчун мубориза барои дифоъ ва густариши ислом фаҳмида мешавад. Ба андешаи муфассирону муҳаддисон «ҷиҳоди акбар» (муборизаи ботинӣ-маънавии ҳар як инсон алайҳи нафси амораи хеш) ва «ҷиҳоди асғар» (ғазавот

– ҷанги муқаддас барои ислом) вуҷуд дорад. Тибқи ҳадиси паёмбар: «Мо аз ҷиҳоди асғар баргаштем, то ин ки ба ҷиҳоди акбар шурӯъ кунем» [33, с.127]. Уламои дин ҷиҳодро ба чанд навъ ҷудо кардаанд: 1) «ҷиҳоди даст» – ҷиҳод дар майдони набард барои дифои ҳаёт ва моли хеш ва мардум; ҳимояи давлату миллат аз ҳуҷуму ғасби душмани барои муӯъмин ҳатмист; 2) «ҷиҳоди дил» – мубоизаи ботинӣ-маънавии ҳар як инсон алайҳи нафси амораи хеш; 3) «ҷиҳоди шамшер» – ҷиҳод ё мубоизаи ҳарбӣ ҳангоме раво мегардад, ки дар ягон кишвари исломӣ ба мусулмонон ба дини худ амал карданро манъ карда бошанд; 4) «ҷиҳод бо забон» – итоат аз амри маъруфу наҳйи мункар; 5) «ҷиҳод бо маърифати худ» – омӯзиши улуми мухталиф, ки ба манфиати инсон ва такомули маънавии ӯ кӯмак кунад; 6) «ҷиҳод бо молу мулк» – ҳалли масоили мубрами иҷтимоӣ ва фардӣ бо ёрии пулу мол. Дар айни замон, ҷиҳод маънои сафарбар кардани қувваҳо ва воситаҳо барои таҳкими амнияти миллӣ, пеш аз ҳама дар соҳаҳои иқтисодӣ ва ҳарбӣ, дар доираи кофии мудофиа мебошад. Ҷиҳод инчунин аз рӯи масъалаҳои мушаххаси афзалиятноки иҷтимоию иқтисодӣ, масалан, рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ, мубориза барои ҳосил анҷом дода мешавад. Ифротгароён ҳамеша як ҳадаф доранд – сарнагун кардани ҳукумати номатлуб ва ташкили режими ифротӣ (ҳамон режиме, ки абарқудратҳо барои ба даст овардани манфиатҳои хеш ба онҳо дикта мекунанд). Барои асосноккунии маънавии амалҳои худ, онҳо ба эътиқоди бунёдсозии ҷомеаи ягонаи қонунии иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳарбӣ ва динии ҳамаи одамони ҷаҳон – ҷомеаи мусулмонон («уммат»), ки бо ҳудудҳои ҷуғрофӣ маҳдуд нахоҳад буд, такя мекунанд. Ба гуфтаи тарафдорони ғояҳои ифротгароии динӣ, марзҳои кишварҳое, ки тундгароён ҳукмронӣ мекунанд, бояд тадриҷан васеъ шаванд ва дар ояндаи наздик ин марзҳо бояд аз Албания ва Босния то Осиёи Марказӣ ва Қафқоз тӯл кашад. То соли 2100, дар рӯи замин бояд як давлати ягонаи исломӣ вуҷуд дошта бошад – хилофат, барои ноил шудан ба ин ҳадаф бояд тамоми нерӯҳои ифротгарои исломӣ муттаҳид карда шаванд. Давраи исломие, ки онҳо пешбинӣ мекунанд, ҷавононро бештар ҷалб мекунад. Мувофиқи маълумоти

муҳаққиқон ва гузоришҳои ВАО, аз 50 то 80 фоизи ташкилотҳои экстремистиро дар Ховари Миёна ҷавонони аз 17 то 28 сола ташкил медиҳанд. Ба назари мо, дар ин ҷо омилҳои демографӣ ва иҷтимоӣ нақш мебозанд. Дар кишварҳои Шарқ, ки ҷавонон зиёда аз нисфи аҳолиро ташкил медиҳанд, мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ ва сатҳи бекорӣ шадидтар мешаванд. Эътирози ҷавонон нисбати чашмандозҳои худ ва ҳисси беадолатие, ки ба худ эҳсос мекунанд, хоҳиши ба куллӣ тағйир додани режимҳои мавҷударо бедор мекунад ва дар ботини онҳо андешаи бозгаштан ба «асри тиллоии хилофат» тавассути ҷанги муқаддас зуҳур мекунад (алатта бо ёрии таблиғоти тундгароёну ифротгароён). Масалан, дар байни тамоюлҳое, ки ба рушди фазои конфессионалии Қирғизистон таъсир мерасонанд, метавон қайд кард, ки мавзӯи хатари ифротгароии динӣ хусусиятҳои нав пайдо мекунад. Бисёр ҷиддӣ будани ин хатарро ҳам далелҳои паҳн шудани ғояҳои оппозитсионии динӣ дар байни аҳолӣ ва ҳам таваҷҷӯҳи мақомот ба чораҳои пешгирии паҳншавии ин ақида гувоҳӣ медиҳанд. Дар ин замина, баррасии мавзӯи ифротагроии динӣ ҳамчун падидаи шуури ҳошияӣ ҷолиб ба назар мерасад. Нақши омили динӣ дар тамоми фазои пасошӯравӣ хеле афзуда истодааст. Қисми зиёди аҳолӣ барои эҳёи арзишҳои анъанавӣ ва асосҳои ахлоқии ҷомеа маҳз тавассути дин талошҳои зиёде доранд. Нақш ва мавқеи дин дар низоми муносибатҳои иҷтимоӣ тағйир ёфта истодааст. Мурочиат ба ҳувияти динӣ натиҷаи табиии тағйирёбии низоми иҷтимоию сиёсӣ ба шумор меравад. Ҳувияти динӣ ҳамчун ифодаи бениҳоят мутамаркази ҷаҳонбинии шахс ва моҳияти ботинии масъалаҳои мубрами ҳаёт ӯро фаро мегирад. Ин ҳувият яке аз роҳҳои мумкини рӯҳан наздик кардани худ бо одамони атроф дар сатҳи инфиродӣ мебошад. Аммо афзоиши ҳувияти динӣ ва баланд шудани шуури динии ҷавонони Қирғизистон сабаби таҳти таъсири ифротгароии динӣ қарор гирифтани шуури ҷавонон мешавад, ки ин худ як навъи аксуламал ба муосиршавии иҷборист.

Таъсирасонии пинҳонӣ ба раванди исломикунонии фазои динии ҷомеа дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ аз ҷониби қувваҳои муайяни як қатор кишварҳои Ғарб собит гардидааст. Кишварҳои Ғарб саъйю талош доранд, ки манфиатҳои сиёсӣ ва геополитикии худро бо ҳар роҳе, ки имкон дорад, ҳатто бо роҳи истифода ва ҷалби гурӯҳҳои динӣ-ифротгароӣ дар ин минтақаи ҳаётан муҳим ҳифз кунанд. Пӯшида нест, ки дар арсаи байналмилалӣ (махсусан дар кишварҳои араб ва дар дигар минтақаҳои ҷаҳон) зуҳур ёфтани ҳаракатҳои динӣ-ифротгароӣ, монанди Толибон, «Давлати исломӣ», салафия, «Ал-Қоида» (ИМА, Покистон), пайдоиши ваҳҳобия (Англия) натиҷаи корҳои хадамоти кашшофии кишварҳои Ғарб маҳсуб меёбад [90, с.194].

Дар маҷмӯъ, бояд қайд кард, ки аз солҳои 90-уми асри XX сар карда, барои Осиёи Марказӣ давраи фаъолшавии ифротгароии сиёсӣ оғоз ёфт. Эҳтимол ин минтақа назарияи Згибнев Бжезинскийро дар бораи мавҷудияти «минтақаи глобалии паҳншавии зӯроварӣ» исбот кунад. Агар қаблан маҳалли марказии ташаннуҷ ва ифротгароии тундравони исломӣ кишвари мо Тоҷикистон бошад, акнун марзҳои ин марказ ба таври назаррас васеъ шуда, аввал Узбакистон ва дувум Қирғизистону Туркманистон ва сипас Қазоқистонро низ фаро хоҳад гирифт. Барои ин давлатҳо ифротгароии сиёсӣ акнун таҳдиди фарзияӣ нест, балки воқеияти бераҳмонаест, ки бори дигар ақидаи фиребанда будани амнияти минтақавии мавҷудбударо тасдиқ кардааст. Бо итминони комил гуфтан мумкин аст, ки ин кишварҳои минтақа дар арафаи озмоишҳои ҷиддие қарор доранд, ки онҳо ҳеҷ гоҳ бо он дучор наомада буданд.

Ба рушди ифротгароӣ ва терроризм ба ҷуз омилҳои дохилӣ, омилҳои хориҷӣ низ таъсири зиёд дорад. Ҳамин тавр, мо гуфта метавонем, ки ба паҳншавии ифротгароии сиёсӣ ва терроризм ин омилҳои беруна мусоидат мекунанд: 1. Ҷойгиршавии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ наздик ба нуқтаҳои доғи сиёсӣ: Афғонистон, минтақаи худмухтори Синтзян-Уйғур, Тибет, Кавкази Шимолӣ, Кашмир. Аз ин маконҳо хатари паҳншавии

терроризми сиёсӣ ва динӣ вуҷуд дорад. 2. Ихтилофи байнидавлатӣ дар минтақа, ки метавонад ба афзоиши ифротгароии сиёсӣ таъсир расонад.
3. Манфиатҳои ҷуғрофӣ-сиёсии баъзе давлатҳои абарқудрат ба ноустувории вазъи сиёсии минтақа ба хотири заиф кардани ҳукуматҳои маҳаллӣ ва афзудани нуфузи ғоявии хеш. 4. Як хатари дигари паҳншавии ифротгароӣ дар он аст, ки терроризм ва ифротгароӣ тадриҷан ба тиҷорате табдил ёфтааст, ки давлатҳои абарқудрат метавонанд тавассути он маблағи хубе ба даст оранд. Табиист, ки ҳама гуна тиҷорат, ба хусус ин тиҷорат низ фурӯшандагону харидорони худро дорад. Аксар вақт давлатҳое, ки терроризму ифротгароиро барои амалӣ намудани ҳадафҳои ҷуғрофӣ-сиёсии худ истифода мебаранд, ҳамчун харидор баромад мекунанд. Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ин гуна давлатҳоро (ба монанди Сурия, Эрон ё Ливон) ба таври қатъӣ ба ҳайси давлатҳои террористӣ муаррифӣ менамояд, дар сурате, ки худ пинҳониву гоҳе ошкоро террористону ифротгароёнро маблағгузорӣ ва пуштибонӣ мекунад.

Агар ба таърихи «ҷанги сард» назар афканед ва таҳаввулоти бисёр созмонҳои террористиро пайгирӣ кунед, мебинед, ки аксарияти онҳо дар натиҷаи муқовимати глобалии Иёлоти Муттаҳида ва ИҶШС ба вуҷуд омадаанд ва дар ин мубориза созмонҳои террористию ифротгароӣ бозичаҳои дасти абарқудратонанд. Гузашта аз ин, эҷод ва парваришу пуштибонии терроризму ифротгароӣ маҳз ба дӯши ин ду абарқудрат вогузор шудааст. Масалан, маълум аст, ки дар солҳои ҳафтодуми садаи ХХ Маскав борҳо кӯшиш кард, ки гурӯҳҳои курдро муттаҳид созад, то аз онҳо дар муқобили Туркия, ИМА ва НАТО дар Баҳри Миёназамин самаранок истифода барад. Роҳбарони Кумитаи Марказии Ҳизби Комунистии Иттифоқи Шӯравӣ (КПСС) ва Кумитаи Амнияти Давлатӣ (КГБ)-и ИҶШС борҳо мулоқоти роҳбарони ду ҳизби Курдистон – Ҳизби Коргарии Курдистон ва Ҳизби демократии Курдистонро дар пойтахти ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна ташкил карда буданд. Дар робита бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико метавон як ҷанҷоли ҳангомаомезро дар бораи амалиёти махфии «Эрон-Контранс» дар солҳои 80-

уми садаи XX мисол овардан мумкин аст. Масалан, Вашингтон ба силоҳбадастони Никарагуа бар зидди ҳукумати чапгарои сандиночиёни Даниэл Ортега кӯмаки молиявӣ расонда буд. Ҳамчунин метавон дар ин ҷо таърихи машҳури Усома ибни Лоданро ба ёд овард, ки Кохи Сафед ӯро ба рӯйхати террористҳои хатарноктарин дар ҷаҳон шомил карда буд. Ҳол он ки дар солҳои 80-уми садаи XX ин «деви амрикоӣ» бо Идораи Маркази Иттилоот (CIA - Central Intelligence Agency)-и ИМА дар давраи ҷанги Афғонистон бар зидди ИҶШС фаъолона ҳамкорӣ мекард ва дастпарварди ИМА буд.

Мо чунин мешуморем, ки эҳёи ислом ва шуури динии ҷомеа дар солҳои аввали истиқлолият чи дар Тоҷикистон ва чи дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ бо дарназардошти босуръат паҳн гаштани ифротгароии динӣ-сиёсӣ ва ҳаракатҳои сиёсии исломӣ самараи таъсири кишварҳои алоҳида буда, боиси пайдоиш ва инкишофи гурӯҳҳои динӣ-ифротгароӣ дар ҷомеаи тоҷик гашт [90, с.195].

Чуноне ки зикр гардид, дар ҷомеаи муосир ифротгароии динӣ кӯшиш мекунад, ки низоми давлатиро тағйир диҳад ё қудратро бо зӯрӣ ба даст орад, ва тамомияти арзии давлатро вайрон кунад. Ифротгароии динии муосир дар мадди аввал шиорҳои динӣ ба пеш гузошта, баъдтар усулҳои қавии мубориза (аз ҷумла терроризм)-ро барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ истифода мебарад. Бояд гуфт, ки ифротгароии муосири динӣ аз терроризм ҷудонопазир буда, дар даҳсолаҳои охир ифротгароии динӣ бештар ба терроризм ҳамчун воситаи расидан ба ҳадафҳои худ табдил ёфтааст. Далелҳои зиёде вуҷуд доранд, ки аз ифротгароии динӣ ва терроризми динӣ дар Чеченистон, Ӯзбекистон, Югославия, Олстер ва Ховари Миёна истифода шудааст. Террористон на ба ғалабаи ҳарбӣ-стратегӣ, балки асосан ба таъсири равонии амалҳои худ такя мекунанд; онҳо на ба ақл ва далелҳои мантиқӣ, балки ба эҳсосот ва ғаризаҳои одамони мутаассиб ва хурофотӣ, ба сохторҳои гуногуни устуравӣ рӯ меоранд. Моҳияту табиати амалиёти террористӣ тағйир ёфтааст. Тамоюли кунунӣ на ҳамла ба ҳадафҳои мушаххас (масалан, ҳамла ба

пешвоёни ҷониби муқобил) мебошад, балки бидуни равияи хосе ба куштори омма нигаронида шудааст. Усома ибни Лодан ҳамчун бузургтарин созмондиҳанда ва сарпарасти терроризми байналмилалии исломӣ солҳои 2000-ум эътироф гардида буд. Ӯ бо роҳбарии ИМА сарвати азимеро идора мекард ва робитаҳои ифротгароиву терроризми байналмилалиро нигоҳ медошт, фаъолияти ифротгарони исломиро маблағгузорӣ мекард: «Бародарони мусалмон»-и Миср, тундравону бунёдгаронро дар Яман, гурӯҳҳои мусаллаҳи исломӣ дар Алҷазоир, мусалмонони Босния ва ғ. Терроризм имрӯз як силоҳи бисёр пурқувват аст, абзорест, ки на танҳо дар мубориза бар зидди ҳокимияти муайян истифода мешавад, балки аксар вақт худи ҳокимияти муайян барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ аз истифодаи он рӯ наметобад. Акнун терроризм ба терроризми байналмилалӣ, ба бозичаи кишварҳои абарқудрат табдил ёфтааст.

Созмони Ҳамкории Шанҳайро имрӯзҳо ҳамчун механизми ҳамкории бисёрҷониба метавон фаҳмид, ки ба таҳкими сулҳу субот, шарикии созанда ва ҳамкории бисёрҷониба нигаронида шудааст. Ин созмон пеш аз ҳама дар мубориза бар зидди таҳдидҳои амнияти ҷаҳонӣ ва минтақавӣ, аз қабили терроризми байналмилалӣ, ифротгароии динӣ, таҷзияталабии таҳоҷумӣ ва қочоқи маводди мухаддир нақши бузург бозида метавонанд. Боиси хушнудист, ки дар ин Созмони Ҳамкории Шанҳай, ҳамон давлатҳое гирд омадаанд, ки мавқеъ ва сиёсати онҳо ба амният ва рушди устувори Осиёи Марказӣ мустақиман таъсир мерасонад. Терроризми муосири байналмилалӣ, ифротгароии динӣ, сепаратизм ва гардиши ғайриқонунии маводди мухаддир бо афзоиши миқёси фаъолияташон, усулҳо ва воситаҳои мураккаби ноил шудан ба ҳадафҳои хешро мураккабтару «оқилонатар» кардааст. Ин таҳдидҳоро ҳамчун падидаҳои ба ҳам алоқаманд бояд баррасӣ кард, зеро онҳо як реша доранд ва қувваҳое, ки онҳоро пуштибонӣ мекунанд, аз дараҷаи баланди ҳамоҳангсозии нақшаҳо ва амалҳо бисёр амиқ андешидашуда бархӯрдоранд [200, с.126]. Имрӯз метавон бидуни шак тасдиқ кард, ки агар шиорҳои гуногуни ифротгароию тундгароии динӣ ва ғояҳои

ҷудоихоҳӣ пӯшиши идеологии терроризми байналмилалӣ бошанд, пас тиҷорату гардиши ғайриқонунии маводди мухаддир, бешубҳа, дастгирии молиявии терроризми байналмилалӣ мебошад. Торафт бештар аён шуда истодааст, ки мубориза бо ифротгароӣ, гардиши ғайриқонунии маводди мухаддир, ҷинояткории муташаккилона ва терроризми байналмилалӣ, ҷудо кардани як таҳдид аз таҳдиди дигар, кори бисёр бефоида хоҳад буд, алахусус агар дар танҳоӣ бо ин таҳдидҳо мубориза бурдан лозим шавад. Яъне, ҳеч яке аз кишвари Созмони Ҳамкории Шонҳой дар танҳоӣ наметавонад бо таҳдидҳои мазкур мубориза барад ва дар ин ҷанг ғолиб ояд, сарфи назар аз қудрати бузург доштанаш. Гап дар сари он аст, ки таҷрибаи мубориза бо ифротгароиву терроризми байналмилалӣ на танҳо дар минтақаи мо, балки дар минтақаҳои дигар низ шоҳиди он аст, ки ҳама гуна кӯшиши гуфтушунид бо ин нерӯҳои харобкор бо мақсади дар канор мондан ё сабук кардани вазъияти хеш, беҳудаву бесамар хоҳад буд. Дар бораи хатари афзояндаи таҳдиди терроризми байналмилалӣ, паҳн шудан ё аниқтараш, густариши ифротгароии динӣ ва гардиши ғайриқонунии маводди мухаддир сухан ронда, зарур аст бидонем, ки ин нерӯҳо ҷонибдорон ва аъзоёни худро чи гуна ва аз куҷо ҷалб мекунанд? Кадом заминаи иҷтимоӣ ба ифротгарону террористон кӯмак мекунад? Ба андешаи мо, пеш аз ҳама вазъи бади иҷтимоӣ-иқтисодии мардум, мушкилоти демографӣ дар баъзе минтақаҳои камбизоат, бекориҳои оммавӣ, алахусус дар байни ҷавонон, набудани ягон дурнамо – ҳамаи ин сабабҳоест, ки марказҳои гуногуни терроризми байналмилалӣ ва тундгароёну ифротгарони динӣ (ки дар ихтиёри худ моликияти азими молиявӣ доранд) барои амалисозии нақшаҳои ҷиноии худ ба сафҳои худ ҷавонони зиёди камогоҳу бетаҷрибаро ҷалб намоянд. Аз ин рӯ, дар баробари ташкили низоми хуб андешидашудаи мубориза бо суиқасдҳои терроризми байналмилалӣ, тавсеаи ифротгароии радикалӣ, мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводди мухаддир, диққати асосии роҳбарияти кишварҳои Осиёи Марказӣ (ба хусус Созмони Ҳамкории Шонҳой) бояд ба масъалаҳои ташкил ва амиқгардонии низоми ҳамкориҳои гуногунҷабҳаи иқтисодию инсондӯстӣ равона карда

шавад ва мисли дигар соҳаҳои ҳамкорӣ бояд ба умумияти ҳадафҳо ва манфиатҳои тарафайни давлатҳои ин минтақа бартарӣ дода шавад. Дар ин сурат Созмони Ҳамкории Шонҳой дар байни ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ҷои сазоворро ишғол хоҳад кард ва воситаи муассири ҳалли масъалаҳои мубрами рушди минтақавӣ ва ҷаҳон хоҳад шуд.

Ифротгароии сиёсӣ-динӣ ва терроризми байналмилалӣ, ки акнун дар як симо таҷаммӯъ ёфтаанд, дар замони мо ташкилоти пурқудрати низомиро ташкил додаанд, ки ба отрядҳои мусаллаҳи сайёр ва ҷанговарони хуношом такя мекунанд. Маккоронаву ҳиллагарона ва чобуконаву дасисаҷӯёна амал карда, терроризми байналмилалӣ ва ифротгароии сиёсӣ-динӣ усулҳои тахрибкориву диверсияҳои ғоявиро ба майдон кашидаанд. Бахусус, терроризми байналмилалӣ ба афзоиши ифротгароии динӣ ва барангехтани низоъҳои байни миллатҳо диққати асосӣ медиҳад [200, с.126].

Ҳизби Ҳизбу-т-Таҳрир, ДИИШ, Толибон, гурӯҳҳои салафия ва ғ. ҳоло нерӯи зарбазанандаи идеологии терроризми байналмилалӣ дар Осиёи Марказӣ мебошанд. Алхусус, Ҳизбу-т-Таҳрир, ки соли 1953 дар Фаластин таъсис ёфтааст, аз соли 1995 инҷониб ба интиқоли фаъолияташ дар қаламрави Осиёи Марказӣ машғул аст. Кишварҳои Ӯзбакистону Қирғизистон дар маркази таваҷҷӯҳ ва макони фаъолияташ қарор доранд. Дар бораи воруди он ба минтақаҳои мусалмоннишини Руссия маълумоти зиёде мавҷуд аст. Ин ҳизб дар ваҳдати том бо гурӯҳҳои ифротгарову террористии мазкур барои таъсиси як хилофати ягонаи ҷаҳонӣ талош варзида, чунин ба назар мерасад, ки ин нияту ҳадафи худро пеш аз ҳама дар Осиёи Марказӣ пиёда карданист. Фаъолияти Ҳизбу-т-Таҳрир дар аксари давлатҳои мусалмон мамнуъ эълон шудааст. Сохторҳои он, ки тақрибан ба интизоми ҳарбӣ тобеъ аст, бо риояи равишу усулҳои кори дасисаомез, пинҳонӣ амал мекунанд. Дар Қирғизистон дигар созмонҳои ифротгароии динӣ, аз ҷумла равияи ваҳҳобияву салафия пинҳонӣ амал карда истодаанд. Таҷрибаи амалӣ нишон дод, ки равишу усулҳои ҷазодиҳӣ алайҳи ифротгароии сиёсиву динӣ аксар вақт ба ҳадафи худ намерасанд. Аз ҳама афзалтар он аст, ки дар муқобили силоҳҳои ғоявии

ифротгарон бо силоҳҳои ғоявии боз ҳам мукаммалтару муқовиматпазири тавонотаре мубориза бурда шавад ва ба ин васила ин падидаи шуми асри муосир решакан гардад. Ҳамчун мувозии мушобеҳ, метавон ба таҷрибаи анъанавии ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ ишора такя кард. Хушбахтона, алҳол дар Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ муҳақиқоне ҳастанд, ки ошкоро алайҳи ғояҳои таблиғи «Ҳизбу-т-Таҳрир» ва дигар ҳаракатҳои ифротӣ садо баланд мекунанд ва боварӣ доранд, ки ин ҳизбу дигар гуруҳҳои ифротгаро ба мусулмонон зарари калон мерасонанд. Аз ин рӯ, онҳо ҳамеша тавассути ВАО, ба хусус ба воситаи садову симо ва дар масҷидҳои ҷомеъ ба мардум, алалхусус ба ҷавонон ваъзҳои илмӣ, динӣ ва панду ахлоқӣ гуфта, онҳоро рӯ овардан ба асолати динӣ-ахлоқӣ (мазҳаби ҳанафӣ), ки дар ботинаш ҳеч ғояҳои ифротиву зиддиинсонӣ вуҷуд надорад, даъват мекунанд. Бо ифротгарону таҷовузкорон бояд ҳам бо ғояҳои баланди инсонгароӣ ва ҳам бо зӯрии силоҳ мубориза бурда шавад. Ватани азизамонро аз вуҷуди ифротгарони динӣ-сиёсӣ бо нерӯи ақлу хирад, илму ахлоқи солим ва маърифати созанда бояд пок созем.  Имрӯз уламои дини кишварамон муносибати эҳтиромонаи давлатро ба дин дарк ва онро қадр мекунанд.

Ҳамин тариқ, яке аз омилҳои асосии афзоиши ифротгароии динӣ-сиёсӣ, нобасомониҳои сиёсӣ ва коста шудани худшиносии ҷомеа дар Тоҷикистон (дар солҳои аввали истиқлолият) таъсири иҷтимоӣ-сиёсӣ, иқтисодӣ, геополитикӣ ва динии кишварҳои хориҷӣ ба шумор меравад [90, с.196].

Имрӯзҳо тамоми кишварҳои минтақа барои пешгирӣ ва фурӯ нишондани ифротгароӣ ва терроризм чораҳои зиёд андешида истодаанд. Аз ҷумла, низомҳои шиноснома, раводид ва гумрук тақвият ёфта, назорати сарҳадоти кишварҳои Осиёи Марказӣ хуб шуда истодаанд, алалхусус сарҳадоти Тоҷикистон. Фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ тафтиш карда мешавад. Дар ВАО корҳои мақсадноки фаҳмондадиҳӣ бурда мешаванд. Сохторҳои мубориза бо терроризм тақвият ёфта, ба тавонмандии артиши миллӣ диққати зиёд дода шудааст. Аммо ин ҳама фаъолиятҳо, ки дар сатҳи миллӣ анҷом мегиранд, кофӣ набуда, саъйю талоши якҷояи ҳамаи кишварҳои минтақа дар

мубориза бо ин падидаи хатарноки муосир ниҳоят зарур ба назар мерасад. Ба назари мо бояд чораҳои зер низ андешида шаванд: 1. Азбаски дар ин самт пешрафтҳои муайяне ба амал омадаанд, фақат лозим аст, ки аҳаммияти сохторҳои идеологиро баланд бардорем. 2. Диққати ҷиддӣ на ба афзоиши шумораи зиёди кишварҳое, ки ба низоми амнияту ҳамкорӣ шомиланд, балки ба 3-4 кишвари Осиёи Марказӣ додан лозим аст, як низоми воқеан амалкунанда дошта бошанд ва омили тавонои ваҳдати онҳо умумияти манфиатҳо ва хатарҳоест, ки ба ин кишварҳо аз ҳама бештар таҳдид мекунанд. 3. Низоми амнияти минтақавӣ набояд сиёсӣ карда шавад. Ҳадафи асосии он бояд мубориза бо ифротгароӣ, тунгароӣ, бунёдгароӣ, терроризм, қочоқи силоҳу маводди мухаддир, ҷинояткории муташаккилона, муҳоҷирати ғайриқонунӣ бошад. 4. Низоми амнияти минтақавӣ набояд низоми амнияти миллии кишварҳои ба он дохилшударо иваз кунад. Он бояд ба фароҳам овардани шароити максималӣ барои ҳамкорӣ ва иртиботи мутақобил низомҳои амнияти миллӣ, инчунин муттаҳид сохтани кӯшишҳои низомҳои миллӣ барои мубориза бо таҳдидҳои амниятии умумӣ равона карда шавад. 5. Низоми амнияти минтақавӣ бояд дар заминаи боэътимоди молиявӣ бунёд ёфта бошад. Сатҳи саҳми молиявии ҳар як кишвар бояд дақиқ муайян ва қатъиян риоя карда шавад. 6. Бо назардошти вазъи ҷуғрофӣ-сиёсии минтақа ва тавозуни мавҷудаи нерӯҳо, низоми амнияти Осиёи Марказӣ бояд аз якчанд сатҳ иборат бошад. 7. Низоми амнияти минтақавӣ бояд як бахши низоми амнияти байналмилалӣ гардад. Он бояд бо сохторҳои мавҷудаи ҳамкорӣ ва амнияти байналмилалӣ (СММ, САҲА, НАТО ва ғ.) ҳамоҳанг бошад.

Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ва «Форуми Шонҳой» метавонанд заминаи воқеии низоми амнияти минтақавии имрӯза бошанд. Моҳи майи соли 2000 дар Минск президентҳои кишварҳои узви Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ (СААД) дар робита бо ин масъала санадҳои муҳим қабул карданд. Бо назардошти вазъи низомӣ-сиёсии минтақаи Осиёи Марказӣ моҳи октябри соли 2000 дар иҷлосияи Шӯрои Амнияти Дастаҷамъӣ дар Бишкек «Созишнома оид ба вазъи ташаккулёбии қувваҳо ва воситаҳои

низоми амнияти дастаҷамъӣ» ба имзо расид ва «Нақшаи чорабиниҳои асосии ташкили низоми амнияти дастаҷамъии кишварҳои узви СААД барои давраи солҳои 2001-2005” тасдиқ карда шуд. Ин ҳуҷҷатҳо барои баланд бардоштани самаранокии Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ аҳамияти усулӣ доранд. Аммо дар айни замон, суръатиислоҳоти СААД ҳанӯз ба талаботи зарурӣ ҷавобгӯ нест. Ин аз чанд сабаб вобастагӣ дорад: 1. Дар роҳи ҳамкорӣ дар соҳаи амният монеаҳои зиёди бюрократӣ ба вуҷуд меоянд. Аксар вақт ҳадафҳои беҳтарин дар сатҳи пасттарини бюрократӣ нигоҳ дошта мешаванд. 2. На ҳама аъзои Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ таҳдидҳои муштарак доранд. Аз ҷумла, имрӯз мушкилоти ифротгароӣ ва терроризм аз ҷануб барои Беларус ва Арманистон махсусан муҳим нестанд, дар ҳоле ки ин мушкилоти асосии амнияти Тоҷикистон ва Қирғизистон мебошад. 3. Дар роҳи ислоҳоти СААД мушкилоти муайяни молиявӣ вуҷуд доранд. 4. Механизмҳои мушаххаси татбиқи созишномаҳо дар доираи СААД пурра ташаккул наёфтаанд. 5. Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ ҳамчун як сохтори то андозае мушаххас амал мекунад ва маҳдудиятҳои вуруди аъзои нав ба он вуҷуд доранд.

## 1.3. Хусусияти иртиҷоии таълимоти равияҳои динӣ – ифротӣ доир ба муносибати дину фарҳанг.

Ғояҳои ифротгароӣ, ки дар даврони муосир бисёр густариш ёфта, ҷавононро бо роҳу воситаҳои гуногун гумроҳ сохтаву ба коми худ кашида истодааст, имкон дорад, ки ба ин восита оромии кишварамонро барҳам занад ва ба ваҳдати миллию амнияти давлату миллати соҳибистиқлоламон таҳдидҳои ҷиддӣ ворид созад.

Зарурати масъалаи пешгирӣ ва мубориза бар зидди ифротгароӣ ва терроризм Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо дар суханрониҳои худ таъкид кардааст. Аз ҷумла, дар Паёми ба Маҷлиси Олӣ ироадоштаи худ гуфта буд: «Терроризм ва ифротгароии динию мазҳабӣ имрӯз ба як хатари бузурги ҷаҳонӣ табдил ёфта, боиси харобиву куштор ва фирорӣ гардидани ҳазорҳо одамон шудааст. Экстремизм ва терроризм ҳамчун вабои аср хатари ҷиддии ҷаҳонӣ дошта, дақиқ муайян гардидааст, ки террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад, балки таҳдидҳои бузург ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҷони ҳар як сокини сайёра ворид мекунад» [5].

Мутаассифона, ҷавонони мо вақтҳои охир аз сабаби камтаҷрибагию ноогоҳӣ ва гумроҳӣ ба амалҳои зишт, хоссатан майл ба ҷараёнҳои терроristиву ифротгароӣ карда истодаанд ва боиси нигаронии ҷиддии давлату миллат гардидаанд. Ҳаракату ҷараёнҳои ифротгароӣ пайваста талош доранд, ки ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳи ҷомеаро ба доми худ кашида, ҳадафҳои шуму ғаразноки хешро бароварда гардонанд. Пурсида мешавад, ки чаро тамоюли ҷавонон ба гуруҳҳои ифротгаро бештар шуда истодааст? Гуруҳҳои ифротгаро аз чӣ гуна ғояҳо, ҳадафҳо ва стратегияҳо истифода мебаранд, ки барои ҷавонон диққатҷалбкунанда мебошанд? Барои рафъи ин мушкилот чӣ бояд кард? Дар муқобили ғояҳо, ҳадафҳо ва стратегияҳои вайронгару даҳшатноки ифротгароён чӣ гуна ғояҳо, ҳадафҳо ва стратегияҳоро ба кор бояд бурд, то ин ки ҷавонон роҳи дурусти зиндагиро

интихоб карда, аз таълимоти харобиовар ба сӯи андешаҳои солиму ободгар рӯ оваранд?

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ба ин равияҳои номатлуб ҷавононе пайравӣ мекунанд, ки аз илму фарҳанги дунявӣ хеле дуранд. Аз ин рӯ, ҷавонон бояд аз хурдсолӣ рӯ ба дониш оваранд ва дар бораи донишҳои ҳаётан муҳим маълумот дошта бошанд. Донишҳои аввалияро кӯдак аз модар мегирад. Мактаби нахустини инсон-мактаби модар аст. Барои ҳамин, дар навбати аввал зан-модар худаш бояд таҳсилкарда бошад, то ки дар оила таълиму тарбияро дуруст ба роҳ монад ва ба хотири ояндаи неки фарзанди худ, ӯро аз хурдӣ дар рӯҳияи ватандориву ифтихори миллӣ тарбия намояд.

Барои он, ки ҷавонони мо ба ҳар гуна ҷараёну равияҳои тундраву ифротгаро ҷалб нашаванд ва дар шинохти чеҳраи бисёр пурасрору махуфи онҳо хато накунанд, нахуст бояд вазъи сиёсию иқтисодии ҷаҳони имрӯз ва сиёсати кишварҳое, ки дар иқтисоду сиёсати дунёи муосир дасти аввал доранд, дуруст шиносанд ва таҳлили илмӣ карда тавонанд. Бахусус, барои онҳо ифшо ва ошкор кардани ҳадафҳо, ғоя ва таълимоти ҷараёнҳои гуногуни ифротгароии ҷиноятпеша, аз ҷумла гуруҳҳо ва равияҳои ифротгароиву террористие аз қабили салафия, Ал-Қоида, Ансоруллоҳ, Ал-Ҷиҳод, Ал-Ҳарамайн, Ат-такфир ва-л-ҳиҷра, Ихвон-ул-муслимин, Ҳаракати толибон, ДИИШ, Ҷамоати исломӣ, Ҷабҳат-ан-Нусра, Ҷамоати муҷоҳидони Осиёи Марказӣ, Гуруҳи исломии ҷиҳод ва амсоли инҳо, ки зердастон ва амалисозандагони ҳадафҳои давлатҳои пурқудрати ҷаҳон мебошанд, ниҳоят зарур аст. Ғояи асосии ин гуруҳҳо, пеш аз ҳама, ташкил кардани «Хилофати бузурги исломӣ», ки мардуми дунё дар ин хилофат бояд тибқи қонунҳои шариати исломӣ ба сар баранд. Ин ғояи худро гуруҳҳои мазкур тавассути сарнагун кардани ҳокимияти дунявӣ, даҳшатафканиҳои сартосарии ҷаҳонӣ, ташкили бетартибиҳои оммавӣ, тарғиботу ангезиши нафрату адовати мазҳабӣ, куштори шахсиятҳои маъруфи сиёсӣ, илмӣ ва фарҳангӣ, ҷалбкунии ҷавонони ноогоҳу гумроҳ ба сафҳои террористии худ, ташкили гуруҳҳои террористӣ, тундгарову ифротгаро, ҳуҷумҳои яроқнок ба муассисаву

корхонаҳои давлатӣ ва ғ. амалӣ кардан мехоҳанд, ки сад дар сад ҷавобгӯи талабот ва хоҳишҳои ин кишварҳои абарқудрат мебошанд, ки ҳадафашон бенизомию парешонии кишварҳои минтақаи ислом аст. Ҳеч махфӣ нест, ки якчанд давлатҳои абарқудрат дар нукоти гуногуни ҷаҳон вобаста ба мазҳаб, фарҳангу анъанаҳои кишвари муайян гуруҳҳои мухталифи террористӣ, тундраву ифротӣ ташкил карда, раҳнамоию маблағгузорӣ менамоянд. Гуруҳҳои номбурда то кунун дар аксари кишварҳои ҷаҳон амалиёт гузаронида, бахусус дар кишварҳои зерин бештар фаъол мебошанд: Афғонистон, Покистон, Ироқ, Сурия, Осиёи Марказӣ, Шарқи Миёна ва Наздик, Нигер, Чад, Мали, Алжир, Тунис, Мавритания, Марокко, ИМА, дар якчанд кишварҳои Аврупо, кишварҳои ИДМ ва ғ.

Мусаллам аст, ки дар рӯзгори мо бархӯрди тамаддунҳо, андешаҳо ва пажӯҳишҳо доим дар ҳоли тазод ва инкишофи босуръат буда, тақсимоти ҳудудии кишварҳои олам ва дунё умуман аз нав мавриди баҳсу мунозираҳо қарор гирифтааст. Ин имконоти ба вуҷуд омадаро ифротгароёни суннатзудою мазҳабхато истифода карда, дар кишвари азизамон ҳамчун ситораи наҳс падидор шудаанд. Онҳо пинҳонӣ амал намуда истодаанд ва бархилофи равишу суннати бобову аҷдоди мусалмонони ҳанафимазҳабамон бархоставу байни давлату миллат, падару писар ихтилофи ақида ва эътиқод эҷод намудаанд. Фирқаҳо ва равияҳои ифротии номбурда, бахусус аҳли ваҳобия, салафия ва амсоли инҳо, фирқаву равияҳои суннатситез дур аз андешаҳои миллию мазҳабиянд ва дар гирдоби фиреб ва меҳвари таълимоту андешаи англосаксонҳо ва яҳудон афтодаву давр мезананд. Онҳо аз ҷумлаи хавориҷ буда, ба тақлиди душманони ислому фарҳанги мусалмонӣ аз ислом дур рафтаанд [103, с.33]. Дар натиҷа суннати Паёмбарро пушти по намудаанд ва худро ҳомиёни «исломи ноб» эълон кардаанд. Бешубҳа ин «ҳомиёни исломи ноб» даспарварду бозичаи дасти шабакаҳои яҳудону англосаксонҳо ҳастанд ва ҳадафҳо, нақшаҳо ва дурнамою ва таълимоти муғризонаи саҳюнистиро дар шакли софсозии андешаҳои исломӣ (гӯё асли таълимоти Паёмбарро ҳимояву тарғиб менамуда бошанд) пеш мебаранд. Ин хоинони миллату

мазҳаб, ки огоҳонаву ноогоҳона худ манқурт гардидаанд, аз ғофилию камиттилоотии ҷавонони мусалмони дилпок истифода бурда, онҳоро ба сафҳои хабисонаи худ ҷалб карда истодаанд. Душманони дину мазҳаби ҳанафӣ тавассути ин хоинони мазҳабу миллат дар ақидаву таълимоти дини ислом, бахусус дар мазҳаби ҳанафӣ унсурҳои бегонаро ворид намуда, тафриқаҳо эҷод кардаанд, ки барои мардуми мо оқибати маргбор хоҳад дошт [103, с.35]. Дар китоби иншонамудаи душманони ислом – миссионерҳои англосаксонҳо ва яҳудон – «Миссиология» омадааст: «Бо ҳар восита мо бояд ба дили ислом роҳ ёбем, чунки ин роҳёбии мо дар ислом ба дилҳо ҳақиқати озодиро меорад. Бояд ҳамаи қувваамонро сарф намоем ва ба мусалмонон нишон диҳем, ки паёмбари асосие, ки Қуръон мегӯяд, Муҳаммад набуда, балки Исои Масеҳ аст. Исои Масеҳ на танҳо Паёмбари бузург, балки фарзанди Худост. Ҳамоне ки мурд ва ба осмон рафт, то ин ки ҳазорон мусалмонро наҷот диҳад» [97]. Миссионерҳо (мубаллиғон)-и мазкур аз раванди густариши фарҳанги исломӣ дар ҷаҳон дар ваҳшат афтода, ба хотири пешгирии ин раванд ва шикасти дини ислом ҳизбу ҳаракатҳои гуногуни сиёсию ғайрисуннатии ба ном динӣ бунёд карда, ихтилофу бесуботӣ дар миёни мусалмонон эҷод кардаанд. Онҳо Исои Масеҳро фарзанд ва писари Худо шуморида, рисолати Муҳаммад ва бениёзии Худовандро рад менамоянд ва барои заифу нобуд сохтани ҷаҳони ислом ҷавонони ноогоҳро дар муқобил ва зидди ҳамдигар пайгирона омода сохтаанд. Ба гуфтаи Ҷалолуддини Балхӣ:

Қасди эшон ҷуз сияхрӯйӣ набуд,
Хайри дин кай ҷуст тарсову ҷуҳуд.
Қасдашон тафриқи асҳоби Расул (с),
Фазли Ҳақро кай шиносад ҳар фузул? [84, с.189]

Аз ҳама бештар ҷавонони камхабар ва ё бехабар аз таърих ва фарҳанги миллию мазҳаби ҳанафӣ дар доми макру тазвир ва сеҳру фиреби миссионерҳои яҳуду англосаксонҳои исломситез афтода, аз таъриху фарҳанг, арзишҳои илмӣ, миллӣ ва динии диёру ватани худ рӯй гардондаанд. Ин

ҷавонон меъёрҳои мазҳаби ҳанифиро дуруст нашинохта, ошкоро дар доираи тафаккуру таълимоти харобгари роҳибони масеҳӣ ислом ҳанифиро маънидод мекунанд ва оқибатуламр эҷодкунандаи фитнаву низоъ мегарданд.

Ба андешаи донишмандони улуми исломӣ, исломшиносону ҷомеашиносон дар кишварею дар минтақае душманони дину миллат сар боло мекунад, ки мардуми он аз худшиносии миллию динӣ ва фарҳанги хеш кофӣ бархурдор нестанд; онҳо ба зудӣ ба ғояву таълимоти бегона гирифтор мегарданд ва оқибат дар кишвару дар минтақаи худ амнияту суботи ҷомеъаро бо дастгирии душманони дину фарҳанги хеш аз байн хоҳанд бурд. Чун бедор мешаванд, аллакай дер шудааст ва хонаву кошонаи худро бо дасти худу фарзандони худ оташ задаанду синаву дили якдигарро даридаанд.

Андеша ва таълимоти гурӯҳҳои ифротгарои ҷиноятпеша (бахусус, салафия, ваҳобия, ДИИШ, толибон ва ғ.) моҳияти динӣ ва ахлоқӣ надошта, пеш аз ҳама моҳияти такфирӣ ва таҳдидӣ дорад. Инҳо аз фарҳанги ҳамзистӣ бо дигар мазҳабҳои ислом ва равияву адёнҳои дигар, аз мазҳаби ҳанафӣ бармеояд, дур буда, ба ҷойи тарғиби таълимоти таҳаммулпазири ҳанафӣ, бештар тафаккури такфирӣ, ҷудоиандозӣ ва андешаи интиҳорӣ дар сар доранд, айни ҳамонеро, ки хоҷагонашон мехоҳанд. Тибқи назари онҳо ҳар як низоми мардумсолорӣ, низоми куфру илҳодӣ мебошад. Душманони дину миллати мо хоҳони онанд, ки тамоми мардуми мусалмон дар ҷаҳлу нодонии асрҳои миёна ба сар баранд ва аз ваҳдати миллӣ, ҳамбастагӣ, мардумсолорӣ, рифоҳу осоиштагӣ, сериву пурӣ огоҳ набошанд ва баръакс, ҳамеша гирифтори ҷангу низоъҳои милливу мазҳабӣ буда, гуруснагиву қашшоқӣ домангирашон бошад ва ҳаргиз ба илму фарҳанги муосир даст наёбанд. Онҳо дар ҳар минтақае мувофиқи рӯҳия, дину мазҳаб ва хусусиятҳои хосси он мардум тафриқа эҷод мекунанд. Масалан, онҳо дар чанд кишварҳои қораи Африқо гуруҳҳои ифротию террористии «Боку ҳарам» ва амсоли он бунёд ниҳода, онҳоро ба ҷангу низоъҳои мазҳабӣ, қавмию миллӣ ва шаҳрвандӣ гирифтор сохтаанд.

Гуруҳҳои ҷиноятпешаи салафия, ДИИШ, Толибон ва амсоли инҳо, ки ҳамеша аз хориҷи кишвар маблағгузорӣ мешаванд, тафаккури такфирию интиҳорӣ доранд ва ин тафаккур нақши калидию меҳвариро барои тамоми дигар гуруҳҳои ифротгарою тундрав мебозад. Инҳо дар навбати худ боз ба ду гуруҳ тақсим мешаванд, ки ба ҳар яке аз онҳо хоҷагони хориҷии онҳо вазифаи махсусе ба дӯшашон гузоштаанд. Вазифаи гуруҳҳои такфирӣ ин аст, ки беҳтарин фарзандон ва донишмандонро фавран мушрику кофир эълон мекунанд ва ному насаб, ҷои зисти ин донишмандонро дарёфта, ин иттилоъро ба дасти дигар гуруҳ месупоранд. Гуруҳҳои интиҳорию террористӣ ҳатман тибқи вазифаи худ амал карда, донишмандони маъруфи аз ҷониби гуруҳи такфирӣ такфиршударо ба қатл мерасонанд ва ба ин васила дар миёни ҷомеа тарсу ваҳшат ва нифоқу ҷудоӣ меандозанд ва ба зӯрӣ ғояву таълимоти худро ҷорӣ кардан мехоҳанд. Аз ин рӯ, ин гуруҳҳо (бахусус салафия, Толибон ва амсоли инҳо)-ро ҳаргиз наметавон як ҷараёнҳои солим ва соҳиби тафаккури дурусти инсонгароию динӣ ба қалам дод.[1] Ҳама фаъолиятҳои инҳо (алалхусус дар Афғонистон, Сурия, Ироқ ва ғ.) то имрӯз шоҳиди он аст, ки ба ҷуз куштану таркондан ва даҳшату ваҳшат афкандан дар тамоми манотиқи олам, бахусус дар олами ислом ба кори дигаре гумошта нашудаанд. Онҳо тамоми арзишҳои миллии мардуми мусалмонро дар ҷаҳон беқадру беарзиш ва зарарнок қаламдод карда истодаанд.

Як мисоли бисёр барҷастаи душманони фарҳанги миллӣ будани инҳо он аст, ки изҳор медоранд, ки шоирӣ шеваи шайтонгарист ва тамоми шоирону мутафаккирони барҷастаи асримиёнагии тоҷику форсро аз ҷумлаи кофирону мушрикон меҳисобанд. Ин хоинони миллат мехоҳанд бо амри хоҷагони хориҷии худ, яъне англосаксонҳову яҳудиён (Англия, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Исроилу чанд кишварҳои арабиву аврупоӣ) осору

[1] Ҷараёни сиёсии салафияи муосир аз равияи мазҳабии «Салафи солеҳ» (Яъне, онҳое, ки бунёдҳои динро ҳамон гуна, ки дар давраи Паёмбар (с) ва асҳоб ва насли аввали насли мусалмонон буд, асос қарор медиҳад. Пайравии мустақим аз аҳли се қарни аввали Ислом, ки дар фарҳанги Исломӣ «аҳли салаф» номида мешаванд) ба куллӣ фарқ дорад. Чуноне, ки ишора рафт, ҷараёни сиёсии салафияи муосир бо ном тарафдорону сарсупурдагони аслҳои исломанд, дар асл ба куллӣ ходимони хоҷагони хориҷии худ – ходимони душманони ислом ва мардуми мусалмон ҳастанд.

мазори ин бузургонро нобуд созанд ва ҳатто кӯшиши вайрону нобуд кардани тамоми мақбараву ёдгориҳои таърихии тоисломӣ ва исломиро дар сар мепарваранд. Харобу валангор сохтани гӯристони бузурги таърихӣ дар Арабистони Саудӣ, ба нобудӣ расонидани ёдгориҳои таърихӣ дар Афғонистон, аз ҷумла муҷассамаи Буддо, харобу тороҷ кардани ёдгориҳои таърихии чандҳазорсола дар Сурияву Ироқ мақсади миллатгароёни англосаксонҳову яҳудиён аст, ки бо дастони дастпарварони худ – ДИИШиҳову Толибону салафиҳо ва амсоли инҳо иҷро мешаванд. Яъне, душманони мардуми мусалмон мехоҳанд ба куллӣ арзишҳои дар тӯли ҳазорҳо сол гирдовардаи мардуми Шарқро ғорату тороҷ карда, танҳо дар осорхонаҳои худ (дар Англияву ИМА ва ғ.) нигаҳ доранд ва аз ин роҳ сарвати бентиҳо гирд оваранд ва ё ба куллӣ харобу вайрон сохта, танҳо худро тамаддунофари ҷаҳон ва шарқиёнро «мардумони ҷангалӣ» хонанд.

Ин душманони тамоми мардуми Шарқ, ҳатто ҳокимияти миллию мардумиро дар ҳар давлате, ки бо хости онҳо амал накунад, бо дастони ходимони худ (дар ҷаҳони ислом тавассути ДИИШиҳову Толибону салафиҳо ва амсоли инҳо ва дар дигар кишварҳои Шарқ бо роҳҳои ташкили дастаҳои оппозитсионӣ) аз байн бурдан мехоҳанд, то ин ки ҳукумати ба сари қудрат овардаи онҳо ба манфиатҳои ҷуғрофӣ-сиёсии онҳо хидмат кунанд. Яъне, душманони мардуми Шарқ ва дини онҳо бо нақшаҳои бисёр дақиқи сиёсиву тактикаҳои ҳарбӣ, бар зидди ҳукуматҳои миллӣ дар дохилу беруни кишвар дастаҳову гуруҳҳои оппозитсионӣ ташкил ва онҳоро бо тамоми лавозимот таъмин ва омодаи ҷангу муборизаҳои шаҳрвандӣ мекунанд ва ба ин васила ба сари қудрати ин кишварҳо ҳокимияти лухтакмонанди худро меоранд. Масалан, онҳо борҳо кӯшиши дар Тоҷикистон ба сари ҳокимият овардани чунин ҳокимияти лухтакмонандро карданд, оппозитсияро омода ва муҷаҳҳаз сохтанд, ҷанги шаҳрвандиро низ бо дастони худи мо ташкил намуданд, хуни садҳо ҳазор бегуноҳро резониданд, аммо ба мақсади касифашон нарасиданд. Аммо онҳо бо қудрати беинтиҳое, ки доранд, ҳаргиз аз нияти нопоки худ даст кашиданӣ нестанд ва сенарияҳои нав ба нав омода сохта истодаанд. Аз

ин рӯ, чуноне ки Президенти кишварамон, Пешвои Миллат, Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша ба мардуми тоҷик ҳушёр медиҳанд, ҳаргиз мо бояд ҳушёриву зиракии сиёсиро аз даст надиҳем, зеро душманони мардуми мо ба истифода аз роҳҳову воситаҳои гуногун мехоҳанд кишвари моро ба ҷавлонгоҳи ҳарбу зарби худ табдил диҳанд. Ҳадафи аслии онҳо ҳукмрони тамоми ҷаҳон шудан аст ва барои ба ин ҳадафи худ расидан, онҳо аз ҳеч василаву воситае даст намекашанд. Мутаассифона, нақшаҳои касифи онҳо дар бисёре аз кишварҳои олам амалӣ шудааст. Масалан, дар Афғонистон онҳо 40 сол инҷониб ҷангҳои гуногун (шаҳрвандӣ, мазҳабӣ, миллӣ, сиёсӣ ва ғ.) ташкил карда, беш аз 10 миллион аҳолии ин кишварро ба муҳоҷирони абадӣ табдил додаанду беш аз 3 миллион аҳолии онро куштаанд ва ёдгориҳои таърихии ин миллатро ғорат ва шаҳрҳои бостонии мардуми бумии ин сарзаминро вайрону валангор сохтаанд; 40 сол инҷониб ба сари қудрати ин кишвар ҳукумати лухтакмонанд овардаанд (Наҷибуллоҳ, Ҳомид Карзай, Ашраф Ғанӣ), ки ба куллӣ аз ИМА ва манфиатҳои ҷуғрофӣ-сиёсии он дар ин минтақа ва ҷаҳон дифоъ кардаанд.

Бинобар ин, афзоиши тафаккури бунёдаш харобиовару зарарноки гуруҳҳои мазкур (тафаккури такфирии салафия ва амсоли инҳо) дар Тоҷикстон, бахусус барои ҷавонони диндор, ки аз андешаи динӣ ва фарҳанги миллӣ хабардор нестанд, бисёр хатарнок мебошад ва роҳ надодан ба такомули андеша ва тафаккури ин гуруҳҳо аз вазифаи аввалиндараҷаву ҳаётан муҳимми давлату миллати мо мебошад, зеро афзоиши ҷаҳонбинӣ ва андешаи динии бисёр хатарноки ин гуруҳҳо ба ҷаҳонбинӣ ва андешаҳои навҷавонони тоҷик мафкураи бадбинӣ ва ба куфру ширк бадном кардани дигар шаҳрвандонро фаъол ва пурқувват мегардонад.

Онҳо барои ҳуҷҷат ва исботи дурустии равиш ва даъватҳои салафигароии худ кинофилмҳои иғвоангез ва асарҳои ба ном «ақидавӣ» ва «даъватӣ»-и манзур ба ҳамагон кардаанд, ки наворҳо ва асарҳои илмию динии онон пур аз таҳқир, дурӯғ ва маъсият дар ҳаққи ирфону сӯфия ва фарҳанги тоҷик мебошанд, ки ба хотири дар мағзҳои ҷавонон поксозӣ

намудани андеша ва мафкураи миллӣ барномарезӣ шудаанд. Масалан, филми «Масири гумроҳон» заррае бошад ҳам, андеша ва тафаккури салафияро дастраси ҳамагон намуд.

Дуруст аст, ки ҳар як давлату миллат бо арзишҳои баланди фарҳангии худ пойдор аст ва ин арзишҳо худшиносии миллии миллатро ташаккул дода, ҳиффз менамояд. Ба замми ин, гуногунии фарҳангҳои мардумони ҷаҳон ва муколамаи онҳо зебоӣ ва ғановати фарҳанги миллиро таъмин мекунад ва дар умум боиси пешравии тамоми инсоният (аз нигоҳи ахлоқӣ, зебоишиносӣ, илмӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва ғ.) мегардад. Бешубҳа, ҳар як халқу миллати аз даврони бостон инҷониб бо саҳму талоши бепоёни худ ба ганҷинаи фарҳанги умумибашарӣ дурдонаҳои бешуморе ворид кардааст ва зина ба зина сатҳу сифати зиндагии инсониятро боло бурдааст. Ба ин маънӣ, ки арзишҳо ва дастовардҳои илмию фарҳангӣ, ахлоқӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, зебоишиносӣ ва амсоли инҳо, ки имрӯз инсоният молик аст, заҳмати фақат як халқу миллати алоҳида ё хидмати фақат як абармиллат набуда, қариб тамоми мардуми олам каму беш дар тавлид ва рушду равнақи ин арзишҳову дастовардҳо саҳм доштаанд ва хоҳанд дошт. Тамаддуни бузурги халқҳои Эрон, Ҳинд, Миср ва Чини Бостонро метавон мисол овард, ки бунёд ё таҳдоби илму фарҳанги инсонияти имрӯзро гузоштаанд (тиб(б), риёзиёт, ҳандаса, нуҷум, ахлоқ, устура, дину фалсафа, кашфи хатту коғаз, борут ва ғ.) ва бузургону намояндагони барҷастаи ин мардумон барои рушду тараққӣ ва пешравии башарият то ҳол саҳми шоистаи таҳсин гузошта истодаанд. Донишмандону шоирону ва аксарияти абармардони инсоният аз халқу миллати алоҳида зуҳур карда, агар дар навбати аввал барои пешравӣ ва саодати мардуми худ кӯшишу талошҳо варзида бошанд ҳам, аммо дар асл арзишҳои бузурги илмӣ-фарҳангии бунёдгузоштаи онҳо барои камоли маънавии тамоми оламиён хидмати бузург кардааст ва ҳаргиз бо сарҳадду чаҳорчӯбаи муайяни миллӣ маҳдуд нашудааст. Зардушт, Буддо,  Афлотуну Арасту, Конфутсий, Ибни Сино, Фирдавсӣ, Хайём, Саъдиву Ҳофиз, Ҳегел, Нитсше, Маҳатма Гандӣ, Ҷ. Неҳру, Муҳаммад Иқбол, Ҷ. Лондон, А. С. Пушкин, Л. Толстой ва дигар

бузургони ҷаҳонӣ, гарчанде дар оғози фаъолияти эҷодии худ барои саодати мардуми хеш ҷоннисориҳо карда бошанд ҳам, аммо ба таври худогоҳу нохудогоҳ дар рушду равнақ ва такомули фарҳангию маънавии инсоният саҳми ниҳоят бузург гузоштаанд. Агар арзишҳои фарҳангии миллат аз вай бардошта шавад, на танҳо худшиносии миллии ин миллат осеб хоҳад дид, ҳамзамон аз ин миллат чизе боқӣ нахоҳад монд ва ин миллат оқибат дар як чаҳорчӯбаи танг сукут хоҳад кард. Намояндаи ҳеч миллат ё мардуме ҳуқуқ надорад бигӯяд, ки маҳз мардуми мо бунёдгузори асосии илму фарҳанги инсоният аст ва ба туфайли тамаддуни мо оламиён аз ваҳшоният раҳо ёфтааст. Аммо имрӯз миллатҳое вуҷуд доранд, ки тамоми арзишҳои умумибашариро ба номи худ нигоштанӣ ҳастанд ва давлатҳову мардуми гуногунфарҳанги оламро таҳти султаи фарҳанг, забон ва иқтидори сиёсии худ даровардан мехоҳанд. Онҳо ба ҳадде миллатгароӣ (шовинизм ва ҳатто фошизм)-и худро буруз додаанд, ки арзишҳои фарҳангии миллати хешро олитарину беҳтарин мепиндоранд ва арзишҳо ва тамаддунҳои бузурги чандинҳазорсолаи мардумони ғайрро шинохтан намехоҳанд. Дар натиҷа ҷаҳонро ба «дӯсту душман» ва «худиву бегона» тақсим кардаанд ва барои аз байн бардоштани гӯё «душманонашон» саъйю талошҳои ҷиддие ба роҳ мондаанд ва нақшаҳои аҷибе тарроҳӣ намудаанд. Ҳамин гуна сиёсатро дар садаи YII араб дар зери парчами ислом нисбати фарҳанги мардуми тоҷику форс амалӣ сохта буд.  Имрӯз ҳам чунин миллатгароёни худхоҳ мардумону кишварҳо ва дину мазоҳиби гуногунро ба муқобили ҳамдигар шӯронида, оташи садсолаҳо инҷониб хомӯшшударо аланга меандозаанд. Ба замми ин, онҳо аз хунрезиҳо ва ҷангу низоъҳои мардумони бегона манфиат ҳангуфти моливу пулӣ дарёфт мекунанд; бо таҳдиду зӯроварӣ мехоҳанд тамоми оламро таҳти итоату тасарруфи бечуну чарои худ нигаҳ доранд. Барои ба ин мақсади хеш даст ёфтан онҳо василаҳои бешумореро ба роҳ андохтаанд, ба мисли: 1. бо роҳи таҳдиди иқтисодӣ, дипломатӣ ва сиёсӣ. Чун давлатею миллате ба онҳо сари итоат фуруд наовард, ҳатман ба роҳҳои таҳрими иқтисодию сиёсии онҳо дучор меояд, азҷумла: таҳрими Аврупо ва ИМА

нисбат ба Эрон, Куба, Венесуэлла, Куриёи Шимолӣ, Чин, Сурия, Руссия, Ироқ ва амсоли инҳо. 2. ҳамлаҳои коллективонаи ҳарбии НАТО бо роҳбарии ИМА. Кишварҳои Аврупо, бахусус аъзоёни НАТО бо роҳбарии ИМА ба Корея, Ветнам, Афғонистон, Ироқ, Лаос ва чандин кишварҳои дигари «саркаш» ҳамлаҳои дастҷамъона намудаанд ва сарватҳои пулию молӣ ва осори пурқиммати таърихии онҳоро ваҳшиёна ғорат кардаанд ва ин кишварҳоро вайрону валангор намудаанд. 3. ҷисман аз байн бурдани раҳбарони давлатҳо, шахсиятҳои сиёсиву илмӣ-фарҳангӣ, ки нисбат ба сиёсати бешарафонаву золимонаи онҳо садо баланд кардаанд ва ё аз амри онҳо саркашӣ намудаанд. Аз ҷумла: ба дор кашидани Саддом Ҳусейн, нобуд кардани Қазофӣ, террор намудани Аҳмадшоҳи Масъуд ва садҳо дигар раҳбарони давлатҳову шахсиятҳои бонуфузи сиёсиву ҳарбӣ ва илмӣ-фарҳангӣ, ки ИМА ва Англия онҳоро душмани манфиатҳои сиёсӣ-ҷуғрофӣ ва иқтисодӣ-фарҳангии худ медонистанд ва медонанд; дастгоҳҳои ҷосусии ИМА даҳҳо маротиба ба ҷони раҳбари Куба Фидел Кастро Рус суиқасд ташкил карда буданд, ки ҳаргиз ба итоати онҳо даромадан намехост. 4. тавассути ихтирову интишори ҳашарот, вирусҳову бактерияҳои кимиёӣ паҳнсозии касалиҳои марговару мудҳиш, қатли омм кардани миллиёнҳо одамони бегуноҳи давлату миллатҳои «саркаш» бо баҳонаи адами демократия дар ин давлатҳо, аз ҷумла: тавассути интишори ВИЧ СПИД, вирусҳои зукоми хуку паранда, паҳнсозии вируси COVID-19, ибола (бахусус дар Африқо ва дигар кишварҳои дунё) ва ғ. бешубҳа аз ҷиноёти ваҳшиёнаву бераҳмонаи ин абарқудратон ва ҳаммаслакони онҳост. Тавассути ин роҳҳову воситаҳо давлатҳои абарқудрат дар ҳамаи дунё ваҳшату даҳшат паҳн кардаанд ва то даме, ки халқи олам комилан итоат ба онҳо накунанд, аз куштори бераҳмонаи худ даст намекашанд. 5. тавассути истифодаи шиори «Тафриқа андозу ҳукмронӣ кун» («Divide and rule») барҳам задан, куштан, пароканда кардан, ба бемориҳои гуногуни музмин ва низоъҳои милливу қавмӣ гирифтор кардани давлатҳову миллатҳо, тафриқаандозӣ дар байни адёну мазоҳиб ва идеологияҳое, ки пеши роҳи бадастории манфиатҳои сиёсӣ-

ҷуғрофӣ ва фарҳангии онҳоро гирифтаанд ё хоҳанд гирифт; эҷоди даҳҳо мазҳабҳои мухолиф дар дохили дину мазҳабҳои кишварҳои «саркаш»-у «бегона», бунёди даҳҳо марказҳо ва маблағгузории гурӯҳҳои терроristиву экстремистӣ дар нукоти гуногуни ҷаҳон ва ғ. Бешубҳа таъсиси ДИИШ, Ҳизбу-л-лоҳ, Ҳизбу-т-таҳрир, салафия ва даҳҳо дигар ҳизбу ҳаракатҳои муосир барои роҳ надодан ба ваҳдати арабҳо ва мусулмонони ҷаҳон аз ҷониби абарқудратони ҷаҳон бунёд шудааст, зеро ягонагии мусулмонон ва бахусус арабҳо барои ноил шудан ба манфиатҳои сиёсӣ-ҷуғрофӣ ва иқтисодии ин кишварҳо хатари ҷиддӣ эҷод хоҳад кард ва ин абарқудратҳо ҳаргиз ба иттиҳоди арабҳову мусулмонон роҳ нахоҳанд дод. Баъзе кишварҳои арабӣ борҳо кӯшидаанд, ки аз зери итоати Англия, Аврупо ва ИМА, бароянд, аммо доимо ба шикаст мувоҷеҳ шудаанд. Намунаи беҳтарини ин кӯшишҳо талоши муттаҳид шудани Сурияву Ироқ мебошад, ки дар натиҷа сабаби ба дор кашидани Саддом Ҳусейн ва нобуд кардани Қазофӣ ва ба вайрона табдил додани кишварҳои Сурияву Ироқ аз тарафи ИМА гардид. Минбаъд ҳам сарварони Англия, кишварҳои Аврупо бо роҳбарии ИМА тавассути НАТО барои таҳти итоати худ даровардани кишварҳои дунё ва бахусус Шарқ (Чину Руссия истино нестанд), тарҳҳои бисёре дар сар мепарваранд. ИМА, Англия ва кишварҳои Аврупо дар давлатҳои худ ва дар чандин кишварҳои лухтакмонанди худ садҳо марказҳои экстремистию террористӣ, зиндонҳо (Гуантанамо барои асорати душманони ғоявӣ-сиёсии хеш) ва лабораторияҳои ҳарбӣ-бактериологӣ сохтаанд, ки мақсадашон чи тавре, ки гуфта шуд, бо ваҳшатангезию таҳдид ба итоаткор табдил додани давлату халқҳои «бегона»-ву «саркаш»-и дунё мебошад. Даҳҳо таркишҳое, ки таи даҳ, бист соли охир дар Руссия, Фаронса, Олмон, Афғонистон, Покистон, Ироқу Сурия ва дигар кишварҳои ҷаҳон аз ҷониби террористони «исломӣ» рух додаанд, бешубҳа, бо роҳбарӣ ва маблағгузории онҳо ва ҳамкешонашон содир шудаанд ва таҳдидҳое будаанд ба раҳбарону ҳукуматҳои кишварҳои зарардида, то ин ки ба ҳукму сиёсати золимонаи эшон ва ҳамкешони онҳо сар фуруд оранд [121, с.59].

Кишварҳои абарқудрат: ИМА, Англия ва бархе кишварҳои Аврупо афзалиятҳои иқтисодию сиёсӣ, технологӣ ва имконияти таърихии худро истифода карда, хостори онанд, ки фарҳангу тамаддуни хешро дар ҳамаи олам густариш диҳанд ва интишори ислом ва тамаддуни исломиву шарқиро боздоранд. Онҳо аз инкишофи босуръати иқтисод, технология ва фарҳанги Ҳинду Чин, Русу Араб дар олам ба ваҳшат афтидаанд. Ин абарқудратҳо ҳеч гоҳ ба ягонагиву ваҳдати кишварҳои мусулмон ва густариши ислому тамаддуни Шарқ роҳ намедиҳанд. Бино бар ин, то ғалабаи комили худ дар олам дар тамоми соҳот (сиёсат, иқтисод, ҳарбӣ, фарҳанг ва амсоли инҳо) аз истифодаи василаву воситаҳои гуногун сар бар наметобанд ва бар зидди арзишҳои фарҳангии мардуми «бегона» ва шикасти ниҳоии онҳо муборизаи беамон хоҳанд бурд.

Аксарияти ифротгароёни мазҳабии замони мо бидуни шубҳа дастпарварони мухолифони фарҳангу тамаддуни давлатҳои Шарқи мусулмон ҳастанд ва азбаски аз ҷониби кишварҳои абарқудрат маблағгузорӣ мешаванд, амру хостаҳои ин кишварҳоро ба ҷо меоранд. Бисёр бурҳону далелҳое мавҷуданд, ки равияҳои мазҳабӣ-ифротӣ ва гуруҳҳои террористӣ бисёр зуд ва бе ҳеч як душворие тавассути тайёраву чархболҳои махсус аз як минтақаи ҷаҳон ба минтақаи дигари олам интиқол дода шудаанд. Фақат пуштибонии кишварҳои абарқудрат имкон медиҳад, ки чунин амале сурат гирад, зеро технологияи пешрафтаи замонавӣ ва сарҳадоти устувори кишварҳо имкон нахоҳад дод, ки ба осонӣ марзҳои якчанд кишвар убур карда шавад. Ин кишварҳои абарқудрат ҳастанд, ки бар сари аксарияти давлатҳои дунё фишор оварда метавонанд. Аз ҷумла, чанд гуруҳи террористии ДИИШ, ки аз ҷанги Сурияву Ироқ саломат бадар рафтаанд, пас аз торумор шудани онҳо дар Ироқу Сурия ҳангоми шаб аз ин кишварҳо ба Афғонистон ва чанде дигар кишвар бо чархболҳои сиёҳ бидуни нишонае интиқол дода шудаанд. Ин гуруҳҳои террористии ДИИШ то ҳол манофеи ҷуғрофӣ-сиёсии кишварҳои абарқудрат, аз ҷумла ИМА-ро пиёда менамоянд. Чанд гурӯҳи террористии Ансоруллоҳ, ДИИШ, Ҳизбу-т-таҳрир ва амсоли инҳо борҳо аз як манотиқи

Афғонистон ба дигар минтақаи ин кишвар бо чархболҳои ИМА интиқол ёфтаанд, ки барои кишварҳои Осиёи Миёна ва амнияти миллии онҳо хатарҳои зиёде ба бор меоранд [80, с.82-90; 263].

Чандин гуруҳҳои динӣ-ифротгарой ва террористии бо ном «исломӣ», чуноне ки гуфта шуд, бо дастгирию маблағгузорӣ, роҳбарӣ ва пуштибонии кишварҳои бузург ҳадафҳои ҷуғрофӣ-сиёсӣ ва сиёсӣ-иқтисодии ин кишварҳоро пиёда карда истодаанд. Инҳо аз содир кардани ҳеч ҷинояте алайҳи мардуми мусулмон рӯ наметобанд. Гуруҳҳои мазкур чунин ба назар мерасад, ки гӯё ҳадафҳои динӣ-исломии худро дунбол доранд (ҷорӣ кардани қонунҳои шариат дар ҷомеа ва таъсиси хилофати исломӣ ба ҷои мардумсолорӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ), аммо дар асл бо куштору даҳшатангезии ваҳшиёнаи худ аҳволи мардуми бегуноҳи мусалмонро ба танг овардаанд ва халқҳои минтақаро ба ҷангу низоъҳои миллию мазҳабӣ мекашонанд ва бадномсозии дини мубини исломро ҳадафи худ қарор додаанд.

Мусаллам аст, ки Қуръону суннат ва мазҳаби ҳанафӣ куштори одамони бегуноҳро раво намедонад: тибқи таълимоти мазҳаби ҳанафӣ на танҳо катли як мусулмон аз ҷониби мусулмони дигар манъ аст, ҳатто бо ғайримусулмон бе сабаб ҷиҳод кардар ва қатлу куштор амали зиддиинсонит, яъне беҳтарин муъмин ҳамонест, ки аз дасту забони ӯ касе озор намебинад. Аз ин бармеояд, ки ҳамаи даъвоҳои ифротгароёни «исломӣ» пучу хароб аст ва бо мазҳаби ҳанафӣ муғоират дорад, вале ифротнароён монанди тутӣ ҳама гуфтаҳои хоҷагони худро такрор мекунанд. Аз ҳама даҳшатнокаш он аст, ки ифротгароёни динӣ ақидаҳои худро дар сатҳи ҷаҳонӣ густариш дода, даҳшатафкании худро низ дар ҳамин сатҳ ба роҳ мондаанд. Ҳеч як кишвари мусалмонӣ, ҳатто агар бойтарин кишвар – Арабистони Саудӣ бошад ҳам, дар танҳой имкони дар ин сатҳ густариши ақидаҳои ифротӣ ва фаъолияти даҳшатафканиро надорад, зеро бо таъсири ҷомеаи ҷаҳонӣ ба зудӣ ба инзивои иқтисодиву сиёсӣ кашида мешаванд. Аммо якчанд кишвари арабӣ бо дастгирию пуштибонии кишварҳои абарқудрат, бахусус ИМА ва Англия, ба

интишори ифротгароии мазҳабӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ банд ҳастанд. Ин дар суратест, ки муқаддасоти муҳимми исломӣ дар ин кишварҳо ҷойгиранд ва бояд ин кишварҳо пуштибону мубаллиғи арзишҳои баланди инсондӯстиву инсонгароӣ бошанд. Ин кишварҳо ба ҳеч ваҷҳе набояд ба бадномсозии ислом дар шакли ифротгароиву терроризм-даҳшатафканӣ ва амсоли он машғул бошанд. Аммо далелҳои зиёде мавҷуданд, ки онҳо ба ин корҳои ғайриинсонӣ овораанд, зеро вобаставу дастнигари абарқудратон буда, нақшаҳои онҳоро дар минтақа пиёда месозанд. Вагарна дар сурати саркашӣ аз итоат ба дасти ин кишварҳо ба мисли Афғонистону Ироқ ва Сурия ба вайрона табдил хоҳад ёфт ва ё бидуни доллар ва дастгирии онҳо, бешубҳа, иқтисоди онҳо дар чанд рӯз ба куллӣ футур хоҳад ёфт. Далелҳои зиёде вуҷуд дорад, ки онҳо беш аз 2 млрд долларро барои густариши фаъолияти ДИИШ ва сарварони он пардохтаанд. Яъне, пешгирӣ аз интишори ифротгароии динӣ ва хатарҳои он дар сатҳи ҷаҳонӣ, роҳи пешгирии ин вабои муосир бидуни иттиҳоди давлатҳои қавӣ ва муборизаи дастҷамъӣ хеле мушкил хоҳад буд. Ин гуруҳҳои террористӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ зидди арзишҳои таърихӣ ва фарҳангӣ ва ҳувияти миллии мардумони гуногунзабону гуногунфарҳанги халқу миллатҳо ҷанг эълон кардаанд. Онҳо бо зудудани хотираи таърихии миллатҳо, ҳуввияти миллӣ ва арзишҳои диниву миллӣ, ки ин ҳувияти миллии мардумони ҷаҳонро пойдор медорад, мехоҳанд забону фарҳанг, ҳувият ва арзишҳои худро ҷойгузини онҳо кунанд. Масалан, ифротгароёни динӣ ё ғайри муқаллидину мазҳабзудоён «бо як таассуби бисёр ҳайратовар худро пайрави аршади аввалияи замони оғози зуҳури ислом бардурӯғ муаррифӣ намуда», хондану донистани осори фарҳангии бузургонамон: Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Саноӣ, Аттор, Ҷалолуддини Балхӣ, Иқбол ва ғ. ва арҷгузории ҷашнҳои миллиамон (Наврӯз, Сада, Меҳргон)-ро куфру бидъат эълон кардаанд. Ифротгароёни мазҳабӣ садақоту хайроти инфиродӣ ва дуъои дастҷамъонаву зиёрати қубури волидону ниёгонро намепазиранд. Онҳо зидди арзишҳои фарҳанги миллӣ, ваҳдату ягонагии мардум, зидди ҳар он чизе, ки боиси якпорчагии миллат мешавад, мубориза мебаранд. Ваҳдату ягонагии

миллат ва якпорчагии кишвар ба онҳо имкон намедиҳад, ки ҳадафҳои ғаразноку хатарноки хоҷагони онҳоро – душманони фарҳангу тамаддуни моро дар ин минтақа амалӣ гардонанд. Ифротгароёни мазҳабӣ ва хоҷагони онҳо хостори онанд, ки ҳар як миллату давлати «саркаш»-ро бо мазҳаби он аз дарун харобу фосид намоянд ва ҷавонони камогоҳу бетаҷрибаи мардуми мусулмонро мағзшӯӣ карда, бар зидди худи онҳо равона кунанд. Аз тариқи телевизион ҳамагон мушоҳида карда буданд, ки чи гуна як фарзанди нохалафи пайрави ДИИШ дар Сурия модари хешро сар бурида буд; он модаре, ки барои ба хона баргардонидани фарзанди ҷигарбандаш наздаш омада буд. Ҷинояту хиёнати ифротгароёни зархариди мазҳабӣ ба ҳаддест, ки фарзандони мардумро ба душманони қаттоли он бадал медиҳанд [103, с.228]. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Эмомалӣ Раҳмон дар ин бора гуфтааст: «Мутаассифона, дар кишварамон баъзе равияҳои тундрави бунёдгароёна (салафия ва таҳририя) пайдо шуда истодаанд, ки мехоҳанд ба мардум исломро ҷудо аз арзишҳои миллӣ маънидод намоянд. Мо ифтихори хосса дорем, ки бунёдгузори бузургтарин ва бонуфузтарин мазҳаб дар дини мубини ислом, фарзанди арҷманди халқи тоҷик Имом Абӯҳанифа – Нӯъмон ибни Собит маъруф ба Имоми Аъзам мебошад. Низоми ҷаҳонбинии мо асосан дунявӣ мебошад, вале арзишҳои исломӣ дар он мақоми муҳим доранд, садсолаҳо ин арзишҳоро ҳифз ва пурғановат кардааст. Бинобар ин, арзишҳои исломӣ ҷузъи муҳим ва ҷудонопазири фарҳангу зиндагии мо гардидааст. Барои эҳёду густариши арзишҳои исломӣ ниёгони халқи форс-тоҷик ҷойгоҳи баландеро касб кардаанд» [6].

Вале бо такя ба таълимоти таҳаммулпазиронаи Абӯҳанифа тоҷикон дар тӯли таърих тавонистааст, ки арзишҳои миллӣ ва ёдгориҳои таърихии хешро аз газанди рӯзгор ва таҳоҷуми душманони бодиянишин ҳифозат намояд. Мухолифони арзишҳо ва андешаҳои мазҳабӣ ва миллии мо то ҷое кӯшидаанд, ки пайкараи афкору андеша ва чеҳраи дурӯғини хешро бо ҷомаву дастори шаръӣ ва номҳои зебои исломӣ ба монанди: «салафия», «харидорони биҳишт», «муҳаддисин», «яктопарастон», «қуръония», «ғайримуқаллидин»,

«махдалия» ва «бемазҳабон» шиносӣ кунанд, то ин ки мақсаду афкори дурӯғини онҳо пинҳон бимонанд ва мардуми ноогоҳ бехабар аз ҳиллаву макрашон, ин тоифаро ғамхору пуштибони дину мазҳаби хеш шуморанд. Андешаҳои харобовари онҳо аксари вақт тавре матраҳ мегарданд, ки ҷавонони бехабар аз макри онҳо зери таъсири шиор ва даъватҳои онҳо қарор мегиранд ва ҷавонони аз камиттилоъотӣ ҳимоят аз ҳаракатҳои сиёсӣ ва аҳдофи ғаразноки мухолифини фарҳангу тамаддуни миллӣ хоҳанд кард [90, с.57].

Хоҷагони ифротгароёни мазҳабӣ бар ин ифротгароён таълим медиҳанд, ки «Дар хонаҳои мардум нуфуз кунед, робитаҳои падарону фарзандони мусалмонро тира созед, ки фарзандон дигар зери бори насиҳату тарбияти бузургон нараванд ва зери таъсири фарҳанги истеъморӣ қарор гиранд. Он гоҳ мо метавонем ҷавонони мусалмонро аз ҳавзаи нуфузи ақоиди динӣ хориҷ созем ва иртиботашонро бо уламои исломӣ қатъ созем. Бояд дар Қуръону Суннат тағйироту таҳрифот ворид кунем» [97, с.134]. Интишори шаробхорию бемазҳабӣ, ҳамҷинсгароӣ, ангехтани адовати миллӣ ва ғ. дар байни ҷавонон ҳамчун амри зарурии порасозии миллату кишварҳои Осиёи Марказӣ аз муҳимтарин барномаҳои мамолики Ғарб, бахусус ИМА ва Англия буда, барои амалисозии ин барномаҳо онҳо маблағҳои бузургро дареғ намедоранд [97, с.76].

Ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон (солҳои 1992–97), ки бешубҳа аз хориҷа бар миллати мо таҳмил шуда буд, яке аз мудҳиштарин нақшаҳои тарроҳикардаи душманони фарҳангу миллату давлат ва мазҳаби мардуми кишвари азизамон ба шумор меравад. Дар оянда ҳам ин душманони миллату мазҳаби мо аз амалисозии ин гуна тарҳҳо даст нахоҳанд кашид.

Ҳифзи арзишҳои фарҳанги миллӣ дар шароити ҷаҳоншавӣ вазифаи ҳар фарди фарзонаи миллати тоҷик аст. Ғояҳои низову фитнаандозиҳо ва тундгароию такфиргароии ифротгароёни мазҳабӣ падидаи номатлуб ва тарҳрезигаштаи душманони фарҳанг ва тамаддуни мардуми Шарқ ва дини ислом буда, ҳеч пайвастагие ба фарҳанг ва тамаддуни исломӣ ва миллати

форс-тоҷик надоранд. Аз ин рӯ, шинохти чеҳраҳои динситезу мазҳабгурез ва андешаҳои осебпазири гуруҳҳои ифротгарою иртиҷоии динӣ барои ҷавонони тоҷик дастовези хуби илмӣ ба ҳисоб меравад.

Чуноне ки зикр гардид, дар шароити ҷаҳонишавии имрӯза, яке аз таҳдидҳои асосии амнияти маънавии ҷомеаи тоҷик фаъолияти ҳаракату созмонҳои ифротгароиву террористӣ ба ҳисоб меравад. Ин ҳаракату созмонҳо баҳри амалӣ намудани мақсадҳои худ аз воситаҳои мухталиф истифода намуда, пеш аз ҳама ба амнияти ҷомеа, бахусус ба шуури ҷамъиятӣ таъсири бад мерасонанд ва амнияти маънавии ҷомеаро халадор мекунанд. Барои бартараф намудани ифротгароӣ ва терроризм бояд нозукиҳои ин падидаҳои номатлубу мураккаб ошкор карда шавад, зеро дар ҳар як амали ифротгароиву террористӣ мушкилии ҷаҳонӣ пинҳон аст, ки таҳлилу диққати махсусро талаб менамояд. Қайд намудан зарур аст, ки воситаи боэътимоди пешгирӣ баланд бардоштани сатҳи фарҳанг дар ҷомеа, махсусан, дар байни ҷавонон ба ҳисоб меравад.

Умдатан метавон гуфт, ки зуҳури ифротгароӣ аз сатҳи рушди фарҳанги маънавии ҷомеа ва чигунагии равандҳои иҷтимоиву иқтисодии он вобастагии калон дорад. Ҳангоми баланд будани сатҳи фарҳанги маънавӣ ифротгароӣ ва терроризм на бо амалҳои макомоти махсуси ҳифзи ҳуқуқи давлатӣ, балки бо тарғибу омӯзиши арзишҳои баланди фарҳангӣ пешгирӣ карда мешаванд. Лекин дар ҳолати адами арзишҳои баланди фарҳангию ахлоқӣ ва сатҳи пасти рушди фарҳанги маънавӣ, суст будани фаъолияти сохторҳо ва ниҳодҳои давлат ва ҷомеа, мардум, бахусус ҷавонон ба бетартибиҳову низоъҳои иҷтимоӣ даст зада, кӯшиш мекунанд, ки зиддиятҳои иҷтимоиро босуръат бо роҳи тундгароӣ куллан бартараф созанд. Натиҷаи амалҳои тундгароӣ ин хоҳад шуд, ки амнияти милливу ҷамъиятӣ ва маънавӣ халалдор хоҳад ёфт ва имкони ба вуҷуд омадани ҷангҳои шаҳрвандию байналмилалӣ вусъат мегиранд.

Хулоса, баррасию омӯзиши масоили гуногуни таъмини амнияти маънавию фарҳангии ҷомеа ва пешгирии таъсири фаъолияти ташкилотҳову

созмонҳои террористиву ифротгароӣ ба амнияти маънавии ҷомеа яке аз масъалаҳои мубрами замони мо мебошад. Сатҳи баланди рушди маънавии ҷомеа ва бахусус огоҳии ҷавонони миллат аз равандҳои сиёсиву иқтисодии ҷаҳони муосир метавонад, ки муҳимтарин воситаи маҳдуд кардани фаъолияти равияҳо, ҳаракату созмонҳои террористию ифротгароӣ дар шароити муосир гардад.

Таҳдидҳои амнияти маънавӣ нисбат ба дигар ҷанбаҳои амнияти миллии давлат хатари бузургеро ба миён меорад. Ҳамин тариқ, дар шароити муосир, таъмин намудани амнияти маъавӣ, маҳдуд ва баратараф намудани таҳдидҳои берунаи амнияти маънавӣ барои ҷомеаи Тоҷикистон муҳим ва мубрам ҳисобида мешавад.

Чунин мешуморем, ки барои нигоҳ доштани унсурҳо ва арзишҳои миллӣ, ҷой додани ин арзишҳо дар шуури насли наврас зарур буда, таълим ва тарбияи дурусти онҳо дар робита бо ин арзишҳо хеле муҳим ва мебошад. Зеро маҳз тариқи мустаҳкам намудани арзишҳои фарҳанги миллӣ дар шуури насли наврас имконияти нигоҳ доштани онҳо таъмин карда мешавад.

Ҳамин тариқ, метавон ба ин натиҷа расид, ки дар баробари таҳдидҳои беруна ба амнияти маънавӣ, инчунин ба таҳдидҳои дохилӣ диққат додан зарур аст. Таҳдидҳои дохилии амнияти маънавӣ асосан бо оқибатҳои харобиовари дигаргуниҳои пасошӯравӣ  низ алоқаманд аст. Вазъияти имрӯзаи маънавӣ ва ахлоқии кишварро баҳогузорӣ намуда, қайд намудан зарур аст, ки ҷомеаи тоҷик дар ҳолати буҳрони амиқ ва ҳамаҷонибаи маънавӣ қарор дорад, ки ба тағйирёбии рафтори иҷтимоӣ таъсир мерасонанд. Омилҳое, ки буҳронро ба вуҷуд оварданд, пеш аз ҳама дар тағирёбии сохтори ҷомеа зоҳир мегардад. Тағйирпазарии ҷомеа, пас аз пошхӯрии давлати Шӯравӣ, пайдо гардидани унсур ва арзишҳои нав, ки ба зеҳнияти мардуми кишвар бегона мебошанд, то андозае ба рушди арзишҳои маънавӣ халал ворид намуд.

Дар натиҷаи тағйиротҳои ҷиддӣ дар тамоми соҳаҳои ҳаёт, дар ҷомеа инкор намудани идеалҳо ва самтгириҳои арзишӣ, ки муддати тӯлонӣ ҷомеа

ба роҳбарӣ гирифта буд, ба миён омад. Дар ҷомеа фазои холии маънавӣ пайдо шуд, ки то ба имрӯз бо низоми ягона ва умумии ғояҳо ва арзишҳо пурра нагардидааст.

# БОБИ 2. ХАТАРИ РАВИЯҲОИ ДИНӢ – ИФРОТӢ БА ФАРҲАНГИ МИЛЛӢ

## 2.1. Хатари ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ.

Яке аз ҳадафҳои асосии гурӯҳҳо ва равияҳои ифротгароии динӣ: Толибон, ДИИШ, Ансоруллоҳ, Ҳизби таҳрир ва амсоли инҳо, решакан кардани арзишҳои фарҳанги миллӣ мебошад, ки аз исломи бунёдсарчашма мегирад ва имрӯз ҳомиёну дастнишондоди онҳо (ИМА, Англия, Арабистони Саудӣ, Қатар, Покистон ва Аврупо) аз ин таҷрибаи таърихӣ барои татбиқи ҳадафҳои худ аз он истифода менамоянд. Зеро давлатҳои номбурда хуб медонанд, ки арзишҳои фарҳанги миллӣ яке аз омилҳои муҳими ваҳдати миллӣ ва пояи устувори давлатдории миллӣ буда, табиатан бо ифротгароии динӣ зид мебошанд. Бинобар он, бо роҳи камранг сохтани нақши арзишҳои фарҳанги миллӣ дар ҳаёти иҷтимоию фарҳангии миллатҳо метавон ба ҳадафҳои геосиёсии хеш комёб гардид. Аз ин рӯ, онҳо тамоми неруи худро барои он равона кардаанд, ки арзишҳои фарҳанги миллии мардумони Осиёи Марказӣ, аз ҷумла тоҷиконро, дар назарашон беқадру беарзиш нишон диҳанд, то ки мардуми ин минтақа аз фарҳанги хеш бегона гарданд. Чуноне ки араб дар давраи истилои Эронзамин аз ин таҷриба истифода карда буд. Чи тавре ки муҳаққиқи эроншинос ва исломшиноси англис С. Фредерик Старр мегӯяд: “Қутайба ва лашкари ӯ арзишҳои бебаҳои тамддуни Осиёи Марказиро вайрон карданд, аммо дар айни ҳол онҳо неруҳои пурқуввати фарҳангӣ ва сиёсиро аз худи ҳамин манбаъҳо берун доданд ва неруҳои фарҳангӣ ва сиёсӣ оқибат бартарӣ пайдо карданд” [153, с.165]. Яъне тоҷикон-сокинони Осиёи Марказӣ, бо вучуди аз ҷониби араб хароб гардидани фарҳангашон, оқибат дар майдони илму сиёсат аз араб ғолиб омаданд, зеро онҳо барои идора кардани хилофат маҷбӯр шуданд, ки низоми идории Сосониёнро қабул намоянд ва фарҳанги ба ном исломӣ низ на аз ислом бевосита баромадааст, балки онро мардумони тоҷику форс барои афзалияти хешро бар араб нишон додан бо истифода аз таҷрибаи тоисломии худ эҷод кардаданд. Аз ин нигоҳ, ғоя ва таълимоти гуруҳҳои ифротгароии динӣ ба

фарҳанги миллати тоҷик аз мавқеи сиёсати арабгарой маншаъ мегирад ва хатари бисёр калон дорад, зеро он ба решаву бунёди маънавии ҳастии миллат теша мезанад.

Намояндагони ифротгарою тундгароии динии муосир, ки дастпарвардаи кишварҳои абарқудрат ва таҳти ҳимояи молиявӣ ва сиёсии инҳо қарор доранд, на танҳо байни миллату адён ва мазҳабҳои гуногуни Осиёи Марказӣ ҷангу низоъ меандозанд, балки хатари бисёр ҷиддӣ ба фарҳанги миллӣ эҷод карда, латмаи даҳшатнок ба он ворид сохта метавонанд, ки оқибатҳои онро тасаввур кардан хеле душвор аст. Ифротгарону тундгароёни динӣ бар зидди арзишҳои фарҳангӣ, бахусус бар зидди суннату анъанаҳои аксари миллату қавмиятҳо ҷанг эълон карда, ин арзишҳоро куфру бидъат меҳисобанд. Аз ҳама даҳшатнокаш он аст, ки онҳо ҷавонони ин миллату қавмиятҳоро бо воситаҳои гуногуни равонӣ-тарғиботӣ гумроҳ сохта, бар зидди фарҳанги миллат ва қавмияти худи онҳо мешӯронанд. Ифротгароёни динӣ барои амалӣ намудани ин барномаи хеш аз он ихтилофе, ки дини ислом тӯли садсолаҳо ба фарҳанги миллии мардуми гуногуни мусалмон дошт, истифода мебаранд. Ҳарчанд ислом худ дар натиҷаи рӯ ба рӯ омадан бо фарҳангҳои пешрафтаи миллатҳои гуногун, ба вижа фарҳанги эронӣ пурғановат гардида, густариш ёфт. Масалан, он фарҳанге, ки бо унвони "фарҳанги исломӣ" маъмул аст, асосан дар пояи фарҳанги пурғановати миллатҳои эронитабор ташаккул ёфтааст, вагарна он исломе, ки аз Ҷазират-ул-араб бо зӯри шамшер ба кишварҳои аҷам, ба вижа эронзамин, омадааст, ҳамчун як дини нав комил намегардид. Вале имрӯз ифротгароёни исломӣ, ба мисли салафия, он симоҳои фарҳангие, ки ин фарҳангро эҷод кардаанд, ба мисли Рӯдакӣ, Муҳаммади Ғаззолӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Саноӣ, Аттор, Саъдӣ, Ҳофиз, Бедил ва дигарон бо ҷурми шоир, аҳли ирфон ва ғайра будан гунаҳгор карда, меросашонро ҳамчун бидъату ширк инкор менамоянд, чуноне ки дар Қуръон омадааст: "Ва шоирон (касонеанд, ки) гумроҳон ба онҳо пайравӣ мекунанд. Оё надидӣ, ки

онҳо дар ҳар водие саргардонанд;" [82]. Ин мутаассибони динӣ худро пайрави "исломи ноб" муаррифӣ намуда, арзишҳои миллиро хилофи он мепиндоранд ва бо мақсади аз қалбу мафкураи ҷавонон зудуда сохтани ифтихору ҳуввияти миллӣ талош меварзанд. Пешвои миллат, Президенти кишвар – Эмомалӣ Раҳмон дар робита бо ин масъала гуфтаанд: «Мутаассифона, дар кишварамон баъзе равияҳои тундрави бунёдгароёна (салафия ва таҳририя) пайдо шудаанд, ки мехоҳанд ба мардум исломро ҷудо аз арзишҳои миллӣ маънидод намоянд. Мо ифтихори хосса дорем, ки бунёдгузори бузургтарин ва бонуфузтарин мазҳаб дар дини мубини ислом, фарзанди арҷманди халқи тоҷик Имом Абӯҳанифа - Нӯъмон ибни Собит маъруф ба Имоми Аъзам мебошад. Низоми ҷаҳонбинии мо асосан дунявӣ мебошад, вале арзишҳои исломӣ дар он мақоми муҳим доранд, ки садсолаҳо ин арзишҳоро ҳифз ва пурғановат кардааст. Бинобар ин, ба туфайли мазҳаби ҳанафӣ арзишҳои исломӣ ҷузъи муҳими фарҳангу зиндагии мо гардидааст. Барои эҷоду густариши арзишҳои исломӣ ниёгони халқи тоҷик (форс) ҷойгоҳи баландеро касб кардаанд» [183, с.82].

Ифротгарону тундгароёни динӣ андешаҳо ва чеҳраи дурӯғини хешро бо мафҳумҳои «салафия», «қуръония», «яктопарастон», «харидорони биҳишт», «муҳаддисин», «ғайримуқаллидин» ва амсоли ин муаррифӣ мекунанд, аммо дар асл душманони он исломеанд, ки дар зери таъсири арзишҳои миллии халқҳои мусулмон қомат афрохта, пояҳои маънавии худро дар мафкура ва ҳаёти иҷтимоии мусулмонони ҷаҳон устувор намуда, баъзе хусусиятҳои башарӣ касб намуд. Ҷараёнҳои ифротгарои динӣ имрӯз маҳз ба муқобили ҳамин исломи хусусияти башарӣ ва таҳаммулпазирӣ касб карда, ба мисли мазҳаби ҳанафӣ мубориза мебаранд. Онҳо аз номи "исломи ноб" баромад намуда, бо ҳамин баҳона мехоҳанд хилофати исломиро эҳё намоянд, ки ҳадафашон, ба ҷуз дар миёни мардум тухми кинаву адоват коштан, чизи дигаре нест. Онҳо ба ҳар восита талош доранд, ки ваҳдати мардуми мусалмонро барҳам зананд. Кору кирдори онҳо куллан хилофи арзишҳои исломи ҳанафӣ ва ҳатто баъзе дастуроти Қуръон мебошад, ки дар мазҳаби

ҳанафӣ ҳифз шудааст: «Ва ҳамагӣ ба ресмони илоҳӣ чанг бизанед ва пароканда нашавед» [82]. Вале бо таъсири исломи сиёсӣ ҳанӯз аз ибтидои густариши ислом сар карда, баъзе мардумони мусулмоншуда дар раванди муборизаҳои озодихоҳона ва баҳсҳои каломӣ ба равия, фирқа ва мазҳабҳои мухталиф ҷудо шада пароканда шуданд ва таъмини ваҳдати онҳо хеле душвор гардид, чуноне ки тоҷикон ба суннию шиа, ба исмоилия, ба ҳанафию шофеъия тақсим шуда ваҳдати эътиқодию сиёсии худро аз даст доданд. Имрӯз бошад, аз ин парокандагӣ ҳаракатҳои исломии ифротӣ барои ба низоъ кашидани мардумони тоҷику форс истифода мебаранд, чуноне ки ТЭТ ҲНИ дар ҳамин замина ҷанги шаҳрвандиро дар Тоҷикистон солҳои 90-уми садаи XX роҳандозӣ карда буд.

Ҷавонони бетаҷрибаю ноогоҳ ба зудӣ таҳти таъсири гуруҳҳои ифротию тундгаро афтода, аз ғояҳо ва таълимоти ин гуруҳҳо пуштибонӣ мекунанд. Таи чанд соли гузашта мо шоҳиди он будем, ки даҳҳо нафар ҷавонони миллати тоҷик ба доми ин гуруҳҳо гирифтор гардида, худро дар Сурияву Ироқ дар сафи қувваҳои ДИИШ қурбон карданд.

Бинобар андешаи муҳаққиқи тоҷик Н. Д. Маҳмадизода, дар Тоҷикистон то ибтидои соли 2008-ум фаъолияти чандҳазорнафараи пайравони салафия дар Тоҷикистон ошкор гардидааст. Ин равияи динӣ-ифротии салафия дар кишвар солҳои 80-ум ва оғози солҳои 90-уми асри XX зуҳур карда, таълимоти тафриқандози хешро дар миёни мардум, бахусус ҷавонони ноогоҳу камтаҷриба фаъолона ба роҳ мондааст. Мақсади асосии онҳо тафриқандозӣ дар миёни мардум тавассути сиёҳ кардани таълимоти фирқаву мазҳабҳои исломӣ аст, ки дар муҳити иҷтимоӣ-фарҳангии ҳалқҳои мусулмон арзи вуҷуд кардаанд. Такфир намудани мазҳабҳо васила ташкил намудани ҷангу низоъҳои мазҳабӣ дар ҷаҳони ислом, аз ҷумла Тоҷикистон мебошад. Ин гуруҳҳои ифротӣ-террористӣ дар Тоҷикистон аз хориҷа хеле хуб маблағгузорӣ карда мешаванд. Салафиҳо дар миёни ҷавонон аудио ва видеокассетаҳо ва адабиёти дорои мазмуни динӣ-ифротиро интишор ва паҳн мекунанд [89].

Таълимоти ваҳобия-салафия, Ҳизбу-т-Таҳрир, Толибон ва амсоли он равияҳои навпайдо ва бидъатиеанд, ки реша дар исломи такфирӣ доранд. Ҳамаи ин гурӯҳҳо чандин чеҳра, вале як моҳият доранд ва ҳамагӣ аз гиребони душманони мусулмонон сар баровардаанд ва аз ҷониби онҳо роҳбарӣ ва маблағгузорӣ мешаванд. Усули омӯзиши онҳо бар асоси тавҳидоти сегона: тавҳиди рубубият ва тавҳиди улуҳият, тавҳиди асмо ва сифот тақсимбандӣ ва дар асоси он низоми эътиқодии махсус ироа гардидааст, ки тибқи он на танҳо равияҳои исломие амсоли шиъа, мӯътазила, балки пайравони мазҳаби аҳли суннат ва ҷамоат, аз ҷумла; мазҳаби ҳанафӣ, шофеъӣ, моликӣ бидъат донистa мешаванд, зеро ин гуруҳҳо бо таассуб ва худмеҳварӣ ҳақро дар доираи фаҳмишу биниши салафӣ маҳдуд кардаанд. Ин биниш онҳоро ба унвони барҳамдиҳандаи ваҳдати уммати ягонаи исломӣ муаррифӣ менамояд ва пайомадҳои ногувореро на танҳо барои кишварҳои мардумаш мусалмон, ҳамчунин барои тамоми мардуми Осиёи Марказӣ ва бахши азими ҷаҳон дар пай дорад ва танҳо ба манфиати ИМА, Англия ва Исроил мебошад [103, с.40-47].

Ҷаҳонбинию фаҳмиши таълимоти исломии ифротгароёни динӣ бо ин маҳдуд мегардад, ки рақибони худро онҳо кофир эълон карда, бидъаткор номидаву мушрик пиндошта, пайкари мардуми мусалмонро хароб сохтаниaнд. Аз ин рӯ, парда аз макру тазвири таълимоти онҳо бардоштан вазифаи ҳар як ватандӯсти асил ва мӯъмини содиқ ба шумор меравад. Масалан, ба андешаи ваҳобия-салафия, Ҳизбу-т-Таҳрир, Толибон ва амсоли онҳо зиёрати аҳли қубур бидъати акбар ва дуъои он ширки бузург мебошад; баъди намоз Қуръон хондан ва дуъо кардан бидъат ва хилофи суннат аст; дуъои дастҷамъӣ бидъат аст; шеъру ғазал хондан ва навиштан бидъат ва ширк ба Худост; ҳангоми вузӯ гирифтан бар ҷӯроб масҳ кашидан кофист, зоеъ кардани об ҳаром аст; истифодаи қиёс, раъй ва иҷмои уламо дуруст нест, балки бидъати ошкоро мебошад; пайравӣ аз мазҳаби муайян бидъат ва хилофи суннат аст; дар ислом мазҳаб нест; сӯфия аз ислом нест, сӯфиҳо бидъаткоранд. Ҳол он ки дар масъалаи зиёрати қабри гузаштагон пайғамбари

ислом ба марде, ки дохили биҳишт шудан мехост, чунин гуфтааст: “Агар орзуи биҳишт доред, пои модару пешонии падарро бибӯсед ва онҳоро эҳтиром кунеду ҳаргиз онҳоро тарк накунед.” Марде пурсид: “Ё расулуллоҳ, агар падару модарам мурда бошанд чӣ?” Гуфт:”Гоҳ-гоҳ ба қабристон бирав ва қабри онҳоро бибӯс” [173, с.267]. Ҳамчунин аз нигоҳи салафиён хондани «Маснавии маънавӣ» бидъат ва хилофи суннат аст; хондани китобҳои фиқҳӣ: «Мухтасару-л-виқоя», «Мухтасари Қудурӣ», «Ҳидоя» ва китобҳои «Равзату-с-сафо», «Мушкот», «Тафсири Табарӣ», «Тафсири Ҷалолайн», «Тафсири Мавлони Яқуби Чархӣ», «Тавҳид»-и Мотуридии Самарқандӣ, «Саводи Аъзам»-и Ҳакими Самарқандӣ ва таснифоти Алӣ Қорӣ , Абӯисо Муҳаммад ат-Тирмизӣ ва аҳли тариқат бидъат ва афсона мебошанд [103, с.47].

Агар ваҳобия-салафия, Ҳизбу-т-Таҳрир, Толибон ва амсоли онҳо қудрат медоштанд, мазори Мавлоно Яъқуби Чархӣ ва Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Шақиқи Балхӣ, Бурхи Валӣ, Юсуфи Ҳамадонӣ, Ҷунунӣ, Шамси Табрезӣ ва Рӯдакию Айнӣ ва Турсунзода ва тамоми дигар бузургони миллатамонро ба замин ҳамвор мекарданд ва осоре аз онҳо намегузоштанд. Ба андешаи онҳо ин корашон мардумро аз бадбахтӣ ва ширкпарастӣ озод менамояд. Чунки, ба назари эшон, зиёрати қабри Чархию Балхӣ василаи ширк ва асли бидъат мебошанд. Ҷалолиддини Балхӣ ва Саъдию Ҳофиз сӯфӣ мебошанд. Онҳо амалҳои ширкӣ доранду таблиғкунандаи бидъатанд. Асарҳои Садриддин Айниро тамоман хондан ҷоиз нест, зеро дар тарғиби андешаи болшевикӣ навишта шудаанд. Ҳамаи шоирону нависандагон мубтадеъ мебошанд. Бидъат дар шариат ҳаром аст ва шеърнависӣ шеваи мушрикон аст. Ба ақидаи онҳо дар ислом мазҳаб вуҷуд надорад, зеро мазҳаб асли тафриқа ва низоъ мебошад; ҳанафимазҳабон бо мазҳаббозиии хеш дини исломро пора кардаанд; Имоми Аъзам низ сӯфӣ мебошад, ки қиёс ва раъй, урф ва истеҳсонро мавриди амал қарор додааст. Дар ислом истифодаи қиёс ҳаром аст.

Ваҳобия-салафия, Ҳизбу-т-Таҳрир, Толибон ва амсоли онҳо фақат дар партави Қуръон ва суннат амал намуданро зарур медонанду қиёс, урф, раъй

ва истеҳсонро инкор мекунанд. Дар сурате, ки ҳеч ҳақиқатеро бидуни қиёс дарёфтан имкон надорад. Урф, раъй ва истеҳсон аз муҳимтарин рукнҳои ислом мебошад. Ин гуруҳҳо мардуми моро, ки ҳазору чаҳорсад сол инҷониб дар мазҳаби ҳанафӣ мебошанд ва аз нигоҳи бузургтарин уламои ислом ин мазҳаб беҳтарин мазҳаб дониста шудааст, гирифтори бидъат, дингумкарда, дар амал риёкор ва дар ибодат гирифтори бидъат ва ширк мешуморанд. Онҳо яке аз муҳимтарин рукни ахлоқи инсониро, ки хайру садақот, яъне некӣ кардан аст, бидъат мешуморанд ва ба ин васила бо дастнишондоди хоҷагони хориҷиашон мехоҳанд тамоми мардумро аз ҳувияти хеш, ваҳдату якпорчагӣ ва аз тамоми арзишҳои баландмазмуни худ дур созанд. Онҳо ҷашнгирию бузургдошти бузургони илму дину фарҳангро низ, ки барои ҳар як фарди тоҷик ифтихори миллӣ аст, ба ширку бидъат иртибот медиҳанд. Дар сурате, ки худи ин гуруҳҳо бидъаткоранд ва ҳамаи амалҳояшон гувоҳи бидъаткориашон мебошад. Масалан, Имом Шотибӣ дар бораи бидъат чунин таъриф додааст: «Бидъат тариқаи сохтагӣ дар дин аст, ки ба тариқа ва аҳкоми динӣ шабоҳат дорад ва ҳадаф аз пеш гирифтани он муболиға дар парастиш дар баробари Худованд азза ва ҷалла аст…» [67, с.30].

Ё худ мубаллиғи дигари салафияи ифротӣ мегӯяд: «Бидъат дар истилоҳи шаръ: бидъат эҷоди коре ё эътиқоде ё қавле аст, ки дар мавриди он иҷозае аз соҳиби шаръ дар китоб ё суннат ё иҷмоъ ё қиёс нарасида аст ва таҳти яке аз ақоид ва усули оми ислом дарнамеояд. Ё бидъат эҷоди чизе аст, ки маъориз ва мухолифати ислом бошад. Бинобар ин, ҳар амри тозае таҳаққуқ меёбад, агар мутобиқи Қуръон ё Суннат ё иҷмоъ ё қиёс бувад, машруъ бувад ва агар мутобиқи масодири мазкур набувад, мулоҳиза мешавад, ки оё таҳти яке аз усул ва мабодии оми ислом қарор мегирад ё на? Агар таҳти ин усул воқеъ шуд, машруъ аст ва бидъат нест ва агар қарор нагирифт, бидъат ва залолат аст» [13, с.9].

Пурсида мешавад, ки ҷашнгирии бузургони миллат ва ҷашгирии истиқлоли кишварамон оё ҳамчун парастиш дар баробари Худованд маҳсуб мешавад? Мо киро ё чиро дар баробари Худованд ҳамчун Худо парастиш

кардаем ё чӣ тариқаи сохтагие дар дин пеш гирифтаем? Оё бузургдошти бузургони миллат ва ҷашнгирии истиқлоли миллат парастиш дар баробари Худованд аст? Ҳаргиз на! Дар асл аз ин бинишу нақшаҳои манфури онҳо равшану ошкор мешавад, ки сад дар сад ҳамаи ин талоши онҳо фақат ва фақат ба манфиати кишварҳои абарқудрат – душманони ҳувиятзудои миллатҳои ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ мебошад, ки дар ин минтақа қудратҳои ҷаҳонӣ ва шарикони стратегии онҳо манфиатҳои ҷуғрофӣ-сиёсии худро пиёда кардан мехоҳанд. Таҷлили идҳои миллӣ ва мусалмонӣ, ҷашнвораҳои бузургони миллат воситаҳои хуби таҳкими ваҳдати миллӣ ва ҳувиятсозии мардуми кишвар мебошанд, ки ҳаргиз ба манфиати душманону хоинони миллат нахоҳанд буд. Душманону хоинони миллат парокандагиву гусехтагии мардуми моро хоҳонанд, зеро ба ин васила шикастани пайкари миллату давлат барояшон хеле осонтар даст хоҳад дод.

Аз ин рӯ, бо боварии том метавон гуфт, ки ҳамаи анъанаҳои мардумӣ ва ҷашнвораҳои миллӣ, давлатӣ, ки дар асл мухолифат ба ақида ва аркони шариъати исломӣ намекунанд, аз ақсоми бидъат шуморида мешаванд. Зеро ҳангоми густариши худ ба кишварҳои гуногун дини ислом бо арзишҳои миллии мардуми таҳҷоӣ созиш намуда, урфу одатҳои ҳасанаи мардумиро қабул кардааст ва ин урфу одатҳои мардумӣ як қисми фарҳангу тамаддуни исломӣ ба шумор меравад ва онҳо дар тӯли садсолаҳо хусусияти исломӣ касб кардаанд ва бо насси Қуръон ва суннат мухолифат надоранд. Ҳангоми таҷлили ҷашни Наврӯз мусалмонон барои якдигар дуъои хайр мекунанд ва аз Худованд сулҳу субот ва хуррамию офият пурсон мешаванд [103, с.46]. Оё ин хайрхоҳӣ барои якдигар, сулҳу субот ва хуррамию офият барои дӯстону наздикон хостан ва умуман барои кулли ҷаҳониён бидъат аст? Ҳаргиз на!

Ҷаҳони имрӯз ба зинаҳои нави тамаддуни иттилоотӣ ворид гардидаст ва равияҳои ифротӣ-террористӣ, ба мисли салафия аз пешравиҳои технологияи муосир фаровон истифода мебаранд. Боиси ташвиш аст, ки насли нави салафиён зуҳур кардаанд, ки зоҳиран худро дунявӣ нишон медиҳанд, аммо дар асл ҷонибдорони таълимоти бисёр хавфноки ҷараёни салафӣ мебошанд.

Барои ошкор накардан ва фиреби назари мардум, бахусус ҷавонон, салафиҳо симои воқеии хешро бо тарзи шеваи муошырати маданӣ, либоспӯшии аврупоӣ ва муколамаи фарҳангӣ рӯйпӯш карда, ба муҳити иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон ворид мешаванд. Онҳо дар сохторҳои расмӣ-давлатӣ мавқеъ пайдо намуда, бо ин роҳ ба арсаи сиёсат гом мегузоранд ва мехоҳанд низоми давлатдории дунявиро аз дарун хароб намоянд [143, с.73].

Мутаассифона дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷойи муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ, амсоли китобхонаҳо, клубҳо бештар масҷидҳо сохта мешаванд. Чи тавре маълум карда шудааст, дар як қатори онҳо ба таври пинҳонӣ таълимоти ҳаракати ифротии салафия омӯзонида мешавад. Ҳарчанд соҳаи таълимоти динӣ аз тарафи ҳукумат ва сохтори қудратӣ зери назорати катъӣ қарор доранд, аммо раванди динишавии мафкураи ҷомеа ва махсусан ташаккули тафаккури динӣ-ифротии ҷавонон метавонад, ки ба ваҳдати миллӣ таҳдиди ҷиддӣ эҷод намояд [90, с.256].

Аҳли ваҳобия-салафия, Ҳизбу-т-Таҳрир, толибон ва амсоли онҳо баъди ҳар намоз шумурдани зикри «Субҳоналлоҳ», «Алҳамдулиллоҳ» ва «Аллоҳу акбар»-ро бо ангуштони даст ё тасбеҳ бидъат ва ҳаром мешуморанд. Агар зикркунанда ба ҷойи 33 ё 99 маротиба 34 ё 101 маротиба номи Худоро ёд намояд ва ба ангуштони даст онро шуморад, гӯё амали бидъатро анҷом додаст. Имом Аҳмад, Тирмизӣ ва Абӯдовуд ривоят мекунанд, ки Расулуллоҳ (с) гуфт: «Бар шумо бод гуфтани «Ло илоҳа Илаллоҳ» ва «Субҳоналлоҳ», агар онро нагӯед, раҳмати Ҳақро фаромӯш мекунед ва онҳоро ба ангуштон шуморед, зеро рӯзи қиёмат аз онҳо бозхост мешавад ва ба нутқ дармеоянд» [13, с.9]. Аз ҳамин лиҳоз, на ҳамаи урфу одатҳои мардумиро бидъат гуфтан мумкин аст, зеро чунин баҳои якҷониба додан ба арзишҳои миллие, ки дар хизмати ислом қарор доранд, худ бидъати ошкоро аст.

Ба андеши ин гуруҳҳо дар ислом фақат як миллат-миллати мусалмон вуҷуд дорад ва мавҷудияти миллат дигар ҷоиз нест. Онҳо фаромӯш кардаанд, ки миллат дар ислом маънои динро дорад ва он як умумияти иҷтимоӣ-таърихиест, ки онро шароитҳои муайяни иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсӣ ба миён

меоранд ва умумияти динӣ наметавонад умумиятҳои миллиро аз байн барад, чуноне ки хилофати исломиро халқиятҳои гуногун ташкил медоданд, ҳарчанд дар Қуръон омадааст: «Эй мардум, ба дурустӣ ки шуморо аз як марду зан офаридем ва шуморо қавмҳо ва қабилаҳо сохтем, то бо якдигар шиносо шавед! Ҳароина гиромитарини шумо назди Худо парҳезгортарини шумост; Худо Донои Хабардор аст» [82]. Яъне, Худованд қавму қабила ва халқу миллатҳои гуногун офаридааст, то ин ки онҳо дар раванди табодули арзишҳои моддиву маънавӣ ва муборизаҳои гуногун якдигарро бишносанд ва ба ин васила ҳаёти худро ғаниву рангин гардонанд, вале дар ҳар сурат умумияти динӣ аз умумияти миллӣ боло гузошта шудааст. Бояд ёдовар шуд, ки ин оят замоне баён ёфтааст, ки ислом ҳамчун идеяи миллии араб мебоист қабоили парокандаи арабро дар як давлати воҳид муттаҳид месохт ва умумияти динӣ заминаи сиёсӣ барои бунёди давлати ягона гардид.

Аҳли ваҳобия-салафия, Ҳизбу-т-Таҳрир, Толибон ва амсоли инҳо худро аҳли ҳадис мегӯянд ва бар онанд, ки муқобили ҳама гуна бидъату ширкпарастӣ мубориза бурда, пирӯз мешаванд. Аммо дар асл ҳамчун баъзе ҷоҳилони бодиянишинони фарқи байни аҳодиси саҳеҳ, ҳасану заифро намедонанд ва байни ҳарому ҳалол фарқ намегузоранд, вале худро муҷтаҳиди мутлақ мепиндоранд. Инҳо мункири мазҳабу суннатгурез буда, онҳоро гоҳе Қуръония-Фарзия ҳам мегӯянд.

Дар замони Ибни Таймия (1263–1328) бо тавсияи ӯ васила, истиғоса (талаби адолат), табаррук ва зиёрати аҳли қубур бидъат ва ширк ҳисобида мешуд. Далелҳои зиёде дар ин маврид аз «Саҳеҳ»-и Бухорию Муслим вуҷуд доранд. Аммо салафия-ваххобия бо ҷурми ботинии худ оятҳое, ки дар шаъни мунофиқон нозил гаштааст, онҳоро таҳмил ба мӯъминони ростин ва дӯстдорони суннати паёмбар мекунанд. Қавли Худованд аст: «Ва ҳар кӣ баъд аз он, ки роҳи рост барояш ҳувайдо шуд, ба Паёмбар мухолифат кунад ва ғайри роҳи мӯъминонро пайравӣ кунад, ӯро ба он чӣ дӯст медорад, вогузорем ва ӯро ба дӯзах дарорем; ва он бад ҷоест» [82]. Дар масъалаи васила, истиғосса ва табарруку зиёрати аҳли қубур мӯъминон бар суннати Паёмбар

ва саҳобагон тақлид мекунанд, аммо ба ақидаи ваҳҳобия мӯъминон тибқи маъно ва мӯҳтавои ояти 115-и сураи Нисои Қуръон бино бар тақлид намудан ба масоили фавқуззикр ба дӯзах таҳмил карда мешаванд. Ҳол он ки маънии ояти мазкур на чунон аст, ки ваҳҳобия мепиндоранд, балки дар ояти мазкур омадааст, ки касе барояш ислом маълум шуд ва бо паёмбар мухолифат намояд ва ғайри роҳи мӯъминонро пеш гирад, яъне ягонагии Парваридигорро эътироф накунад ва хилофи ақидаи мӯъминон ақида дошта бошад, дар он сурат чунин нафар ба дӯзах таҳвил мегардад, на чуноне ки салафиён мепиндоранд, ки ба муҷарради зиёрати аҳли қубур, табаррук ҷустан ва васила қарор додани арвоҳи паёмбарон ва азизони дин. Нафароне, ки васила қарор медиҳанд ва бар табаррук эътимод доранд, аз ҷумлаи мӯъминонанд, ки аз ширку бидъат ҷудо ҳастанд.

Аҳли ваҳобия-салафия, Ҳизбу-т-Таҳрир, Толибон, ДОИШ ва амсоли инҳо тамоми уламои маъруфи ҳанафимазҳаби гузаштаву ҳозираи моро қабул надоранд ва онҳоро шиъамизоҷ номида, ба вайрон кардани ақидаи мардум тӯҳмат мекунанд. Аз ҳама муҳим он аст, ки ин гуруҳҳо, ҳамчун ходимони содиқи хоҷагони хориҷиашон, беҳтарин арзишҳои фарҳангии миллати мо – таълимоти тасаввуф ё ирфонро, ки аксарияти бузургони илму ҳикмати мо: Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Наҷмуддини Кубро, Наҷмуддини Розӣ, Ҷалолуддини Балхӣ, Саноӣ, Фаридуддини Аттор ва дигарон ё орифу ҳакими ин соҳа буданд ё ба он таваҷҷуҳи бузург доштанд, бидъат эълон кардаанд. Ин амали онҳо тешазанӣ дар решаи ҳастии миллат мебошад, зеро онҳо ва хоҷагонашон хуб медонанд, ки миллати бидуни арзишҳои фарҳангӣ ҳеч пойдор буда наметавонад. Ин гуруҳҳо рӯирост дурӯғ гуфта, нисбати донишмандон ва орифони ботақвои кишвари азизамон, ки ҳар яке дорои мактаби таълимӣ ва ҳавзаи илмӣ мебошанд, ҳанафимазҳаб ва аз дӯстдорони суннат паёмбар мебошанд, гумони баду ботил ва туҳматномаҳо бофта, дар назди мардум, бахусус дар назди ҷавонони ноогоҳу бетаҷриба онҳоро паст мезананд ва ҷавонони моро бар зидди худи мо, бар зидди арзишҳои баланди фарҳангиамон мешӯронанд. Ин гуруҳҳо номгузории аслан тоҷикӣ-форсӣ ба

мисли Рустаму Суҳроб, Судобаву Рудоба, Кова, Фаридун, Эраҷ, Фарангис ва ғайраро бидъат эълон карда, фақат номгузории аслан арабиро тарвиҷ менамоянд. Инҳо таълимоти Имом Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит, Имом Абумансури Мотуридӣ,[1] ва дигар бузургони моро, ки бунёди мазҳаби ҳанафии моро ташкил додаанд, ба куллӣ қабул надоранд ва ҳамчун ширк унвон мекунанд. Дар сурате, ки худ аслан мутобиқи суннати пайғамбар амал намекунанд, либосҳои тангу абрешимӣ мепӯшанд, бидуни сарпӯше намоз мехонанд ва ақидаи яҳудро либоси шаръӣ пӯшонда, тибқи он амал мекунанд.

Пешравию инкишофи гурӯҳи ифротӣ-террористии салафиён дар он зоҳир мегардад, ки онҳо бо ҳар василаву восита фаъолияти худро ниҳон медоранд. Сарварони ин гурӯҳҳои динӣ-ифротӣ пайравони фаъоли хешро дар сохторҳои қудратӣ ва давлатӣ ҷой дода, онҳоро ба мақсадҳои сиёҳи худ истифода мебаранд [143, с.73].

Гурӯҳҳои ваҳобия-салафия, Ҳизбу-т-Таҳрир, Толибон, ДОИШ ва амсоли инҳо аз бемазҳабон буда, на ҳамаи ақоиди аҳли суннат ва ҷамоъат аз бар кардаанд ва то кунун дарки ҳикмати гуфтори Имом Мотуридии Самарқандӣ, Имом Абӯмӯсои Ашъарӣ, Имоми Аъзамро накарданд ва иллати гумроҳии онҳо низ дар ҳамин аст, ки каммаърифату дурӯғгӯй ва гирифтори афкори бегонаанд ва тобеъи андешаи суннатситезон мебошанд. Дар кӯргиреҳи ҷаҳли мураккаб ва ғафлату нодонӣ, ифротгароӣ ва бадбиниву бадандешӣ гирифторанд. Ҷаҳлу нодонӣ ва тундравию тудгароиро ин гурӯҳҳо шеваи худ сохтаанд, ки имондоронро ба куфру ширк муттаҳам мекунанд. Донишмандони исломиро ба баҳонаи суфӣ ва аҳли тариқат будан бидъаткор меҳисобанд ва байни олимони дин низову тафриқа меангезанд. Ҳар ҳанафимазҳаберо, ки ақидаи ботили ин гурӯҳҳоро қабул надорад, шиъаву рофизӣ меноманд. Барномаи муайян надоранд ва дар асоси нақшаҳои ботили аз ҷониби хоҷагони хориҷиашон фаъолият доранд. Тундгароӣ, бунёдгароӣ ва

[1] Имом Абумансури Мотуридӣ яке аз донишмандони маъруф ва орифи барҷастаи тоҷик дар дифоъ ва ҳифозати ақидаи аҳли суннат ва ҷамоъат хидмати арзишмандеро ба сомон расондааст. Салафиён ва ваҳҳобиён Мотуридии Самарқандиро чашми дидан надоранд ва дар интиқоди Мотуридӣ китобҳое навиштаанд. Аз ҷумла Абдураҳмони Хумайс Мотуридиро мавриди интиқоди худ қарор додааст.

ифротгароии дурӯғинро шеваи худ сохта, барои пешрафту тараққиёти миллати мусалмон монеаҳои сунъӣ эҷод мекунанд. Ин гуруҳҳо, ҳамчун ходимони содиқи хориҷии хеш мардуми Шарқ, бахусус мардуми мусалмони онро гирифтори ҷаҳолату ҷангу низоъҳои дохиливу берунӣ сохта, аз касби илму фарҳанг ва технологияи муосир дур нигоҳ доштан мехоҳанд, то ин ки ҳар чи имкон доранд аз сарвату моликияти онҳо истифода кунанд ва аз ин минтақа (Осиёи Марказӣ) манфиатҳои ҷуғрофӣ-сиёсии худро баровардa гардонанд. Дар сурате, ки пешрафту тараққиёти мардуми Аврупо аз баракати илму дониш ва маърифати технологияи муосир аст. Дар риштаи илмҳои дақиқ: кайҳоншиносӣ, пизишкӣ, равоншиносӣ, низоъшиносӣ, диншиносӣ, илоҳиётшиносӣ, илми низоми давлатдорӣ ва дигар соҳаҳои илму техника ҷаҳони Ғарб пешрафт намудааст. Чуноне ки Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ мегӯяд:

Қуввати Мағриб на аз чангу рубоб,
Не зи рақси духтарони беҳиҷоб.
Не зи сеҳри соҳирони лоларӯст,
Не зи урёнсоқу не аз қатъи мӯст.
Маҳками ӯро на аз лодинӣ аст,
Не фурӯғаш аз хатти лотинӣ аст.
Қуввати Афранг аз илму фан аст,
Аз ҳамин оташ чароғаш равшан аст.
Ҳикмат аз қатъи буриди ҷома нест,
Монеъи илму ҳунар аммома нест.
Илму фанро, эй ҷавони шӯху шанг,
Мағз мебояд, на малбуси фаранг [104, с.145].

Ба андешаи ин гуруҳҳо хондани мавлуди пайғамбар ва авродхонӣ бидъати ошкорост. Ҳатто хондани «Авроди фатҳия»-и Сайид Алии Ҳамадонӣ низ, ки иборат аз дуъо ва салавот мебошад, бидъат аст.

Ин гуруҳҳо-аҳли ваҳобия-салафия, Ҳизбу-т-Таҳрир, Толибон, ДИИШ ва амсоли инҳо бемазҳабӣ пеша кардаанд ва гӯё пойбанди тақлид нестанд,

балки худро озодандешу тозафикр мехонанд; инҳо мегӯянд, ки бояд арабҳо дар ҷаҳон ҳукмфармо бошанд ва иқтисоди ҷаҳонӣ бояд зери назорати онҳо бошад ва мардуми ориёинажод набояд тобеи андешаву таълимоти бузургони худ бошад. Ифротгароён худро «салафӣ» мегӯянду вале намедонанд, ки калимаи «салаф» дар Қуръон асосан ба мънои ибрат гирифтан аз гузаштагон омадааст, ки он ҳам бошад ишорат ба амалу рафтори бад, яъне ба маънои он ки он амали баде, ки дигарон дар гузашта карданд, ояндагон набояд такрор кунанд. Чунончӣ: «Пас (Фиръавн) қавми худро сабукақл ёфт, то онҳо фармони ӯро қабул карданд, ҳамоно онҳо гурӯҳи фосиқ буданд. Ва он ҳангом Моро ба хашм оварданд, аз онҳо интиқом кашидем, пас ҳамаи онҳоро якҷо ғарқ кардем. Ва онҳо (қавми Фиръавн)-ро пешиниён ва барои пасиниён масале сохтем» [82] (яъне «Ваҷаъалноҳум салафан ва масалиллил охирина»). Дар ҳадис низ калимаи «салаф» [167, с.47] омадааст ва он се насли мусулмонони таърихи ибтидоии исломро фаро мегирад ва намояндагони ин се наслро гузаштаҳои накӯкор «Салафи солеҳин» номидаанд ва ин салафи солеҳ дар навбати худ аз кирдор ва афъоли пайғамбар пайравӣ ва тақлид кардаанд ва бо ӯ мухолифат наварзидаанд. Салафияи такфирӣ-ҷиҳодии муосир, ки худро муҷтаҳиди мутлақ мешуморанд, дар навбати худ мункири тақлиди шаръӣ мебошанд ва баъзан бар хилофи Қуръон ва суннат низ амал мекунанд. Ба иҷтиҳоди дурӯғин камар бастаанд, даъвати паёмбарро на чандон қабул доранд, худро «салафӣ» меҳисобанд ва танҳо амали хешро ҳақ.

Мушрикони Макка низ аз аҳли гузашта буда, худро салаф меномиданд, даъвати пайғамбарро напазируфтанд, алайҳи паёмбари шӯриданд ва садҳо тан аз мусалмононро ба қатл расонданд. Ин гурӯҳи кӯҳнагаро, яъне салаф дини исломро куфру бидъату ширк мегуфтанд ва Муҳаммадро ҷодугар ва навгаро меҳисобиданд, зеро бар дини падару ҷаддаш ва қавму қабилааш, яъне мушрикон куфр варзидааст [273].

Ифротгароӣ ва тундгароии динӣ ҳамчун падидаи зиддиинсонӣ арзишҳои волои фарҳангиву ҳуввияти миллӣ ва ҳатто диниро, ки пояи маънавии ҷомеаро ташкил медиҳанд, бо роҳи ботилу куфр хондан хароб

сохта, барои ба бӯҳрони маънавӣ-ахлоқӣ кашидани ҷомеа талош меварзид, ки метавонад ба бозмондагии иқтисодӣ-иҷтимоии он таъсир расонад. Барои пешгирии он ҳар як миллат бояд тамоми хираду неруи солим ва арзишҳои баланди фарҳангии худро муқобил гузорад. Махсусан, насли ҷавононро бо истифода аз беҳтарин василаҳои таълиму тарбия дар рӯҳияи инсондӯстӣ, некукирдорӣ, ҳушёрии сиёсӣ ва таҳаммулгароӣ тарбият кардан ниҳоят зарур аст. Пеш аз ҳама бояд сатҳи дониши мардум, бахусус ҷавононро баланд бардошт. Бо далелҳои мӯътамади илмӣ табиати аҳриманӣ ва иғвоангезона доштани таълимоти ифротгароёнро бояд фош кард. Шурӯъ аз кӯдакистон ва минбаъд дар макотиби миёна ва олӣ арзишҳои фарҳангии миллатамонро (бо истифода аз беҳтарин васоити муосир) зина ба зина, аз сода ба мураккаб ҳамаҷониба тарғибу тадрис кардан зарур аст, то ин ки худи ҷавонон бар зидди ҳар гуна ақидаҳои носолими зиддиинсонӣ ва низоангези аз берун таҳмилшуда афкори солими худро ҳифз карда, дар ҳар масоили сиёсӣ, иқтисодӣ, динӣ-мазҳабӣ ва илмӣ-фарҳангӣ қазовати дуруст карда тавонанд.

Хулоса, дар баробари шабакаҳои интернетие, ки тарғиби ғояҳои ифротгароиву тундгароӣ интишор мекунанд, шабакаҳои интернетии ватаниро фаъол гардонида, ба фоидаву зарари кӣ анҷом ёфтани оқибати ин ақидаҳоро бо мисолҳои мушаххас нишон додан зарур аст. Дар ин шабакаҳо тамоми арзишҳои бузурги фарҳангии миллатамонро ҷой дода, дастрасӣ ба онҳоро осон ва бо беҳтарин воситаҳои замонавии диққатҷалбкунанда ба намоиш гузоштан лозим аст. Масалан, бо гирифтани наворҳои ҷолибу тамошобоб, ки ахлоқи ҳамидаро тарғиб ва рафтори накӯҳидаро мазаммат мекунанд, ҷавононро ба сӯи ҷавонмардиву некукорӣ, таҳаммулгароӣ ва омӯзиши арзишҳои баланди умумиинсонӣ даъват ва бо ин арзишҳо тарбият кардани онҳо ниҳоят муҳим мебошад. Зеро дар замони муосир хурдсолону ҷавононро маҳз филмҳои тасвирӣ, наворҳо, филмҳои ҳуҷҷативу бадеӣ ва амсоли ин бештар ҷалб мекунанд. Аз рӯи ҳикояҳои тарбиявии «Гулистон»-и Саъдии Шерозӣ, достонҳои «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ, «Маснавии маънавӣ»-и Ҷалолуддини Балхӣ ва ғ. силсилафилмҳои тасвирӣ-тарбиявӣ,

бадеӣ-тарбиявӣ ва наворҳои ҷолиби тарбиявӣ тартиб додан ҳаётан муҳим мебошад. Чунки тамошои наворҳои ҷолиб, ки меҳнати зиёдеро талаб надорад (дар муқоиса бо хондани китобҳо), наврасону ҷавононро зина ба зина, ба мисли волидону устодони мактаб тарбияи хуб карда метавонад. Дар баробари ин, синну соли ҷавононро ба назар гирифта, дар телевизиону шабакаҳои интернетӣ ва каналҳои моҳвораӣ беҳтарин наворҳо, филмҳои ҳуҷҷатии илмӣ, ки симои ифротгарону тундравони динӣ, террористон ва дастпарварони онҳоро фош мекунанд, нишон додан бисёр муҳим мебошад ва бар зидди ҳар як ақидаи нафратовару зиддиинсонии онҳо бо далелҳои мӯътамад андешаву таълимоти солим ва ғояҳои инсондӯстиро ҷой додан зарур аст.

## 2.2. Роҳу усулҳои таъсиррасонии ифротгароии динӣ ба фарҳанги миллӣ.

Аз замоне, ки инсоният ҳамчун мавҷуди бохирад чашм ба олами ҳастӣ кушодааст, бо душвориҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва ғ. ҳамқадам будааст. Ифротгароӣ вобаста ба шароити мушаххаси ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷомеа ва мушкилотҳои он дар шаклҳои гуногун зуҳур мекунад ва зиддиятҳои воқеии ҳаёти иҷтимоию сиёсии ҷомеаро инъикос менамоянд.

Нахустин навъҳои ифротгароии динӣ, ки барои мо маълум аст, одатан дар динҳое зуҳур кардаанд, ки хусусияти сиёсӣ доранд, ба мисли яҳудия ва имрӯз ба хусус дар фирқаи сиёсии он сайҳунизм, дар масеҳият, ба вижа дар равияи католикӣ ва дар ислом ва равияю фирқаҳои гуногуни он. Ҳар кадоме аз онҳо кӯшидаанд, бартарии худу пайравони худро аз дину равияҳои дигар нишон диҳанд. Масалан, дар яҳудия Бани Исроил ҳамчун халқи интихобкарда ва баргузидаи Худованд эътироф гардидааст, ки ҳатто дар Қуръон эътироф шудааст: “Ва ба дурустӣ ки Мо Бани Исроилро ба мақоми нек ҷой додем...” [82]. Дар Таврот бошад, ба сабаби халқи баргузидаи Худо будани яҳудиён, омадааст, ки Худованд ба онҳо замини Қанъонро, ки дар онҷо ҷӯйҳои шиpу асал равон аст, тӯҳфа намудааст. Чунончӣ: “Ва фуруд омадам, то ки онҳоро (яхудиёнро- Хва фарох барорам, ба замине ки шиpу асал дар он ҷорист, яъне ба макони қанъониён ва ҳиттиён ва амӯриён ва фарззиён ва ҳинниён ва ябусиён” [73, с.96]. Маҳз ҳамин идеяи Таврот то ба имрӯз заминаи ғоявии низоъи байни яҳудиёну фаластиниҳо мебошад. Яҳудиён Фаластинро “Замини ниёз,” яъне тӯҳфаи Худованд ба халқи баргузидаи худ медонанд ва ҳанӯз дар садаи Х мардумони ин сарзаминро қатли ом карда, зиндамндагонро ғуломи худ намуда, дар ин минтақа давлати миллии хешро бунед карда буданд, зеро дар биёбони хушк, ки яҳудиён саҳронишин буданд, сохтани давлат ғайриимкон аст. Бинобар он, имрӯз низ даъвои онҳо дар бораи Фаластин ба таълимоти Мӯсо дар Таврот асос ёфтааст. Вале ин ақидаро мусулмонон, ки ба Таврот ҳамчун ваҳйи илоҳӣ эътиқод доранд, қабул надоранд ва бар хилофи таълимоти Таврот барои истиқлолияти хеш мубориза мебаранд. Ин таҷрибаро араб низ дар ислом

истифода кардааст. Дар ислом дини мӯътабар ислом донista мешавад, ки ҳамвазну ҳаммаъноси ҳамон идеяи Таврот аст: “Ба дурустӣ ки дин (-и мӯътабар) назди Худо Ислом аст [82]. Қуръон низ арабҳоро барои забти кишварҳои ободу боамн ва пурфайз даъват мекунад ва онҳо ин дастуроти Қуръонро амалӣ сохтанд. Беҳуда нест, маркази хилоффати араб на Маккаю Мадина, балки Бағдоди ободу пурфайз буд. Маҳз ҳамин андешаҳои бартариятҷӯии динҳои сомӣ яке аз омилҳои асосии зуҳури ифротгароӣ ва низоъҳои сиёсӣ-мазҳабӣ мебошанд, ки имрӯз ҳам аз ҷониби қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ барои ҳифзи манфиатҳои геосиёсиашон истифода мегарданд.

Ҳадафи ифротгароӣ ва тундгароӣ ҳаргиз таълими дуруст додани мардум, ба роҳи рост ҳидоят кардани омма ва ҳал намудани мушкилоти иҷтимоии аҳолӣ набудааст, балки ҳамеша кӯшиши ба василаи дин ба ҳадафу ғаразҳои сиёсӣ расидани ашхоси алоҳида ва гурӯҳҳои хос мебошад, ки ҳамгироии дин ва сиёсатро мефаҳмонад [12, с.185].

Таълимоти бунёдии динҳои масеҳият ва буддоия то андозае аз ҳаёти сиёсӣ дурӣ ҷустани пайравони худро талаб мекунанд, дар сурате ки ислом аз ибтидо дар баробари дин будан пеш аз ҳама сиёсат дар қабои дин буд, зеро он ҳамчун идеологияи миллӣ вазифаи бунёди давлати ягонаи араб ва хилофати онро иҷро мекард. Бинобар он бо сиёсат сахт печида мебошад. Вақте ки дин бо сиёсат пайванди қавӣ дорад, он метавонад бо экстремизму терроризм низ пайванд шавад. Аз ин ҷиҳат, исломро наметавон ба ҳеч ваҷҳ аз сиёсат берун кашид.

Ба андешаи бархе аз уламо ва муҳаққиқони исломгаро нахустин ифротгароии маҳз исломӣ дар даврони сулолаи Умавиён (661–750 мелодӣ) зуҳур кардаанд ва маъруфтарини онҳо гӯё хориҷиён,[1] рофизиён,[1] карматиён,[2]

[1] Хориҷиён (аз арабӣ الخوار - баромад кардан (аз ҷумла зидди ҳукумат), тарккардаҳо) - аввалин гурӯҳи динӣ ва сиёсӣ дар таърихи ислом мебошанд, ки аз қисми асосии мусулмонон ҷудо шудаанд. Хориҷия пас аз ҷанги Сиффин дар соли 657, ҳангоми мубориза барои қудрат байни халифа Алӣ ибни Абутолиб ва Муовия дар давраи нооромиҳои байни мусалмонон ба вуҷуд омад. Аввалин Хариҷиён 12 ҳазор сарбоз аз артиши Алӣ буданд, ки пас аз бастани сулҳ бо Муовия исён бардоштанд. Онҳо ба Басра рафтанд ва дар он ҷо пойгоҳи низомии худро таъсис доданд ва аз он ҷо ба шаҳрҳои содиқ ба халифа ҳамла карданд. Аввалин пешвоёни хориҷиён «муҳаккимиён» мебошанд, ки бо халифа Алӣ ҳангоми тасмим гирифтани ду қозӣ барои ҳалли мунокиша ва музокироти шартҳои

хуррамиён[3] ва амсоли инҳо буда, таълимоти онҳо хусусияти ифротӣ дорад. Нахустин хориҷиён, ки дар Басра пойгоҳи низомии худро солҳои 657–661 таъсис дода буданд, аз он ҷо ба шаҳрҳои содиқ ба халифа ҳамлавар мешуданд

---

сулҳ бо Муовия мухолифат карданд. Хориҷиён дар минтақаи Ҳарура дар наздикии шаҳри Куфа ҷамъ омаданд, пешвоёни онҳо Абдуллоҳ ибни ал-Кавва ал-Яшкурӣ ат-Тамимӣ, Итаб ибн ал-Аъур, Абдуллоҳ ибни Ваҳб ар-Расибӣ, Урва ибни Худайр, Язид ибни Абӯасим ал-Муҳарибӣ ва Ҳаркус ибни Зуҳайр, ки бо лақаби Зу-с-Судая машҳуранд. Дар байни онҳо инчунин Абдурраҳмон ибни Мулҷам низ буд, ки баъдтар Алиро ҳангоми хондани намози бомдод кушт (ин марде буд, ки худи Умар ибни Хаттоб ӯро таъриф карда буд: «Вай дар ибодат ғайрат ва ба Худо итоат мекард, аммо оқибаташ бад буд, зеро ӯ ҳокими мусалмонон – Алӣ ибни Абӯтолибро кушт, ки мехост бо рехтани хуни ӯ ба Худо наздик шавад!»). Сарварии хориҷиёни Ироқ Нафиъ ибни Азрақ буд ва шадидтарин дар исёни онҳо алайҳи Алӣ хориҷиёни Ямома буданд, ки сардорашон Наҷда ибни Амир, Ашъас ибни Қайс, Мисор ибни Фадаки, Тамимӣ ва Зайд ибни Ҳусайни Тойӣ буданд. Хориҷиён танҳо ду халифаи аввалро қонунӣ эътироф карданд - Абубакр ва Умар ибни Хаттоб, аммо Усмон ибни Аффон, Алӣ ва ҳама дигарон (Умавиён, Аббосиён ва ғ.)-ро эътироф нанамуданд. Хориҷиён дар ислом заминаи бидъатро гузоштанд. Таълимоти хориҷия дар солҳои минбаъда аз ҷониби бисёр гурӯҳҳои динӣ - экстремистӣ ва анархистӣ дар кишварҳои мусулмонӣ интишор ёфт ва то имрӯз фаъолона истифода мешавад.

[1] Бидъатшинос – Ибни Тоҳири Бағдодӣ (980-1037) сабоиён – пайравони Абдуллоҳ ибни Саборо аввалин рофизиён донистааст. Ӯ зайдиён, имомиён, кайсаниён ва шиаҳои ифротиро ҳамчун рофизиён баҳогузорӣ кардааст. Тавре ки Ҳасани Навбахтӣ қайд кардааст, ин маъниро сунниён тасдиқ доштанд. Тибқи ривояти дигар, аввалин касе, ки ин истилоҳро истифода бурдааст, шиаи ифротӣ Муғиро ибни Саид буд, ки тарафдорони имоми шашум – Ҷаъфар Содиқро чунин номид, зеро онҳо имоматии Муҳаммад ибни Абдуллоҳро эътирофи накарданд ва дар Мадина исён намуданд. Муаррихи исломии замонҳои Умавиёни охирин ва Аббосиёни аввал Абумихнаф, шииҳои Куфаро рофизӣ номида буд, ки Зайд ибни Алиро дар мубориза барои ба қудрат расиданаш алайҳи Умавиён дастгирӣ мекард. Пас аз пайдоиши равияи зайдия, рофизиёнро асосан имомиён меномиданд, ки ҳукмронии ду халифаи аввал ва сулолаи Умавиёну Аббосиёнро эътироф намекарданд. Рофизиён аз тақия (пинҳон кардани дини худ) истифода мебаранд, то ҷомеаи худро аз таъқиботи мухолифон муҳофизат кунанд. Онҳо ба тамоми ҷунбиши шиаҳо, алахусус шиаи дувоздаҳимома (иснаашария) таъсири назаррас расонданд. Дар байни сунниҳо номи «рофизӣ» тобиши манфӣ дорад, аммо шиаҳо худро ягона шахсоне меномиданд, ки бадиро «рад мекунанд».

[2] Қарматиён (арабӣ: قرامطة) - як шохаи калони фирқаи мазҳабӣ ва сиёсии исмоилиён, ки дар Баҳрайн ҷамъияти хаёлиро ба вуҷуд оварданд ва дар соли 899 аз шохаи асосии ҷунбиши исмоилия ҷудо шуданд. Қарматиён асосгузори давлати Фотимиҳо Убайдаллоҳро имом ва маҳдӣ намешинохтанд ва омадани имоми ҳақиқии «пинҳоншуда» Муҳаммад ибни Исмоилро (набераи Ҷаъфари Содиқ) интизоранд. Соли 887 Аҳмад, писари Ибни Маймун Қаддаҳ, ба Эрон Ҳусайни Аҳвозиро ба ҳайси доӣ (воиз) фиристод. Ӯ галлабон Ҳамдон ибни Ашасро бо лақаби Қармат («кӯтоҳпо» ё «сурхчашм») ба исмоилия майл дод. Ҳамдан ба қабилаи набатиёни севадӣ, ки аз деҳқонон ва ғуломон иборат буданд, тааллуқ дошт. Вай ба назди ҳамватанонаш баргашта, моҳирона ва фаъолона дар байни онҳо таълимоти наҷотдиҳандаро тарғиб кард. Ҳамдан худ бовар дошт, ки ӯ ба манфиати алавиҳо амал мекунад, аммо чун фаҳмид, ки ин тавр нест, аз таълимоти худ даст кашид ва бе ному нишон ғайб зад. Аммо кори оғозкардааш қатъ нашуд. Ба ин ҷараёни ӯ одамони зиёде, ки аз тартиботи иҷтимоӣ норозӣ буданд, ҳамроҳ шуданд. Дар соли 930 бародари Абӯсаид, Абутоҳири Ҷаннабӣ, ки муддати тӯлонӣ ҳоҷиёнро ба Макка роҳ намедод, қарор кард, ки ҳаҷро ниҳоят нобуд кунад; ӯ ба Макка ҳамла карда, қатли омм ба амал овард ва Санги Сиёҳи Каъбаро рабуд. Танҳо соли 951 зиёратгоҳ ба мусалмонон баргардонида шуд. Қарматиён хулафои фотимиро ба имомат қабул надоштанд. Онҳо аз ҷониби амири Сомониён Нӯҳ ибни Насри Сомонӣ (ҳукмрониаш 943-954) барои исёнҳояш сарукӯб шуда буд. Дар аввали асри XII фаъолияти қарматия амалан қатъ гардид.

[3] Хуррамиён (пайравони дини хушбахтӣ) – пайравони як қатор ҷунбишҳои динӣ ва сиёсии зидди исломӣ, зидди хилофат дар Эрон, Осиёи Марказӣ ва инчунин дар қаламрави Озарбойҷони муосир буданд, ки дар давраи аввали ҳукумати Аббосиён фаъолият доштанд. Ҷунбиши Хуррам соли 809 дар кӯҳҳои Толиш ба вуҷуд омада, ба зудӣ дар тамоми Озарбойҷон, инчунин қисми Аррон ва Арманистон паҳн шуд. Ташаббуси ҳаракати озодихоҳии халқҳои тобеи хилофат аз Арран буд. Дар ин кор талишҳо нақши назаррас доштанд. Дар кишвари онҳо, дар кӯҳҳои Талиш, дар қалъаи шикастнопазири Бадз (Базз), он қароргоҳи асосии хурмамиҳои «сурх» буд. Ақидаи Хуррамиён омезиши ғояҳои Маздак бо унсурҳои масеҳию исломӣ буд. Хуррамиён ба мубоизаи ду принсип – Нур ва Зулмот эътиқод доштанд, дар ҳоле ки тартиботи мавҷудаи иҷтимоӣ маҳсули як мабдаи торик ва шайтон ҳисобида мешуд; хуррамиён инчунин ба таҷассуми доимии Худо дар Одам, Иброҳим, Мусо, Исои Масеҳ ва Муҳаммад (с) ва сипас дар симои пешвоёни ҳаракати худ боварӣ доштанд. Аввалин шӯриши хуррамиён бар зидди хилофати араб солҳои 778 ва 808 рух дод. Хуррамиён дар шӯриши Абумуслим (747-750), Сумбод (755), шӯриши Байрақдорони Сурх (778/779), Муқаннаъ (охири асри 8) ва Бобак (асри 9) ширкат варзиданд.

ва ҳамчун нахустин гуруҳҳои динӣ-ифротгарой дар ислом маъруф гардиданд ва ҳамчунин нахустин бунёдгузори бидъатҳо дар ислом ба шумор меравconfigurationанд. Ғояву таълимоти онҳо то даврони муосир пайравони зиёде дошта, аз ҷониби бисёре аз гурӯҳҳои ифротгарову тундрав дастгирӣ меёбад.

Бархе муҳаққиқону донишмандони Асрҳои Миёна бар онанд, ки қарматиён, рофизиён ва амсоли инҳо ба хотири расидан ба ҳадафҳои худ аз хунрезию ғоратгариҳои оммавӣ даст намекашиданд, ба корвонҳои тоҷирон ва ҳоҷиён ҳамлавар мешуданд. Меъёрҳои динӣ ва ғояҳои ахлоқии қарматиҳо бо таълимоти бунёдии ислом мухолифати ошкоро доштанд [187, с.15]. Аммо мо наметавонем бо ин андешаҳо розӣ шуд, зеро ин фирқаҳои ба ном ифротгароро худи низоми хилофат, ки халқҳои истилошударо зулму ситам мекард, ба вуҷуд оварда буд ва онҳо зери парчами ислом барои озодии ватану қавми хеш мубориза мекарданд. Дигар ин ки, азбаски ислом аз ибтидо бо зарби шамшер густариш меёфт, экстремизму терроризм нисбати дигарандешон ва озодихоҳон ҳамеша ҳамқадами ислом буд ва мебошад.

Дар ҷаҳони муосир ва алахусус дар Тоҷикистон, баъзе гуруҳҳои тундраву ифротгаро таълимот ва ҳадафҳои муғризонаи худро зери пардаи ислом пинҳон нигоҳ дошта, исломро бо мақсадҳои ғаразноки сиёсии худ истифода мебаранд; онҳо исломро бо сиёсат пайваста, онро барои расидан ба ҳадафҳои сиёсии хеш истифода мебаранд, ки ин ҳадафҳои онҳо ҳаргиз ба манфиати кишвар ва мардуми мо намебошад [12, с.281].

Муборизаҳои сиёсӣ дар Тоҷикистон дар раванди бозсозӣ дар собиқ Давлати Шуравӣ оғоз гардида, ҳангоми касби истиқлолият ба шиддат боло рафтанд. Неруҳои мухталиф (аҳзобу ҳаракатҳо ва иттиҳодияҳо) зуҳур карданд, ки барои озодии комили давлату миллат мубориза мебурданд. Дар оғози фаъолияти худ онҳо тавонистанд, ки ба забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ бидиҳанд. Соли 1989 «Қонун дар бораи мақоми давлатии забони тоҷикӣ» қабул гардид. Аммо ҷомеаи Тоҷикистон дар ин ҳангом ба гуруҳҳои зидди ҳамдигар тақсим шуд, ки яке муътадилпеша ва дигар ифротгаро буданд. Гуруҳи нахусти муътадилпеша (миёнаравон, консерваторҳо) ходимони

солхӯрдаи ҳизбӣ, зиёиён ва намояндагони хоҷагиҳои деҳот буданд, ки дар дастгоҳу сохторҳои давлатию ҳизбӣ фаолият меварзиданд [217].

Бешубҳа, истилоҳоти «ифротгароии исломӣ», «тундгароии исломӣ» ва «терроризми исломӣ» падидаҳои нав набуда, дар таърихи ислом вобаста ба вазъи сиёсию иҷтимоӣ пайваста зуҳур меёфтанд. Ба андешаи мо ифротгароӣ, тундгароӣ ва терроризми падидаҳоеанд, ки дар шакли ҳаракатҳо ва созмонҳои гуногуни сиёсии ифротгаро вуҷуд доранд, ки муассисашон душманони мусулмонон буда, дар ҷаҳони ислом манфиатҳои хешро доранд ё гурӯҳҳое мебошанд, ки баро ҳокимияти сиёсӣ мубориза мебаранд. Суистифодаи таълимоти динӣ аз ҷониби гурӯҳҳои манфиатхоҳ ҳамеша идома хоҳад ёфт ва танҳо ваҳдати миллату давлатҳо, сулҳи кулли башарият ва ваҳдати оммаи мардум хатари онро метавонад аз байн бурд. Ғоя ва амалҳое, ки аз оғози ислом ва дар асрҳои миёна дар ислом ва равияю фирқаҳои исломӣ вуҷуд дошт, гурӯҳҳои манфиатдор ҳамеша ба манфиати худ истифода мебурданд ва имрӯз ҳам ифрогароии исломӣ,ки ҳосили он терроризм аст, дар хизмати ин гурӯҳҳо қарор дорад, ки аз исломи сиёсӣ сарчашма мегирад. Яке аз омилҳои бозмондагии ҷаҳони мусулмонӣ низ дар ҳамин исломи сиёсӣ мебошад, ки барои ифротгароии динӣ ба ҳайси заминаи ғоявӣ хазмат мекунад. Бинобар он, қудратҳои ҷаҳонӣ ва шарикони стратегии онҳо барои мавҷудияти низомҳои дунявӣ дар ҷаҳони ислом манфиатдор нестанд. Зеро низомҳои дунявӣ метавонанд шиддати паҳншавии афкори ифротиро дар ҷомеа заиф созад ва ба рушди давлати дунявӣ монеъ гардад. Беҳуда нест, ки қудратҳои ҷаҳонӣ ҳам аи он табаддулотҳое, ки дар кишварҳои мусулмонӣ аз берун ташкил карданд, бо дасти гурӯҳҳои ифротӣ анҷом доданд, чуноне ки дар Миср, дар Сурия, Ироқу Либия ва ғайрарух дод.

Албатта дин метавонад ва бояд бунёдгаро бошад, яъне он бояд ба усулҳои бунёдии худ исрор варзад. Масалан, усулҳои бунёдии дини масеҳӣ бовар доштан ба таслиси Худо (сегона будани Худо: Худо, Руҳулқудс ва Исо (а), салиб доштану салиб кашидан ва ғ. мебошад; усулҳои бунёдии дини ислом: имон доштан ва шаҳодат додан ба ягонагии Худо ва ба пайғамбар

ҳамчун расули Ӯ, ба Қуръон ҳамчун китоби  Худованд, ба рӯзи растохез ва ғ. дар байни ин усулҳо масъалаи тавҳид барои дин аҳамияти аввалиндарача дорад ва ба сабаби бисёрандеширо рад кардан хусусияти сиёсӣ дорад. Ин усулест, ки динҳои яктопарастӣ бар асоси онҳо бунёд ёфтаанд. Аз ин ҷост, ки тавҳид моҳиятан падидаи сиёсист ва ба таври мустақим ё ғайримустақим бо сиёсат иртибот дорад ва ҳар қадаре, ки дин дар масоили иҷтимоӣ реша давонад, он ҳамон қадар сиёсӣ шуданаш мумкин аст [39, с.97; 119, с.396].

Охири асри XIX ва оғози асри XX ҷунбишҳо, ҳаракату созмонҳои ифротгароӣ фаъолияти худро дар сатҳи минтақавӣ ва ҷамъиятӣ ба роҳ монданд. Дар замони нав бо истифодаи технологияҳои коммуникатсиониву иттилоотӣ фаъолияти ифротгароӣ дар сатҳи минтақавию миллӣ-давлатӣ ва сатҳи ҷаҳонӣ зоҳир гардида, ба ҷунбишу ҳаракатҳои байналмиллалии ифротгароӣ табдил ёфтанд. Ҷомеаи байналмилалӣ дар ҳодисаҳои чанд соли охири Сурия, ки дар он ҷо созмони террористии «Давлати исломӣ» ва дигар созмонҳо ва ҳаракатҳои ифротгароӣ таъсис ёфтаву фаъол шудаанд, ба ин мушкилот дучор омадаанд.

Пайравони ин ҷунбишу ҳаракатҳо ва созмонҳо дар даврони кунунӣ идеология ва мавқеи худро ҳифзу тарғиб ва ташвиқ менамоянд, одамонро ба доираи фаъолиятҳояшон ҷалб сохта, тарафдорони худро дар ҷомеаи иттилоотӣ зиёд менамоянд. Ин вазъият зуҳуроти нав ба нави ифротгароиро барои ҷомеа эҷод карда, барои ҷомеаи мо таҳдиду хатарҳои хатарнокро ба миён хоҳад овард. Баррасӣ ва таҳлили вазъияти сиёсии ҷаҳони муосир гувоҳи он аст, ки ифротгароӣ дар байни ҷавонон афзуда истодааст. Ин падидаи номатлуб, ки бештар аз тарафи созмону ҳаракатҳои бонуфӯз мавриди истифода қарор меёбад, шуури ҷавононро вайрон карда, ба душманони фарҳангу миллати худ табдил дода истодааст. Насли нави имрӯз дар муҳити бемасъулиятию бадахлоқӣ, зӯроварию тоқатнопазирӣ ва худмеҳварию худхоҳӣ ба камол расида истодааст. Бинобар ин, барои ҷомеаи Тоҷикистон, ҷавонон ҳамчун манбаи хатарноки эҳтимолии ифротгароӣ ва терроризм шуда метавонанд.

Доираи пайдоиш ва таъсири созмону ҳаракатҳои ифротгароӣ террористӣ дар шароити Тоҷикистон хеле васеъ аст. Таҳлили заминаҳо ва омилҳои пайдоиши созмон ва ташкилотҳои ифротгароӣ ва террористӣ дар Тоҷикистонро таҳлил намуда, метавон қайд намуд, ки заминаҳои мушаххаси пайдоиш ва инкишофи созмону ҳаракатҳои мухталифи ифротгароию террористӣ дар кишвар вуҷуд дорад. Омилҳои беруна ва дохилии ташаккул ва инкишофи чунин созмонҳо тақсимбандӣ шудаанд. Дар доираҳои илмӣ, шартан метавон тарафдорони муносибати бартарии омилҳои берунаро ҷудо намуд [231, с.6].

Ташреҳу тавзеҳи омилҳо ва сабабҳои пайдоиш ва интишори ифротгароии динӣ-сиёсии як дини ҷомеаи муайян боиси зуҳури ин падидаи номатлуб дар дигар дину ҷомеа буда наметавонад, зеро ҳар як ҷомеа ва дини дар он ҳукмфармо хосиятҳои хосси худро дорад ва фақат бо воситаҳои ба онҳо хосислоҳпазир хоҳанд буд.

Чунин андешаро муҳаққиқи тоҷик Маҳмадизода Н.Д. низ ҷонибдорӣ менамояд. Ба андешаи ӯ зоҳиршавии шаклҳои гуногуни ифротгароӣ ба хусусияти хосси инкишофи ҷомеаи Тоҷикистон вобастагӣ дорад. Ин равандро бо якчанд далел метавон шарҳ дод. Якум, камабизоатӣ, ки ҷомеаи тоҷик дар марҳилаи ниҳоии бартараф кардани он буда, ҳалли ин масъала вазифаи аввалиндараҷаи ҷомеа ва ҳукумат мебошад. Дуюм, фасод ҳамчун мураккабтарин масъалаи иҷтимоӣ ба амнияти миллӣ хатар эҷод карда, накуаҳволии ҷомеаро халалдор менамояд. Барои пешгирии фасод ва нигилизми ҳуқуқӣ бояд низоми судӣ ва ниҳодҳои қудрати мустаҳкам карда шаванд. Вақте ки низоми судӣ ва сохторҳои давлатӣ суст амал менамоянд, дар ҷомеа гуруҳҳои марказгурез сар боло мебардоранд. Гуруҳҳои динӣ-ифротгароӣ ва террористӣ барои ноил шудан ба мақсадҳои вайронкоронаи худ ин ҳолатро ба нафъи худ истифода мебаранд. Маълум аст, ки гуруҳҳои динӣ-ифротгароӣ ва террористӣ барои пур кардани сафҳои худ ва бурдани корҳои тарғиботию ташвиқотӣ бар зидди давлату ҷомеа, қишри камбизоату қашшоқи ҷомеаро ба кор мегиранд. Гуфтан мумкин аст, ки мубориза бо

камбизоатӣ ин пешгирии сабабҳои паҳншавии ифротгароии динӣ-сиёсӣ мебошад [90, с.259-260].

Пайдоиш ва рушди созмону ташкилотҳои ифротгароӣ дар даврони кунунӣ аз таъсири омилҳои берунию дохилӣ вобаста мебошад. Баррасии манбаъҳои муътамади илмӣ ифодагари он аст, ки дар аксар маврид муҳаққиқон нақши омилҳои берунаро нахустдараҷа мепиндоранд. Ҳарчанд нақши омилҳои беруна дар зуҳурёбӣ ва инкишофи ифротгароии динӣ-сиёсӣ чашмрас мебошад, аммо омилҳои асосии зуҳури ифротгароии динӣ-сиёсӣ дар кишварамон метавон гуфт, ки хусусияти дохилӣ доранд. Буҳрони иқтисодӣ, ба яғмо бурдани воситаҳои моддӣ, шаклҳои нодурусти тақсимоти моликият ва ғайриқонунӣ ба даст овардани захираҳои миллӣ дар доираи хусусигардонӣ ва амсоли инҳо аз ҷумлаи омилҳои дохилӣ ба шумор мераванд. Ҳамчунин поён рафтани сатҳи ҳаёти мардум, афзудани тафриқаи иҷтимоӣ ва авҷ гирифтани бемуҳофизатии ҳуқуқию иҷтимоӣ ва иқтисодии шаҳрвадон ҳам метавонад омилҳои мазкурро афзоиш диҳад. Аз ҷумла сабабу омилҳои асосии ба фаъолияти ифротгароӣ рӯй овардани баъзе гуруҳҳои иҷтимоӣ паст шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар оғози солҳои 90-уми асри XX ва норушан гардидани дурнамои иҷтимоии бештари мардум пиндошта мешавад. Омилҳои мазкур аҳолиро водор намуд, ки роҳҳои наҷот аз буҳрони иқтисодию молиро ҷустуҷӯ кунанд. Бешубҳа, шароити зуҳурёфта норозигии гуруҳҳои махсуси ҷомеаро эҷод кард ва ин гурӯҳҳо аҳолиро бар зидди сохтори давлату ҳукумат барангехт. Дар ин шароит одамон, пеш аз ҳама, ба созмону ташкилотҳои оппозитсионӣ руй меоранд, ки дар ин созмону ташкилотҳо ба сифатҳои ахлоқӣ ва зеҳнии шахсият такя наменамоянд. Чунин ҳолат, албатта ба некуаҳволии доираи васеи оммаи мардум низ таъсири назаррас расонид ва омили муҳимми шиддатнокии иҷтимоӣ ва тафриқаи иҷтимоӣ дар ҷомеа гардид. Ин вазъият, ки хусусияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ касб карда буд. Ғайр аз ин, чунин ҳолати иҷтимоиву иқтисодӣ метавонад омилҳои дигари шиддатнок гардидани вазъиятро дар Тоҷикистон ба миён оварад, ки дар асоси рушд ва васеъ гардидан метавонанд сабаб ва шароити мустақили

фаъолгардии экстремизми динӣ-сиёсӣ гарданд. Ба чунин сабабҳо метавон афзоиши муборизаи сиёсӣ, зиддиятҳо миёни режими сиёсӣ ва оппозитсия, ҷудоихоҳии этникӣ ва диниро шомил намуд.

Омилҳо ва сабабҳои зуҳури ифротгароӣ барои ҳар як давлату ҷомеа метавонад гуногун ва ба чандин шароитҳои объективию субъективӣ вобаста бошад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки вазъияту шароити хос барои зуҳуру интишори ифротгароӣ вуҷуд дорад, ки амалан дар ҳар навъ давлату ҷомеа истифода бурда мешаванд. Ба гунаи мисол Д. Олшанский зуҳур ва интишори ифротгароиро аз ин омилҳо вобаста медонад: бухрони иқтисодию иҷтимоӣ, поин рафтани сатҳи зиндагии бештари мардум, ивазгардидан ё дигар шудани сохтори ҳокимияту ниҳодҳои сиёсӣ, масъулиятношинсии инҳо дар ҳалли масъалаҳои инкишофи ҷомеа, фишороварӣ ба дигарандешону мухолифони сиёсӣ ва таъқиби онҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ, зулму ситами миллӣ ва ғ. [113, с.225]. Маҷмӯи ин омилҳо наметавонанд зуҳуроти амали ифротгароиро шарҳ диҳанд, зеро дар ҳар як ҳолати алоҳида ифротгароӣ дар давлат ва ҷомеаи мушаххас, ҳамчун омилҳои алоҳида мавриди амал қарор мегиранд. Таҳлилу баррасии омилҳои мазкур дар бораи сабабҳои зуҳури ифротагоӣ дар ҷаҳони муосир фақат иттилооти умумӣ дода метавонад. Бино бар асоси маҷмӯи омилҳо ва сабабҳои ёдрасшуда, ки зуҳури ифротгароиро муайян менамоянд, ба ин натиҷа расидем, ки ифротгароӣ дар марҳалаи бесуботии сиёсӣ, заиф гардидани фаъолияти ниҳодҳои давлатӣ, бахусус ҳангоми ба буҳрони иқтисодию сиёсӣ ва фарҳангӣ гирифтор гардидани ҷомеа авҷ хоҳад гирифт.

Бархе муҳаққиқони соҳа сабабҳо, омилҳо, зуҳурёбӣ ва инкишофи ифротгароиро дар паст будани фарҳанги сиёсию ҳуқуқии аксарияти мардум, аз масъулиятношиносии низоми дохилию байналмилалӣ ва бесамарии он дар мубориза бо зуҳуроти ифротгароӣ, афзоиши муносибатҳои байни давлатҳову миллатҳо, боло гирифтани бухрони иҷтимоӣ ва амсоли инҳо иборат медонанд [16, с.40-41].

В. Кротти – муҳаққики амрикоӣ ба ин назар аст, ки донишмандон ва сиёсатмадороне, ки ба баррасию омӯзиши сабабу омилҳои зуҳури терроризму

ифротгароӣ машғуланд, бояд аз маҳдудаи андешаҳо ва таҳлилҳои куҳнашуда даст кашанд ва дар назар дошта бошанд, ки гуруҳҳои махсуси ҷомеа, аҳзоб ва итиҳодияву ҷунбишҳо ва ҳаракатҳои иҷтимоӣ фақат ба хотири гирдоварии сарват ва мансабҳои давлатию имтиёзоти иҷтимоӣ ба мубориза бармехезанд [269, с.17]. Яъне, омили иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар ҳар як ҷомеа нақши аввалиндараҷаро мебозад.

Ёдовар бояд шуд, ки зуҳурёбӣ, ташаккул ва инкишофи ҷунбишҳо, созмону ҳаракатҳои ифротгароӣ-террористӣ бидуни шубҳа маҳсули мухолифати геополитикии абарқудратҳо мебошад. Бино бар ин, гоҳҳо барои ба манфиати худ ҳал кардани ҳадафҳои муайяни геополитикӣ, ҷунбишу созмонҳо ва ташкилотҳои ифротгароӣ-террористӣ ба таври сунъӣ таъсис дода мешавад. Дар робита бо ин, А. Игнатенко чунин мешуморад, ки ғояҳои ифротгароӣ, ки дар осори динии салафия мавқеъ дошта, ҳангоми авҷгирии мухолифатҳои сиёсиву динӣ дар ҷомеа, имкон доранд хусусияти муташаккил ва амалиро ба худ гиранд, дар ҳолате, ки шароити иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсии тундгароиӣ ва ифротгароӣ ҷой надорад. Дар чунин ҳолат тундгарошавии ҷомеа аз рӯи тарҳҳои зерин амалӣ мегардад: шиддатнок гардидани масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва дохилии сиёсӣ, ҷустуҷӯи ифодакунии идеологӣ, тундгароии исломӣ; ташвиқу тарғиби ғояҳои салафӣ.

Баррасии давраҳои муайяни рушди таърихӣ гувоҳи он аст, ки омили динӣ дар амалӣ намудани манфиатҳои ҷуғрофӣ-сиёсӣ ҳамеша истифода мегардид. Чунин истифодабарии омили динӣ, дар доираи мухолифатҳои геополитикӣ, дар шароити имрӯза хеле васеъ гардидааст. Муборизаи сиёсиву идеологии байни Америко ва Иттифоқи Шуравӣ ва пошхӯрии дуюмин ба тағйиротҳо ва дигаргуниҳои назарасе оварда расонид, ки аз бисёр ҷиҳат ба авҷгирӣ ва интишори ифротгароӣ ва рушду нумуи созмону ташкилотҳои ифротгароӣ мусоидат намуд. Дар бунёд ва дастгирии созмону ташкилотҳои ифротгароӣ ва террористӣ, асосан бунёд намудани монеаҳои табиӣ дар паҳншавии идеологияи тарафи мухолиф ва мустаҳкам намудани таъсири геополитикии худ пайгирӣ карда мешуд.

Дар давраи гузариш дар марҳилаи имрӯзаи таърихи ҷомеаи тоҷик, ки ба душвориҳои маълуми иҷтимоӣ-сиёсӣ дучор омадааст, ба таври воқеӣ ҳолати муайяни муқовимат ва эътирози пардапӯшонаи иҷтимоӣ ба мушоҳида мерасад, ки ин раванд метавонад ҳолати махсуси шуури оммавии идоранашавандаро ташаккул диҳад. Барои ҳолати мазкур баҳои нобаробари воқеият хос буда, дар он руҳияи нобоварӣ, дилшикастагӣ, тарсу бими иҷтимоӣ, қаҳру ғазаб ва асабоният васеъ паҳн мегардад. Дар чунин шароит даъватҳои ифротгароӣ барои иҷрои амалҳои эътирози иҷтимоӣ ба осонӣ пазируфта мешаванд [90, с.115].

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки аксарияти созмону ташкилотҳои ифротгароӣ ва терористии исломӣ дар натиҷаи афзудани нуфузи Амрико ва интишори идеологияи коммунизм дар Шарқи Миёна ва умуман ҷаҳони садаи XX зуҳур карда,ривоҷ ёфтаанд. Ба мақсади истеҳкомбахшии мавқеи худ ва аз манотиқи исломӣ берун рондани Давлати Шуравӣ Амрико қариб дар аксарияти давлатҳои мусулмонӣ ҷунбишҳо, созмону иттиҳодияҳо ва ташкилотҳои ифротгароию террористиро бунёд карда, онҳоро аз ҷиҳати молиявӣ дастгирӣ намудааст. Ногуфта намонад, ки ҳарчанд Амрико худро дар назария ҳамоҳангсози мубориза бар зидди ифротгароӣ ва терроризм вонамуд месозад, вале дар амал ба бунёди ин ҷунбишҳову созмонҳои ифротгароӣ ва террористӣ машғул аст. Иттиҳоди Шуравӣ низ дар рушди ифротгароӣ ва тероризми саҳми арзанда гузоштааст. Масалан, паҳн ва рушд бахшидани ифротгароӣ ва терроризм дар Осиёи Марказӣ натиҷаи дахолати Иттфоқи Шуравӣ ба инкишофи вазъият дар Афғонистон мебошад.

Дар натиҷаи ин низоъ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Шарқи Наздик чандин созмонҳо, ҷунбишҳо ва ташкилотҳои ифротгароии динӣ-сиёсӣ, ба мисли «Ҳизбу-т-таҳрир ал-исломия» (ҳизби поксозии ислом), «Ҷамоату-л-муслимин» (соли 1978 ба «Ат-такфир вал-ҳиҷра» ивази ном кард), «Ал-ҷиҳод ал-муқаддас» (ҷиҳоди муқаддас) дар Миср зуҳур гардида, ташаккул ёфтанд [252, с.194]. Ғайр аз ин, дар Лубнон «Ҳизбуллоҳ» ва дар Фаластин «Ҷиҳоди исломӣ» пайдо шуданд [56, с.24]. Моҷароҳои номбаршуда, мисоли равшани

робитаи байни ифротгароии динӣ-сиёсии исломӣ ва рақобати геополитикӣ, ба мисли моҷарои ҳарбиву сиёсии Афғонистон, ба ҳисоб меравад. Бояд гуфт, ки дар оғози ин маҷарову низоъ таъсири Давлати Шуравӣ ба равандҳои сиёсии ин кишвар дар муқоиса бо Амрико – рақиби сарсахти Маскав хеле бузургтар буд.

Бузургтарин омили берунаи ташаккулёбӣ ва рушди ҷунбишу созмонҳо ва ҳаракатҳои ифротгарой-террористӣ дар Тоҷикистон раванди ҷаҳонишавӣ (глобализатсия) ба шумор меравад. Оғози асри XX ҷунбишҳо ва ҳаракатҳои гуногуни эътирозӣ қариб дар аксарияти кишварҳои ҷаҳон ҳамчун ҷавоб ба таҳдидҳои ҷаҳонишавӣ зуҳур кардаанд. Бархе донишмандон ба ин назаранд, ки терроризм, ифротгарой ва фундаментализм анвои мухталифи эътироз ба муқобили натиҷаҳои манфии ҷаҳонишавӣ мебошад, ҳарчанд ин андеша баҳсталаб аст. Зеро ИМА ва кишварҳои ғарбӣ мубориза бо терроризмро дар тамоми ҷаҳон вазифаи аввалиндараҷаи худ эълон дошта, дар асл гуруҳҳо ва ташкилотҳои ифротгароиро ташкил доданд ва ҳамаҷониба дастгирӣ карданд. Баъзе кишварҳои исломӣ бо амру фармонҳои ИМА ва кишварҳои аврупой дар Тоҷикистони навистиқлол ҷараёнҳои гуногуни ифротгароию террористиро озодона ҳимоят ва дастгирии молиявӣ намуданд ва ба онҳо кумаки сиёсӣ-итилоотӣ расониданд. Пӯшида нест, ки кумаки ҳаматарафаи давлатҳои ғарбӣ, бахусус ИМА ва баъзе кишварҳои мусулмонӣ ба гуруҳҳову ташкилотҳои ифротгароию террористӣ дар даҳсолаҳои ахир афзуда, фаъолияти тахрибкоронаи онҳоро боло бурда истодаанд ва амнияти кишвари моро зери хатар мегузоранд. Ин гуруҳҳо ва ташкилотҳои ифротгарой бо фаъолияту амалҳои мухталифи ифротгароии худ нуфузу обрӯи кишварамонро дар арсаи байналмилалӣ коҳиш медиҳанд. Собит гардидааст, ки ҷанги шаҳрвандиро дар Тоҷикистон гуруҳҳои мазкур бо дастгирии кишварҳои аврупой ва ИМА ташкил кардаанд, яъне он ҷанги таҳмилӣ будааст. Бархе давлатҳо бахусус Покистон, Афғонистон, Арабистони Саудӣ ва Эрон дар низои байни тоҷикон ва воқеъаҳои сиёсӣ-иҷтимоии солҳои 90-и садаи XX дар Тоҷикистон мустақиму ғайримустақим ширкат варзидаанд. Белокренитский В. Я. муҳақиқи рус ба ин андеша аст, ки сарвазири Покистон

Зиёулҳақ мақсад дошт, ки таъсири давлати худро ба кишварҳои Осиёи Марказӣ вусъат бахшад ва албатта, дар ин кор ӯро ИМА ва баъзе кишварҳои Аврупою арабӣ барои пиёда кардани манофеи геоҷуғрофиашон (бахусус аз ин минтақа танг карда баровардани нуфузи Руссия) дастгирӣ мекарданд. Ин таъсирасонӣ, албатта, тавассути гуруҳҳои ифротгарову тундгаро ба роҳ монда мешуд, ки дар он даврон фаъолияти эшон дар Тоҷикистони тозаистиқлол бисёр авҷ гирифта буд [37, с.34-50].

Чуноне ишора рафт, баррасии вазъияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии чанд даҳсолаи охир гувоҳи он аст, ки раванди ҷаҳонишавӣ ва ягонашавии фазои фарҳангиву тамаддунии ҷаҳони муосир, бахусус олами иқтисодию сиёсӣ (тибқи амсилаҳое, ки аз рӯи нақшаҳои аз ҷониби ИМА ва кишварҳои ғарбӣ муқаррар гардида аст), шаклҳои гуногуни эътирозро ба вуҷуд овардааст. Ба андешаи мо, зиддияту мухолифат дар асоси нишондиҳандаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, идеологӣ ва динӣ раванди табиист. Зиддияту мухолифати мазкур дар раванди ҷаҳонишавӣ омилҳову хусусиятҳои фаромиллӣ дорад ва аз сарҳадоти мазҳабӣ, этникӣ, географӣ  вобастагӣ надорад. Бояд зикр кард, ки дар вазъияти кунунӣ яке аз мухолифони асосии раванди ҷаҳонишавӣ ҷунбишҳо, ташкилотҳо ва созмонҳои гуногуни ифротгароӣ ва тундгароии мазҳабӣ ба шумор мераванд. Яъне, ҷаҳонишавӣ бо нақшаҳои худхоҳонаи умумиҷаҳонии худ аз тарафи бештарини раҳбарони кишварҳои исломӣ ҳамчун таҳдиди воқеӣ ба аркони тамаддун ва суннату анъанаҳои динию миллии кишварҳои мусулмонӣ қабул карда мешавад. Бинобар ин, дар ҷаҳони ислом тасодуф нест, ки равандҳои ҷаҳонишавӣ сабаби болоравии эҳсосоти зиддиғарбӣ, напазируфтани фарҳанг ва тарзи ҳаёти ғарбиро ба бор овардааст, ки боиси афзоиши амалу фаъолиятҳои ифротгароию тундравӣ дар минтақа гардидааст.

Бо боварии метавон гуфт, ки исломе, ки мардуми аҷам, ба хусус мардуми тоҷику форс, ташаккул доданд дини сулҳпарвар, таҳаммулпазир аст, ки бар пояҳои инсонгароӣ ва башардӯстӣ бунёд ёфтааст. Аммо ҷараёнҳо, созмонҳои динӣ-сиёсие, ки имрӯз вуҷуд доранд,  исломро ҳамчун силоҳи ғоявии худ алайҳи ҷомеаҳо ва давлатҳои дунявӣ истифода мебаранд. Барои

пешгирӣ ва рафъи ифротгарой, пеш аз ҳама ваҳдату ягонагии мардуми кишвар, баланд бардоштани сатҳи илму маърифати аҳли ҷомеа ниҳоят зарур аст. Зеро сабабҳои бисёр ҷиддии сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар кишварамон набуди ваҳдати миллӣ, адами ҳувияти миллӣ ва ҳамгироии ҳақиқии ҷомеа, бухрони амиқи маънавии иҷтимоии ҷомеа, авҷ гирифтани ифротгароии динӣ-сиёсӣ дар натиҷаи паст будани сатҳи донишу биниши мазҳаб ҳанафӣ ва чи илмии мардум, бахусус ҷавонон, дар аввали солҳои 90-ум садаи XX будааст.

Ҷаҳон дар арафаи бӯҳрони нави иқтисодӣ қарор дорад ва метавон пешгӯӣ кард, ки хуруҷи ифротгароён дар тамоми ҷаҳон шиддат хоҳад гирифт. Аз ин рӯ, дар ин вазъияти бухронӣ, чуноне ки Пешвои миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша таъкид менамояд, зиракии сиёсиро набояд аз даст диҳем ва барои пешгирии авҷи анвои гуногуни ифротгарой тамоми чораҳои заруриро андешем. Бешубҳа, дар ин раванд муҳаккиқон бояд нақши калидиро бозанд. Ҳангоми муқовимат бо ифротгароии динӣ-сиёсӣ ҳамчун яке аз хатарҳои мудҳиш ба амнияти миллию фарҳангии кишвар бояд афзалиятҳо ба тадбирҳои пешгирикунанда вобаста ба ташаккули шуури таҳаммулпазирии диндорон дар асоси талаботҳои арзишҳои исломи ҳанафӣ ваарзишҳои миллию дунявӣ дода шаванд, ки ҳадафи онҳо дар таҳаммулпазирӣ ва ҳамдигарфаҳмии мазҳабҳо равона шудаанд [90, с.209].

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба раванди ҷаҳонишавӣ ворид шуда, фақат бахшҳои алоҳидаи пешрафти илмӣ-техникии ҷаҳонро аз худ намудааст ва аз раванди ҷаҳонишавӣ, ки тамоми ҷаҳонро фаро гирифтааст, каме дур мондааст. Агар кишвар дар рақобати соҳоти мухталиф бо кишварҳои минтақа ҷои сазоворро ишғол накунад, аз рушди умумии ҷаҳонӣ қафо хоҳад монд. Ин маънои онро дорад, ки фаъолияти ҳаракатҳои ифротгароии динӣ таҳти шиорҳои исломӣ дар Тоҷикистон ва ҳам дар маҷмӯъ дар минтақа суст нахоҳад шуд, зеро мушкилоти асосии иҷтимоии рушди иҷтимой, ки ин

падидаро ғизо медиҳанд, дар марҳилаи ташаккул ва ҳаллу баррасӣ қарор дорад.

Ҷаҳонишавӣ ва байналмилалӣ шудани ифротгароӣ далели раднопазирест, ки имрӯз тамоми ҷаҳон бо он рӯ ба рӯст. Ифротгароӣ ва шакли шадидтари он терроризм аз доираҳои маҳаллӣ хеле фаротар рафта, дар ибтидои асрҳои XX ва XXI хусусияти байналмилалӣ ва ҷаҳонӣ пайдо кардааст. Ин падидаи манфуру номатлуби ҷаҳонӣ дар заминаи ҷаҳонишавӣ, коҳиш ёфтани назорати давлат дар қаламрави худ ва ҳамзамон афзоиши бесобиқаи имконоти таъсир ба корҳои дохилии як кишвари мушаххас ва ҷомеаи ҷаҳонӣ дар маҷмӯъ фаҳмида мешавад, ки аз ҷониби дигар субъектҳои муносибатҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ташкилотҳои ифротгароӣ низ истифода бурда мешавад. Дар маҷмӯъ, ифротгароӣ ҳамчун зуҳуроти мазҳабӣ ва сиёсӣ, посухест ба мушкилоти ҷаҳонишавӣ.

Пошхӯрии Давлати Шуравӣ падидаҳоеро ба монанди афзоиши нархҳо, афзоиши бекорӣ, тангии бозори дохилӣ, гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ ва аз он дур кардани истеҳсолкунандагони ватанӣ, мушкилот дар шароити ташаккули соҳибкории миллӣ, афзоиши ҷинояткорӣ дар иқтисодиёт ва ғайра заминаи зуҳуроти ифротгароии динӣ гардиданд. Дар шароити маҳдуд будани имкониятҳои молиявӣ, моддӣ-техникӣ, захиравӣ ва ғайра, ки ба оқибатҳои вазнини иҷтимоӣ оварда мерасонад, заминаи ташаннуҷи ҷомеа фароҳам меоянд ва заминаҳои иҷтимоии ифротгароии динӣ-сиёсӣ ва ҳаракатҳои ба он мансубро эҷод месозанд.

Омилҳо ва сабабҳои иқтисодӣ, иҷтимоию сиёсӣ ва динии зуҳури ифротгароии динӣ-сиёсӣ дар ҷомеаи мо, ки боиси тағйироти радикалӣ мегардад, инҳоанд: шиддат гирифтани мунокишаҳои иҷтимоӣ-гурӯҳӣ дар асоси тақсимоти моликияти ҷамъиятӣ ва даромади иҷтимоӣ, ки дар асоси он баъзе гурӯҳҳои иҷтимоӣ барои истисмор кардани гурӯҳҳои дигари иҷтимоӣ саъйю талош мекунанд; парокандагии сиёсӣ, паст будани шуури сиёсии ҷомеаи, сатҳи пасти маърифати ҷавонон, бекорӣ, камбизоатӣ дар байни қишрҳои фаъоли аҳолӣ, алахусус ҷавонон, набудани эътимод дар байни

ҷавонон барои беҳтар шудани вазъи молиявии онҳо, ҷанги шаҳрвандӣ ва оқибатҳои даҳшатноки он, аз даст додани ғояи миллӣ ҳамчун ҳастаи сиёсии ҷомеа, заиф шудани пояҳо ва ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ, хира шудани сохтори сиёсии ҷомеа, вайрон шудани пояҳои ахлоқӣ, қонуншиканиҳо, фасод, густариши таблиғоти гурӯҳҳои ифротгароии динӣ-сиёсӣ тавассути ВАО ва интишори адабиёти ифротгароӣ, дастрасӣ надоштани баъзе ҷавонон ба таҳсилоти олӣ, фарқгузориҳои қавмӣ-қабилагию авлодӣ, ҳизбҳо ва ҷунбишҳои мухолиф, ки намояндагони қишрҳои алоҳидаи иҷтимоиро ташкил медоданд ва ба ҳайати ҳукумат ба қадри кофӣ шомил нашуданд ва тасмими шикастани низоми мавҷудаpo доранд ва ғ.

Дар Тоҷикистон озодона метавон таълимоти олии динӣ гирифт, масҷидҳо бозанд ва дар онҳо руҳонияти исломӣ аз мазҳаби ҳанафӣ ва усулу таълимоти башардӯстонаи он пуштибонӣ мекунанд. Аммо созмонҳои гуногуни ифротгароии динӣ-сиёсӣ, ки аз хориҷа маблағгузорӣ мешаванд, ин ошкорбаёниро бо мақсадҳои ғаразноки худ истифода мебаранд. Онҳо гӯё мехоҳанд дар асоси Қуръону Суннат ва қонунҳои шариат кадолм як ҷомеае бо номи «ҷомеаи одилонаи исломӣ» бисозанд, аммо дар асл барои хоҷагони хориҷии худ хидмат карда, минтақаи Осиёи Марказиро таҳти назорати ҷуғрофӣ-сиёсии кишварҳои абарқудрат мегузоранд. Таҷрибаи давлатҳои исломӣ дар ҷаҳон гувоҳи он аст, ки кишварҳои абарқудрат мехоҳанд бо ҳар васила, аз ҷумла тавассути ифротгароёни динӣ-сиёсӣ, ки худ тарбият, раҳнамоӣ ва маблағгузорӣ мекунанд, ҳукмронии ҷаҳонро ба даст оранд. Дар солҳои 90-уми асри гузашта бисёре аз мушкилоте, ки қаблан танҳо барои кишварҳои «ҷаҳони сеюм» хос буданд, барои Тоҷикистон низ хос шуданд. Мутаносибан, баъзе хусусиятҳои вазъи динӣ ва сиёсӣ, ки қаблан танҳо дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ ҷой доштанд, зоҳир шудан гирифтанд. Масалан, шиддат ёфтани зиддиятҳои байниминтақавӣ, зуҳури таҳаммулнопазирии динӣ, тақвияти тамоюлҳои бунёдгароӣ ва ғ.

Тоҷикистони пасошуравӣ бо мавҷи «исломигардонии нав» рӯ ба рӯ шуд, ки дар он як қисми ҷомеаи ноогоҳу камтаҷриба ва ташнаи арзишҳои исломӣ,

дар шароити бӯҳрони умумӣ, таълимоти тундгароии исломии аз берун овардашударо бидуни таҳлилу баррасии оқилона фаъолона қабул карданд. Ин раванд бо мурури замон бо Эҳёи Мусалмонон дар ҷаҳон рост омад ё идомаи он буд.

Мубориза бо ифротгароии динӣ ҳамчунин бояд бо ёрии тарбияи фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ, алахусус дар байни ҷавонон сурат гирад. Бояд корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба пешгирии хатари ифротгароии динӣ дар байни аҳолӣ таъмин карда шаванд. Бояд барномаи амал барои мубориза муқобилият бар зидди таълимот ва фаъолияти гуруҳҳои тундрави мазҳабӣ, назири салафия, ҳизбу-т-таҳрир, ваҳобия ва амсоли инҳо қабул карда шавад. Чи тавре ки гуфта шуд, бо сабаби ноогоҳӣ аз таълимоти исломи ҳанафӣ ба ҷомеаи мо таълимот ва фарҳангу ғояҳои динӣ-сиёсии бегона роҳ ёфта, раванди ташаккули худшиносии миллии мардумамон, бахусус ҷавононро, коҳиш додааст ва унсурҳои зиёновар ба ҷаҳонбинии онҳо ворид гардида истодааст. Бинобар ин, маҳз таълимоти дурусти мазҳаби ҳанафӣ, ки аксарияти ҷомеаи кишварамон пайрави онанд ва таҳаммулпазиртарин мазҳаби ислом пиндошта мешавад, ҳамчунин низоми давлатдории дунявию ҳуқуқбунёд қодир ба он хоҳад буд, ки заминаи ҳуқуқиро барои ҳифзи арзишҳои миллӣ ва хотираи таърихӣ муҳайё созад ва ба ташаккули худшиносии миллӣ шароит фароҳам оварад ва аз пайдоишу густариши таассуботу тундгароӣ ва ифротгароии динӣ дар сатҳи сиёсат пешгирӣ намояд, рушди босуботи ҷомеа ва амнияти онро таъмин гардонад [144, с.117].

Кишвари мо имконоти таҳсил ва рушди таълимоти диниро дорад, ҳарчанд ин соҳа дастгирии ҷиддиро талаб мекунад. Мазҳаби ҳанафӣ яке аз беҳтарин мазҳабест, ки бо арзишҳои бузурги инсонгароӣ, инсондӯстӣ, таҳаммулгароӣ, сулҳу донишписандӣ ороста буда, таълиму тадриси он ба таҳкими пояҳои давлатдорӣ ва арҷгузории фарҳанги миллӣ кафолати устувор дода метавонад ва дониши бадастовардаи насли ҷавони мо дар ин самт боиси рушду инкишофи ояндаи маънавию ахлоқии ҷомеаи мо хоҳад буд ва ҳаргиз

намегузорад, ки холигоҳи фарҳангӣ, мазҳабӣ ва миллӣ-мардумии моро дигарон ба манфиати худ пур кунанд [215].

Сарнавишти ояндаи давлат, бахусус ҷавонони мо нигаронкунанда аст, агар мо ҳар чи зудтар кӯшишҳои худро барои тарбияи ҷавонон, ки зери таъсири ғояҳои харобгари ҷараёнҳои динӣ-ифротӣ ҳастанд, равона насозем. Ба мо зарур аст, ки нуктаҳои муҳими таълимоти мазҳаби ҳанафиро ба мардум расонем, зеро ҷомеаи суннатӣ имрӯз ба ҳамин ниёз дорад. Васоити ахбори омма низ бояд дар раванди корҳои фаҳмондадиҳӣ ҷиҳати пешгирии ифротгароии динӣ дар Тоҷикистон фаъолона ширкат варзанд. Бахусус, тавассути барномаҳои телевизионӣ, бо ёрии саволу ҷавоб моҳияти таълимот, дастурҳо, усулҳои таҳаммулпазирӣ, ҳақиқати мазҳаби ҳанафиро шарҳу тафсир диҳанд. Мақомоти давлатӣ барои ҳамкорӣ бояд аз миёни руҳонияти маъруфи кишвар шахсиятҳоеро интихоб намоянд, ки ба ҳамкории созанда омода бошанд. Барои дастгирӣ ва пешрафти маърифати дурусти исломӣ тайёр кардани кадрҳои нави руҳоният омода бошанд. Барои диншиносон, устодони мадрасаҳо ва рӯзноманигорони ин соҳа барномаҳои давлатии махсус таҳия кардан ниҳоят зарур аст. Ифротгароӣ барои фаъолияти созанда ҳаргиз талош намеварзад, баръакс барои несту нобуд шудани низоми сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ саъй мекунад. Аз ин рӯ, бо саъйю талоши дастҷамъонаи ҳукумат ва мардуми кишвари азизамон – Тоҷикистон бояд тамоми анвои гуногуни ифротгароӣ аз байн бардошта шавад, вагарна ин равияи номатлубу манфури ҷомеа сабабгори решакансозии бунёди асолати фарҳангию миллӣ, харобу табоҳгардонии ҳамаи соҳоти ҳаёти ҷомеа хоҳад гардид.

## 2.3. Роҳҳои пешгирии хатари равияҳои динӣ – ифротӣ ба фарҳанги миллӣ

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мубориза бо ифротгароӣ, тундгароӣ ва терроризм дар ҷаҳони муосир пешсаф буда, бо сиёсати хирадмандона ва пойдору устувори худ барои таъмини суботу амнияти минтақа талошҳои зиёде варзида истодааст. Барои мубориза бо ифротгароӣ, тундгароӣ ва терроризм аз соли 1999 то соли 2023 чандин асноди ҳуқуқии меъёрӣ қабул гардидаанд. Бо ташаббуси Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон 16 ноябри соли 1999 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо терроризм» ба нашр расид. Ҳамчунин 21 ноябри соли 2003 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо ифротгароӣ» ба тасвиб расидааст. Заминаҳои ҳуқуқии устувори мубориза бо ифротгароӣ, тундгароӣ ва терроризмро ин ду қонун барои кишвар фароҳам овард. Кишвари мо яке аз мамлакатҳоест, ки дар самти мубориза бо ифротгароӣ, тундгароӣ ва терроризм тадбирҳои мушаххас андешида, онҳоро устуворона ва зина ба зина амалӣ гардонида истодааст. Ғайр аз ин, бо Фармони Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2016 «Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба муқовимат ба ифрогароӣ ва терроризм барои солҳои 2016–2020» тасдиқ гардид. Самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ин стратегия дар самти мубориза ва муқовимат бо ифротгароӣ, тундгароӣ ва терроризм муайян кард ва вазифаҳои мақомоти давлатиро барои поксозӣ намудани давлатамон аз омилҳои ба ифрогароӣ ва терроризм мусоидаткунанда мушаххас гардонид, ки гомҳои устуворона бардоштаи мардуми кишварамонро дар роҳи пешгирии ин падидаи номатлуби асри ХХ собит месозад [1; 2].

Соли 2015 дар Паёми Президенти кишвар аз афзоиши босуръати мушкилоти даврони муосир ва таҳдидҳои гуногуни он ба ҷомеа ва тамаддуни инсонӣ ёдовар гардиданд ва таъкид варзиданд, ки: «Терроризм ва

экстремизм, аз як ҷониб, чун вабои аср хатари глобалии ҷиддӣ буда, аз ҷониби дигар, аъмоли он гувоҳ аст, ки террорист ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад, балки як таҳдиде ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ва ҷони ҳар як сокини сайёра аст». Ин таъкид ҳангоме баён гардид, ки пайдоиши ифротгароӣ, тундгароӣ ва терроризмро бархе давлатҳои ҷаҳон (ҳарчанд худ муаллифони онанд) ба дини ислом марбут кардаанд ва ҳамин усул ҳадафҳои касифу нопоки худро амалӣ гардониданианд. Пешвои миллат, Президенти кишварамон Эмомалӣ Раҳмон бо пуштибонӣ аз дини ислом, ки воқеан дар симои мазҳаби ҳанафӣ ҳамеша мухолифи ҳамагуна зуҳуроти ифротгароӣ, тундгароӣ ва терроризм мебошад, арза доштанд: «Ман ин масъаларо дар чорабиниҳои сатҳи олӣ, аз ҷумла аз минбари баланди Созмони Милали Муттаҳид борҳо иброз дошта будам ва имрӯз бори дигар изҳор менамоям, ки номи поки исломро ба зуҳуроти даҳшатноку нафратовари терроризм олуда кардан иштибоҳи маҳз аст» [3]. Амалҳои ғаразноки онҳо, ки таҳти шиорҳои диниву мазҳабӣ сурат мегиранд, аз ҷониби душманони мусулмонон роҳандозӣ мешаванд. Сарвари давлат ҳамасола дар Паёми худ оид ба хатари терроризм ва ифрогароӣ таъкидҳо намуда, аз ҷумла соли 2016 ҳушдор дода буданд, ки хатари терроризм ва ифрогароӣ барои башарият на камтар аз силоҳи ҳастаӣ мебошад [4]. Ба андешаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: «Миллате, ки тафаккури миллӣ, таъриху адабиёт, забон, расму ойин ва арзишҳои фарҳангиашро аз даст медиҳад, истиқлолияти худро пуштибонӣ карда наметавонад. Миллате, ки хотираи таърихиашро пос намедорад, хоҳ нохоҳ тафаккураш ғуломона гашта, истиқлолияти миллиашро аз даст медиҳад. Ҳифз накардани таърихи миллат ба инкори гузашта бурда мерасонад» [9].

Ифротгароӣ, тундгароӣ ва терроризм душмани арзишҳои тамаддуну фарҳанги инсоният дар ҳама давру замон буда ва ҳаст. Фаъолияту амалҳои нопоку тахрибкоронаи ифротгароӣ, тундгароӣ ва терроризм барои инкишоф ва рушду равнақи миллату давлат монеа эҷод карда, оромию амнияти ҷомеаро халалдор месозад. Ҳангоми зуҳури ДИИШ дар Сурия ва Ироқ дар

шабакаҳои иҷтимоӣ аз рух додани ҳодисаи террористие наворе интишор ёфт, ки дар дили мардуми сайёра ҳисси нафратро нисбат ба ифротгароӣ, тундгароӣ ва терроризм афзун намуд. Моҳияти он чунин аст: «Кӯдаки сесолаеро дар Сурия аз зери вайронаҳо дарёфтанд. Дар ҳолати ниҳоят вазнин ӯро ба беморхона расониданд. Дар дами марг ин кӯдак ба пизишкон гуфт: «Маро аз марг наҷот диҳед, ман ҳам зиндагӣ кардан мехоҳам», чун давои дардаш пайдо нашуд, кӯдак ноумедона гуфт: «Дар бораи кирдорҳои шумо ба Худованд хабар хоҳам дод!».

Маълум аст, ки ҷавҳари гуруҳҳои динӣ-экстремизмро ҷавононе ташкил медиҳанд, ки вобаста ба душвориҳои гуногуни иҷтимоӣ-иқтисодӣ, равонӣ, демографӣ, физиологӣ ва сиёсӣ ба ин гуруҳҳо ҳамроҳ шуданд. Ҷавонон вобаста ба хусусияти синну солиашон ҷаҳонбинии тундраву максималӣ дошта, ба тарғиботи идеологӣ ва ифротгароӣ тезтар моил мегарданд. Идеология ва таълимоти гуруҳҳои динӣ-ифротгароӣ бисёр содда карда шудаанд ва ба ҳамин хотир барои ҷавонон хеле шавқовару тезқабулшаванда мебошад. Ҷавонон бо сабаби камтаҷрибагию номуккамал будани дониш ва маърифати илмӣ ва дунявӣ дар муқобили ин тарғиботҳо хеле оҷиз мебошанд. Боиси таассуф аст, ки идеологҳои гуруҳҳои динӣ-ифротӣ мағз, тафаккур ва назари ҷавононро бо идеологияи динӣ-тундравии табиати ормонидошта олуда карда, онҳоро аз корҳои созанда ва бунёдкорӣ дур месозанд [90, с.244].

Ҷавонони тоҷик ҳамчун ҷавҳару такягоҳи асосии миллат бояд дар таҳкими ватандориву ваҳдати миллӣ омода бошанд. Аммо, мутаассифона, вақтҳои охир бархе ҷавонони миллат аз ноогоҳиву набуди таҷрибаи кофӣ таҳти таъсири хоинони миллат гирифтори ақидаҳои ифротиву тундрав шудаанд, ки аз хориҷи кишвар ба онҳо таҳмил мешаванд. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ин бора ба мардуми кишвар, бо таъкиди хосса гуфтааст: «Ҷавонон аз ҳамаи дигар қишрҳои ҷомеа бояд бештар фаъол бошанд, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои истиқлолиятро ҳифз кунанд, дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии Тоҷикистони азиз бо дасту дили гарм ва нерӯи бунёдгарона ширкат варзанд ва шарафу номуси

ватандориро ҳимоя карда, худро аз ҳама хавфу хатарҳои номатлуби ҷаҳони муосир эмин нигоҳ доранд ва парчамбардори ин сарзамин, марзу бум ва кишвари муқаддасамон бошанд» [8].

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон на як бору ду бор, балки борҳо таъкид намудаанд, ки: «Террорист Ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад. Гузашта аз ин, зуҳуроти даҳшатноку нафратовари терроризм, ки аксаран таҳти шиорҳои диниву мазҳабӣ сурат мегирад, ба дини мубини ислом ҳеч рабте надорад, баръакс аз ҷониби душманони ин дини муқаддас роҳандозӣ шуда, аз ваҳшонияти асримиёнагии террористӣ, пеш аз ҳама, кишварҳои исломӣ ва мусулмонони сайёра зарар мебинанд» [7].

Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳанӯз солҳои навадуми асри гузашта даврони фоҷиабори муқовимат бо терроризму ифрогароиро аз сар гузаронда, дар ин роҳ талафоти зиёди ҷонию молӣ дод. Акнун кишвари азизамон дар сафи пеши мубориза бо зуҳуроти даҳшатноку нафратовар – ифротгароиву тундравӣ ва терроризм қарор дорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки раванди таъсиррасонии фарҳангҳо дар аксари маврид ба нафъи фарҳангҳои пешрафта ва давлатҳои аз ҷиҳати иқтисодию ҳарбӣ бузург будааст ва ба сари миллатҳо ва фарҳангҳои хурд фарҳанги бегона маҷбуран бор карда мешуд. Дар замони муосир ҳам ҳамин хел равандҳо арзи ҳастӣ доранд. Масалан, давлатҳо ва фарҳангҳое ҳастанд, ки дар як шароит ва дар як ҳудуди ҷуғрофӣ ҳаёт ба сар мебаранд, лекин байни онҳо муборизаи фарҳангӣ вуҷуд дошта, яке бар дигаре арзишҳои фарҳангии худро таҳмил мекунад [90, с.60].

Дар даврони муосир ҷалб кардани ҷавонон ба сафи гуруҳҳову ҷунбишҳо ва ҳаракатҳои ифротию террористӣ ва ширкати онҳо дар низову даргириҳои байналмилалӣ мудҳиштарин ҳодисаҳои даврони муосир дониста мешавад. Бинобар ин, барои пешигирии шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои террористиву ифротгаро мебояд чораҳои судманд андешида шавад, зеро шабакаҳои бисёр хавфноку дар айни замон бисёр фаъоли ифротгароиву тундрав ва терроризми байналмилалӣ, ки дар ихтиёри худ техникаву

технологияи муосирро доранд, бахусус тавассути ВАО, интернет ҷавононро мағзшӯӣ карда, ба сафҳои худ ҷалб карда истодаанд. Ҷавонону фарзандони моро душманони ислом ба душмани миллату давлат ва душмани ҷонии худи мо табдил дода истодаанд. Ин монанд ба он аст, ки модар фарзандашро ба ноз тарбия кунаду ин фарзанди нохалаф корд оқибат ба гулӯи модар гузорад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аксари ҷавононе, ки ба чунин ҳизбу ҳаракатҳои ифротиву террористӣ пайвастаанд, ҷавононе ҳастанд, ки дар бораи арзишҳои исломи ҳанафӣ иттилооти кофӣ надоранд ва маҳз ҳамин ҳолат боиси фирефта шудан ва ба доми созмонҳои террористӣ афтодани онҳо шудааст. Воридшавии бархе аз ҷавонони Тоҷикистон ба ташкилотҳои террористию ифротгароӣ якчанд сарчашма дорад:

1. Пеш аз ҳама ҷавононе, ки дар хориҷи кишвар ба таҳсилоти ғайрирасмии динӣ фаро гирифта шудаанд, аз ҷониби гуруҳу ҳизбҳо ва ҷараёнҳои ифротгароию террористӣ мағзшӯӣ мешаванд ва ба куллӣ пойбанди таълимоти ин гуруҳу ҷараёнҳо шуда, ба душмани сарсахти миллату давлати худ табдил меёбанд. Ҷалби ҷавонон ба таълимоти ғайрирасмии динӣ дар хориҷи кишвар яке аз марҳилаҳои ибтидоии шомилшавии ҷавонон ба ташкилотҳои ифротиву террористӣ мебошад. Хушбахтона, аксарияти толибилмони тоҷик, ки дар мадориси динӣ-мазҳабии кишварҳои исломӣ таҳсил мекарданд, ба ватан баргардонида шудаанд. Онҳое, ки ҳанӯз ҳам барнагаштаанд, бидуни шубҳа ба манфиати душманони мусулмонон ва кишвари азизамон истифода мешаванд ва дар оянда хатари ҷиддие барои амнияти кишвар эҷод хоҳанд кард.

2. Ҷавононе, ки дар муҳоҷирати меҳнатӣ дар собиқ кишварҳои Шуравӣ (Руссия, Қазоқистон ва ғ.) ба сар мебаранд, аз ноогоҳиву камтаҷрибагӣ тавассути аъзоёни гуруҳу равияҳои ифротиву террористӣ ба сафи онҳо ҷалб мешаванд. Ба воситаи роликҳои видеоии интернетӣ ва бевосита дар масҷидҳои ин кишварҳо ҷавонони тоҷик ба тарғиботи зиддимиллию зиддидавлатӣ фаро гирифта мешаванд ва солҳои тӯлонӣ, зина ба зина метавонанд ба душманони миллату давлати мо табдил ёбанд. Агар ин

ҷавонони мо дар дохили кишвар ба таҳсилоти кофии диниву сиёсӣ ва илмӣ фаро гирифта шаванд ва моҳияту ҳадафи гуруҳҳои ифротгароиву террористиро ба хубӣ дарк намоянд ва агар хуб донанд, ки таълимоти исломи ҳанафӣ ҳаргиз ба зӯровариву хушунат ва таҳаммулнопазирӣ ва ифротгароиву террористӣ даъват намекунад, ҳаргиз ба ин гуруҳу равияҳои хавфнок шомил намешаванд. Аз ин рӯ, нахуст ҷавонони кишвар бояд ба таълимоти амиқи динии мазҳаби ҳанафия фаро гирифта шаванд ва аз авзои сиёсии ҷаҳон огоҳ бошанд, таъриху таълимот ва ҳадафҳои равияҳои диниву сиёсии муосирро хуб донанд. Барои ба ин ҳадаф ноил шудан, бояд дар макотиби миёнаву олии кишварамон фанҳои диншиносӣ ва сиёсатшиносӣ ба таври амиқ бо дастовардҳои амиқи илми муосир дарс гуфта шавад ва ҷавонони ватан бояд аз ин фанҳо имтиҳоноти давлатӣ супоранд. Агар мо ин корро накунем, душманони миллату давлати мо ба ҷои мо мағзи сари тиҳии ҷавонони моро бо таълимоти даҳшатноки худ пур хоҳанд кард, ки ҳаргиз ба манфиати давлату миллати мо нахоҳад буд [11, с.23; 57, с.54; 75, с.95; 79, с.87]. Ғайр аз ин, муҳоҷирони меҳнатии тоҷик дар хориҷи кишвар бояд аз ҷониби сафоратхонаву консулҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷамъиятҳои тоҷикони дар ин кишварҳо мавҷудбуда мунтазам таҳти назорат ва ҳимояву сарпарастӣ ва дастгирии домӣ қарор гиранд. Дар ҳар як иду маъракаҳои диниву ҷамъиятӣ ба ҷавонони муҳоҷири меҳнатии тоҷик уламои илму дин бо муҳтавиёти баланди илмиву динӣ дар робита бо мавзуъҳои ваҳдати миллӣ, ҳуввияти миллӣ, ғояҳои таҳаммулпазири исломӣ, авзои мураккаби сиёсии ҷаҳон ва таълимоту ҳадафҳои хатарноки равияву гуруҳҳои ифротиву террористӣ маърӯзаҳо қироат кунанд. Мо шоҳиди он будем, ки борҳо Пешвои миллат, Президенти кишварамон Эмомалӣ Раҳмон ба Руссия сафар карда, бо муҳоҷирони меҳнатии тоҷик вохӯриҳо доштанд ва ҷавонони тоҷикро ба худшиносию ваҳдати миллӣ ва фирефта нашудан ба иғвои душманони миллату дин даъват карда буданд. Бояд ин кори Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро намояндагони сафоратхонаву

консулҳо ва ҷамъиятҳои мазкур дар кишварҳои хориҷа бо ҷиддияти том идома диҳанд.

3. Шабакаҳои истихборотии интернетӣ ва ВАО-и баъзе кишварҳои хориҷӣ доимо дар паи иғвоангезӣ ва ситезаҷӯӣ буда, тавассути техникаву технологияҳои пешрафтаи муосир дар дохилу хориҷи кишварамон ба интишори китобу китобчаҳо, варақаҳо ва видеороликҳои бисёр хатарнок машғуланд. Ҳадафи онҳо (бо ҷалби мухолифони давлату миллат дар дохилу хориҷи кишвар) низову нифоқандозӣ дар ҷомеа буда, ҷавононро ба амалҳои ғайриқонунӣ ва ғайриинсонӣ даъват мекунанд ва ба нобасомониву парокандагии сиёсӣ боис мегарданд. Бинобар ин, дар муқобили ҳар як китобу китобчаҳо ва варақаҳои таблиғотӣ ва видеороликҳои ташвиқотии онҳо бояд маводди зарурӣ дар сатҳи ниҳоят баланди илмӣ-оммавӣ омода карда шавад, то ин ки ҳамаи амалу фаъолиятҳои тарғибу ташвиқотии душманони миллату давлат ва мазҳаб хунсо карда шавад ва ҷавобгӯи талаботи рӯзафзуни ҷавонони муосири мо бошанд ва зарбаи қатъӣ ба онҳо зада тавонанд. Барои ба ин ҳадаф расидан, ниҳодҳои махсуси давлатӣ таъсис додан шарт ва зарур аст. Дар ин ниҳодҳо ҷавонони донишманду закии миллат бояд ба кор ҷалб шаванд, зеро онҳо андешаву ҳиссиёт ва талаботи рӯзмарраву рӯзафзуни ҳамсолони худро хуб дарк карда метавонанд.

Дар паси ҳар матлаби ғаразноки расонаҳои хориҷӣ қувваҳои алоҳида меистанд. Чунин гуруҳҳо дар самти ҷалби ҷавонон аз усулҳои таъсиррасонии мафкуравӣ истифода намуда, дар асоси ғояҳои динӣ онҳоро ба майдони қатлу куштор мекашанд. Ин фитнаест, ки аз ҷониби душманони мусалмон андохта шуда, мақсадашон нобуд сохтани мусалмонон бо дасти худи онҳо мебошад.

Дар гирифтани маълумоти ғаразноки динӣ нақши зиёд доштани воситаҳои иттилоотӣ, бахусус интернет ташвишовар аст, зеро дар он на ҳамеша маълумоти динӣ холисона ва аз манбаву сарчашмаҳои муътамад пешниҳод мешавад. Баробари густариши ҷомеаи иттилоотӣ таъсири расонаҳо ва технологияҳои иттилоотӣ дар раванди ташкили афкори омма пайваста

густариш меёбад. Расона ва технологияҳои иттилоотӣ абзори қавии «шустани мағзҳо» мебошанд, ки ҷаҳонбинӣ ва дидгоҳҳои ҷомеаро тағйир медиҳанд ва танзим менамоянд. Таҳлили коршиносон нишон медиҳад, ки расонаҳо аз ҷониби гуруҳҳои иҷтимоӣ барои таблиғи ақидаҳои тундрав истифода мешаванд. Масалан, дар шабакаҳои иҷтимоии Фейсбук ва «Одноклассники», ҳамчунин, мессенҷерҳои WhatsApp, Viber, Telegram ва ғайра гуруҳ ва саҳифаҳои ҷонибдорон ва мубаллиғони ДИИШ, ҳизбу-т-таҳрир, салафия ва ғайра фаъолона амал мекунанд. Зимни таҳлили қисми тоҷикии шабакаҳои иҷтимоӣ метавон истифодабарандагони онро аз нигоҳи меъёри тундрав будан ба гуруҳҳои зерин тақсим кард:

Ба гуруҳи аввал афроде шомил аст, ки таълими диниро дар кишварҳои хориҷӣ гирифтаанд ё дар кишварҳои хориҷӣ донишҷӯ мебошанд. Муҳтавои фаъолият ва маводи пешниҳоднамудаи онҳо ба масъалаҳои имонӣ ва фаризаҳои динӣ марбут буда, бештар суннат ва маросимҳои мардумӣ ва фаҳмиши суннатии исломро, ки дар ҷомеаи мо вуҷуд доранд, зери танқид қарор медиҳанд ва онҳоро ба унвони «бидъат», «хурофот» ва «дур шудан аз исломи ноб» муаррифӣ менамоянд. Ба ақидаи онҳо, рӯҳониёни суннатӣ аз аслҳои исломӣ дур шуда, дар таҷрибаи худ ба сарчашмаҳои муътабари динӣ, яъне Қуръон ва суннат такя намекунанд. Намояндагони ин гуруҳ гӯиё ба масъалаҳои сиёсӣ аҳамият надода, ба масъалаҳои динӣ машғуланд. Аммо ин дар зоҳир аст. Фаъолони гуруҳ бо коҳиш додани эътибори рӯҳониёни исломи суннатӣ дар байни ҷомеаи кишвар, бахусус насли ҷавон, заминаҳоеро барои пазируфтани ақидаҳои тундрав эҷод мекунанд ва мо бояд ба ин роҳ надиҳем.

Гуруҳҳои ифротии миллатгароёна хусусиятҳои гуногун дошта, одатан дар тамоми минтақаҳои ҷаҳон амал мекунанд. Гуруҳҳои ифротие, ки дар ҷаҳон амал мекунанд, табиатан самти миллатгароёнаю мазҳабӣ доранд. Онҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки масъалаи миллию мазҳабӣ ва умумияти этникиашонро дар асоси риояи тамоми меъёрҳои адолат ҳаллу фасл намоянд, чунки онҳо манфиатҳои ҳамон гуруҳи этникиро ҳимоя менамоянд [90, с.61].

Ҷонибдорони ҳаракату ҷараёнҳои ифротгаро ва тундрав, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар сатҳи байналмилалӣ мамнуъ эълон шудаанд, гуруҳи дуюмро ташкил мекунанд. Вижагии аслии фаъолияти ин гуруҳ он аст, ки онҳо аз ақида ва эътибори ислом барои расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ ва иқтисодии худ истифода мебаранд. Коршиносон мӯътақиданд, ки аксари ҷараёнҳои динние, ки аз номи ислом баромад мекунанд, дар асл барномаҳои бузурги қудратҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ мебошанд, ки ҳадафи онҳо аз байн бурдани амният дар кишвару минтақа барои расидан ба манфиатҳои сиёсии худ мебошад. Таҳлили шабакаҳои иҷтимоӣ, ба вижа «Фейсбук» ва «Одноклассники» нишон медиҳад, ки намояндагони ҷараёнҳои динии ғайриқонунӣ ақида ва дидгоҳҳои худро ба таври ошкор баён медоранд ва аз неруву имконияти шабакаҳои иҷтимоӣ барои таблиғи онҳо истифода мебаранд. Бо истифода аз сатҳи пасти саводи динии аъзои шабакаҳои иҷтимоӣ намояндагони гуруҳ тавонистанд ин шабакаҳоро ба майдони таблиғи ақидаҳои худ табдил диҳанд.

Таҳлили муҳтавои дидгоҳҳои гуруҳ нишон медиҳад, ки намояндагони ин ҷараёнҳо ҳам исломи суннатӣ ва ҳам барномаҳои иҷтимоӣ ва сиёсиеро, ки аз ҷониби давлат амалӣ мешаванд, намепазиранд. Зимнан, намояндагони ин гуруҳҳо, ба вижа ДИИШ ва ҳизбу-т-таҳрир ниҳод, рамз ва нишонаҳои давлатҳои дунявиро, марзҳои давлатиро қабул надоранд ва даъвои эҳёи хилофати ҷаҳонӣ мекунанд.

Мушкилии таҳлил ва баррасии равандҳои гуногуни шабакаҳои иҷтимоӣ дар он аст, ки онҳо хусусияти ҷаҳонӣ доранд. Масалан, намояндагони ҳаракатҳои мамнуъ берун аз кишвар қарор доранд ва фаъолияти худро бо истифода аз номҳои мустаор пеш мебаранд.

Ба гуруҳи сеюм «Исломгароёни сиёсӣ», ҳамчунин, баъзе аз тарафдорони моделҳои гуногуни исломи сиёсӣ шомил мебошанд. Метавон гуфт, ки дар даҳсолаи охир шабакаҳои иҷтимоӣ ба як неруи қавӣ барои ташаккули афкори омма ва зербинои муколамаи гуруҳ ва қишрҳои гуногуни ҷомеа мубаддал гаштаанд. Шабакаҳои иҷтимоӣ, бешубҳа, дорои таъсири

мусбат дар фазои иттилоотӣ ва иҷтимоӣ низ ҳастанд, аммо истифодаи онҳо аз ҷониби гуруҳҳои ифротию тундрав метавонад таҳдиду хатарҳои нав барои амният ва манфиатҳои миллӣ, ба вижа амнияти иттилоотӣ, эҷод созад. Ҷанбаҳои иттилоотии таъмини амният ниёз ба истифода аз неруҳои зеҳнӣ ва технологияҳои навин барои тақвияти суботи давлат доранд. Дар ин самт натиҷагирӣ ва пешниҳодҳои зерин ба мақсад мувофиқ менамоянд:

Ҷанбаҳои иттилоотии таъмини амният воситаи муҳимми рушди устувори давлат ва ҷомеа мебошанд. Барои ин бояд аз неру ва имконияти мавҷуда дар ниҳодҳои давлатӣ ва иҷтимоӣ барои омӯзиши пайвастаи вазъи таблиғи андешаҳои тундраву ифротӣ истифода барем, то ба масъалаи таҳлили муҳтавои фазои иттилоотӣ дар шабакаҳои иҷтимоӣ бо истифода аз методология ва технологияҳои муосир аз ҷониби ниҳодҳои марбута таваҷҷуҳи зарурӣ дода шавад.

Омӯзиши муҳтавои расонаҳои ватанӣ нишон медиҳад, ки он бештар хусусияти тасвирӣ дошта, маводи арзишманди таҳлилӣ камтар ба назар мерасад. Барои пешгирии таъсири ифротгароии динӣ ва тундгароӣ бояд ҳамкории расонаҳои миллӣ бо коршиносон ва марказҳои илмӣ-таҳлилӣ тақвият ёбад. Бояд гуруҳҳои доимоамалкунанда аз ҳисоби коршиносони соҳаҳои гуногун бо мақсади пайгирӣ ва таҳлили вазъи ифротгароию тундгароӣ таъсис дода шаванд. Ин равиш барои омӯзиши амиқи масъала ва андешидани чораҳои муносиб барои коҳиши сатҳи таъсири ақидаҳои ифротгароию тундгароӣ дар афкори иҷтимоӣ имконият фароҳам меоварад. Истифодаи неру ва имкониятҳои рӯҳониёни суннатӣ барои ҳамоҳангсозии кӯшишҳо дар роҳи мубориза бо таъсири ҷараёнҳои бегонаи динӣ ба афкори ҷавонон низ аз аҳаммият холӣ нест. Ташкили фазои мусоиди иттилоотӣ барои коҳиши сатҳи ифротгароӣ дар байни ҷавонон тақозо мекунад, ки торномаҳои интернетӣ ва расонаҳои алоҳида барои тарғиби арзиш ва фарҳанги суннатӣ дар байни қишрҳои гуногуни ҷомеа, бахусус ҷавонон, таъсис дода шаванд ва ин расонаҳо бояд маҳсулоти аудиовизуалии ҷолиб

тавлид созанд. Зеро тибқи таҳлилҳои коршиносон таъсири ин гуна мавод дар байни ҷавонон пайваста дар ҳоли афзоиш аст.

Муҳаққиқи тоҷик Маҳмадизода Н.Д. дуруст қайд мекунад, ки дар пушти гуруҳҳои мухталифи ҷавонон, ки роҳу воситаҳои ифротии муборизаро пеша кардаанд, гуруҳҳо ва ташкилотҳои сиёсӣ, ҳизбҳои хусусияти тундравӣ дошта, фирқаҳои таассубгаро, ҳаракатҳои динӣ-ифротӣ ва фардҳои алоҳидаи манфиатхоҳ меистанд. Мушоҳида мешавад, ки ҷавҳари тамоми ҳаракатҳои ифротгарой-сиёсӣ ва диниро ҷавонон ташкил медиҳанд. Гуфтан зарур аст, ки роҳбарони гуруҳҳои ифротгарой-динӣ зиёдтар дар байни ҷавонон тарғибу ташвиқоти динӣ- сиёсӣ ва идеологӣ бурда, сафашонро аз ҳисоби ин гуруҳи фаъоли аҳолӣ пурра мегардонанд [90, с.66].

Паст будани савияи дониши баъзе ҷавонон аз нигоҳи мафкуравӣ, ҳуқуқӣ, фарҳангӣ ва динӣ, майлу хоҳиши ба даст овардани маблағи муфт, ки онро пайравони гуруҳҳои тундрав ваъда мекунанд, боиси фирефта шудани онҳо аз тарафи намояндагони ҳизбу ҳаракатҳои ифротгаро ва шомил гардиданашон ба ин ҳизбу ҳаракатҳо гардидааст. Муҳимтарин воситаи пешгирии гароиши ҷавонони кишварамон ба аҳзобу ҷунбишҳо ва ташкилоту ҳаракатҳои ифротӣ роҳ надодан ба таҳсили ғайрирасмии динии ҷавонон мебошад ва дар ин замина масъулияти падару модаронро дар таълиму тарбияи фарзандон бояд баланд бардошт. Зеро ноогоҳӣ, бетаҷрибагӣ ва дар муҳити носолим тарбия ёфтани ҷавонон яке аз сабабҳои ворид гардидани ҷавонон ба гуруҳҳову ташкилоти ҷиноятпеша мебошад. Аз ин рӯ, волидон ва ашхоси онҳоро ивазкунанда зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо устодони мактабҳои миёна, таълимгоҳҳо ва омӯзишгоҳҳои тахассусӣ, донишкадаву донишгоҳҳо таълиму тарбияи фарзандонро ҷиддӣ ба роҳ монанд ва шароитҳои зарурии моддию маънавӣ фароҳам оваранд.

Бино ба иттилои расмӣ, дар маҳбасҳои Тоҷикистон 1500 нафар бо ҷурми ифротгарой ва терроризм адои ҷазо мекунанд. Тибқи маълумотҳои расмӣ маҳз гуруҳҳои ифротиву террористӣ манбаи асосии тарғиби ақидаҳои таҳаммулнопазирӣ, тундравонаву ифротӣ дар маҳбасҳо ҳастанд. Аз ин рӯ,

барои пешгирии шомилшавии ҷавонон ба гуруҳҳои ифротгароиву тундрав волидон ва давлату ҳукуматро зарур аст, ки чораҳои зеринро дар ҷомеа амалӣ намоянд:

– ба тадриҷ коҳиш додани сатҳи болорави муҳоҷирони мавсимии корӣ ва ба низом даровардани раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ва дар ҷумҳурӣ бо кор таъмин кардани шаҳрвандони кишвар;

– боло бурдани сатҳи зиндагӣ ва некуаҳволии халқ, ёрмандии қишрҳои гуногуни ҷомеа ва таъмини имтиёзҳои махсус ба эҳтиёҷмандон;

– баланд бардоштани сатҳи озодии виҷдон ва эҳтироми арзишҳои динӣ.

– боло бурдани сатҳи фарҳанги сиёсиву ҳуқуқии аҳолии кишвар, бахусус ҷавонону наврасон;

– такомулу ташаккули шахсияти масъулиятшинос, таҳаммулпазир ва бомуваффақият дар ниҳодҳои таълимиву тарбиявӣ ва баланд бардоштани арзишҳои миллӣ-фарҳангӣ, шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ дар ботини ҷавонону наврасон;

– баланд бардоштани сатҳу сифати таъсири донишмандони диниву дунявӣ, уламову зиёиёни боистеъдод ба ҷавонон дар мактабу донишкадаҳо, садову симо (бахусус тавассути асарҳои илмӣ – бадеӣ, шуури иҷтимоӣ ва филмҳои мустанаду бадеӣ, ки мазмуну моҳияти табиати ифрогароию тундгароӣ ва террористиро ошкор месозад);

– инкишоф додану ба роҳ мондани корҳои таҳқиқотӣ дар ҷомеа, ки барои пешгирии афзоиши хушунат равона мегардад; рушду такомул бахшидани маҳорати ҳамгироии иҷтимоӣ ва малакаи таҳаммулпазирию шинохти ҷавонон барои пешгирии онҳо аз пайравии кӯр-кӯрона ба созмону мазҳабҳо харобиоваре, ки аз хориҷи кишвар маблағгузорӣ мешаванд;

– аз манбаъҳои маблағгузорӣ ва дастгириҳои берунию дохилӣ маҳрум кардани гуруҳҳои иҷтимоие, ки тамоюл ба равияҳои ифротгароӣ доранд; бахусус ба ҳадди сифр расонидани даромадҳои онҳо дар дохилу хориҷи кишвар, ки боиси ташкили фаъолиятҳои ифротию тундгароӣ ва террористи (тавассути хариди воситаҳои техникию силоҳ)-и онҳо мегардад;

– татбиқи чораҳои пешгирикунанда бо усулҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, идеологӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва маъмурӣ дар ҳамбастагии онҳо ва танзими сиёсӣ-ҳуқуқӣ.

Аҳли зиё ва ҷомеаи Тоҷикистон дар кулл набояд ба он роҳ диҳем, ки мафкураи фарзандони миллати тоҷик бо иттилооти зарарноку хатарнок пур карда шавад, балки донишмандони илму дин, омӯзгорон, волидон, ниҳодҳои соҳоти маорифу фарҳанг бояд тадбирҳои мушаххас биандешанд, чорабиниҳои илмӣ-фарҳангӣ доир намоянд, барномаҳои муассири таълиму тарбиявӣ дар сатҳои гуногун (шуруъ аз мактаби миёна, то макотиби миёнаи махсус ва олӣ, барои масҷидҳо ва корхонаҷоту ташкилотҳо) баргузор намоянд. Ин тадбиру чораҳо ва барномаҳои илмӣ-фарҳангӣ имконият медиҳанд, ки мафкураи фарзандон на бо ақидаву таълимоти музиру хатарнок барои худи ҷомеаи мо, балки бо таълимоти созандаву бунёдкор ва солиму зиндагисоз пур карда шавад. Дар баробари татбиқи ин барномаву чорабиниҳо, зарур аст, ки ҷавонони миллат дар шаҳру ноҳияҳо ва деҳоти дурдаст ба касбомӯзӣ (ҳунарҳои мардумӣ, челонгарӣ, наҷҷорӣ ва ғ.), ба маҳфилҳои гуногуни илмӣ (аз фанҳои дақиқу гуманитарӣ, забономӯзӣ, компютеромӯзӣ ва ғ.) ҷалб гарданд, то ин ки фарзандони мо умри парқиммат ва ҷавонии худро дар кӯчаҳо беҳуда нагузаронанд. Зеро ҷавононе, ки то синни бистсолагӣ бо таълиму тарбияи хуби илмӣ, илмӣ-маърифатӣ, динӣ-мазҳабӣ (дар асоси таълимоти мазҳаби ҳанафия) ва касбомӯзӣ фаро гирифта мешаванд (яъне, мафкураи ҷавони онҳо бо андешаҳои солиму зиндагисоз пур мешаванд), ҳаргиз ҳеҷ ғояву таълимоти зарарнок ҷои онҳоро гирифта наметавонанд ва худи ҷавонон имкони онро хоҳанд дошт, ки ба ҳар як андешаи зарарнок посухи даркорӣ бидиҳанд. Албатта, бояд ҳамкории падару модарро низ бо макотиби миёна ва олӣ, омӯзишгоҳҳову маҳфилҳо зич ба роҳ монд ва ҳамеша аз масъулияти онҳо дар ВАО ёдовар шуд. Бахусус, маҳфили «Аниси кунҷи танҳоӣ китоб аст»-ро, ки тавассути телевизион ҳамасола доир мешавад, вусъат бахшидан зарур аст. Ин маҳфил бояд на фақат хондани китобҳои бадеиро тарғиб намояд, балки дар тамоми фанҳои дигар, бахусус,

риёзӣ, кимиё, табиатшиносӣ, варзиш ва ғ. доир гардад ва ғолибони озмуни ин маҳфилҳо бо шоҳҷоизаҳо қадр карада шаванд. Яъне, ба ин васила ҳавасмандкунии кӯдакону наврасон ва бахусус ҷавонон самари ниҳоят хуб хоҳад дод ва ояндаи неку равшани онҳоро таъмин хоҳад кард [148, с.7-8].

Боиси таассуф аст, ки дар ҷаҳони муосир ҳаракатҳои хатарноки фаромиллие ба миён омадаанд, ки дар сурати пешгирӣ накардан ва мубориза беамону муташаккилона набурдан алайҳи онҳо имкон дорад, ки ҷавононро аз шоҳроҳи бунёдкорӣ созандагию бар канор созад ва онҳоро пайрави ҷунбишҳову ҳаракатҳо ва ташкилотҳои ифротии мазҳабӣ гардонад. Таъсири аҳзобу ҳаракатҳо ва ташкилотҳои ифротгарову тундрав, бахусус тавассути садову симои моҳворай, интернет ва технологияҳои муосир на танҳо миёни мусулмонон, балки дар сафи насрониҳо ва пайравони динҳои дигари низ авҷ гирифтааст ва таълимоту кирдори онҳо ҳаргиз бо усулу андеша ва таълимоти ҳеҷ як мазҳабу дини суннатӣ мувофиқ намеояд. Таълимоти бунёдии ҳамаи онҳо баръакс ихтилофи ҷиддӣ бо якдигар дошта, фақат барои ноил гардидан ба ғаразҳои сиёсии абарқудратҳо хидмат мекунанд. Бинобар ин, алҳол ифротгароии динӣ-мазҳабӣ хусусияти ҷаҳонӣ касб карда, ба падидаи хатарноки дини-сиёсӣ табдил ёфтааст ва ба оромию осудагии тамоми кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ таҳдид ворид менамояд. Аз ин рӯ, ҳамкорию ҳамоҳангии фаъолонаи кишварҳои Осиёи Марказӣ бо дигар мамолики сайёра баҳри решакан кардани ин падидаи даҳшатзову хатарнок аз пешина бештару беҳтар ниҳоят муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар баробари муайян ва мушаххас кардани сабабу омилҳои ифротгароию тундгароии динӣ-мазҳабӣ ва вусъату густариш ёфтани онҳо дар миёни баъзе ҷавонони кишварамон бояд ба назар гирифт, ки зуҳури ифротгароӣ барои фарҳанги миллию мазҳабии аҳолии кишварамон бисёр хатарзову даҳшатнок буда, бар зидди мазҳаби таҳаммулпарвари ҳанафӣ равона гардидааст ва барои мардуми мо тамоман раванди ноошнову бегона ба шумор меравад. Мазмун ва моҳияти ғояи ифротгароии мазҳабии таҳмилӣ дар минтақа чунин

аст, ки он арзишҳои миллию мазҳабии миллати моро бахусус дар ниҳоди ҷавонони кишварамон ба ҳам муқобил мегузоранд. Ва охируламр сабабу омили асосии ривоҷу густариши ифротгароию тундагароии мазҳабӣ ва терроризм ва дар миёни пайравони адёну мазоҳиби мухталиф мушкилоти зиёде дар роҳи таҳкими истиқлолияти давлатӣ ва ташаккули худшиносии миллӣ эҷод хоҳад кард [243, с.8].

Мубаллиғони ҷараёнҳои ифротгарою тундгароии мазҳабӣ-динӣ ашхоси муайяни гуруҳҳу ташкилотҳо ва созмонҳои сиёсие ҳастанд, ки бо ниқоби «исломи ноб» дар миёни ҷавонони камогоҳу бетаҷриба худнамоӣ мекунанд ва барои ба амал расонидани фаъолиятҳои тахрибкоронаи худ ҷавононро мағзшӯӣ ва заҳролуд мекунанд. Онҳо таълимоти исломи ҳанафиро, ки воқеан ҷавҳарашро таҳаммупазирӣ ташкил медиҳад, вале ифротгароён аз нигоҳи ғаразноки худ тафсир медиҳанд ва ҷавононро ба вартаи ифротгароию хурофотпарастӣ ва охируламр ба ҷинояткорӣ тела медиҳанд. Ифротгароию таунгароӣ ва терроризми мазҳабӣ ҳамчун вабои аср, чунин бемории сирояткунандаест, ки мағзи ҷавонони ноогоҳро хароб месозад ва ба бозичаи дасти кишварҳои хориҷӣ табдил медиҳад, ки оқибати онро тасаввур кардан ниҳоят мушкил аст. Бинобар ин, аз рӯи принсипи илоҷи воқеа пеш аз вуқуъ, садди роҳи ин падидаи хатарнокро гирифтан лозим аст ва ҷустани тадбирҳову чораҳои муассире зарур аст, ки боиси решакан кардани он мегардад.

Таблиғи ғояҳои таҳаммулпазири ахлоқию иҷтимоӣ ва мазҳаби суннатии мардуми кишварамон – ҳанафия аз ҷониби руҳониёну намояндагони равшанфикр метавонад яке аз роҳҳои муфиди пешгирикунандаи ин падидаи хатарзои мазҳабӣ бошад. Мусаллам аст, ки дар кишварамон ба ҷуз мусулмонон (пайравони мазҳаби ҳанафӣ ва исмоилӣ), ҳамчунин дигар пайравони мазоҳибу равияҳои православӣ, католикӣ ва протестантии дини насронӣ, пайравони баҳоия ва дигарон бар ба бар кору зиндагии осоишта доранд ва ҳеч гоҳ байни онҳо зиддиятҳои мазҳабӣ ба вуҷуд наомадааст. Ақалиятҳои мазҳабӣ, ки бахши аъзами онҳоро пайравони

мазҳаби православӣ (бештар русҳо) ташкил медиҳанд, дар мақомоти дахлдори кишвар сабти ном шудаанд ва озодона амал менамоянд. Аммо, мутаассифона, имкон дорад, ки ин зиндагии осоиштаи мардуми кишварамонро маҳз ифротгароёни мазҳабӣ бо ихтилофу низоъангезии худ барҳам зананд, чуноне ки дар кишварҳои Афғонистон, Сурия, Ироқ ва дигар мамолик рух дод. «Бояд зикр кард, ки дар миёни пайравони мазҳабҳои суннатии исломӣ ва насронӣ аз даврони собиқ Шӯравӣ то ҳол таҳаммулпазирӣ ва робитаи ҳасана ва ҳамкории зичу судманд вуҷуд дорад ва дастҷаъмона дар тарбияи ахлоқии ҷомеа саҳми фаъол мегузоранд. Бинобар ин, маҳз рӯҳониён ва уламои маъруфи исломию насронӣ дар роҳи пешгирии хатари ифротгароии мазҳабӣ дар сафи пеш истода, нақши бисёр муҳимро иҷро карда метавонанд» [251].

Пас аз истиқлолияти давлатӣ касб кардани мардуми кишварамон, ба ҷуз мазоҳиби мазкури исломию насронӣ, пайравони чанде дигар равияву фирқаҳои ғайрисуннатии мазҳабӣ зуҳур карданд, назири Салафия, Ҳизбу-т-таҳрир, Шоҳидони Яҳво, Ваҳҳобия ва амсоли инҳо, ки ба зудӣ симои худро бо фаъолияту ҳаракатҳои ифротию тундравона ба намоиш гузоштанд. Бинобар ин, фаъолияти ин равияву аҳзоб ва ҳаракату ташкилотҳои ифротгарову тундрав дар ҷумҳурӣ бо қарорҳои Суди Олии Тоҷикистон ғайриқонунӣ ва мамнуъ эълон гардид. Зеро онҳо дар байни пайравони мазҳабҳои суннатии ҷомеаи Тоҷикистон зиддияту бадбинӣ ва таҳаммулнопазириро эҷод карда, мардуми кишварамонро ба гирдоби буҳронҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва ҷанги шаҳрвандӣ кашиданд; амнияту якпорчагӣ ва ваҳдати миллии Тоҷикистони соҳибистиқлолро ба зери хатари ҷиддӣ гузоштанд. Мутаассифона, аҳзобу иттиҳодияҳо ва ҳаракату ташкилотҳои ифротгарои мазҳабӣ пас аз манъи фаъолияташон аз қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон берун шуданд ва то ҳол аз мақсадҳои нопоки худ даст накашидаанд ва ошкору пинҳон дар миёни ҷавонони мо ташвиқу тарғиби таълимоти ифротии худро ба воситаи расонаҳои ВАО, бахусус тавассути интернет, шабакаҳои моҳвораӣ давом дода истодаанд. Чуноне аз ин васоит

маълум аст, онҳо дар бархе давлатҳои даргире, ки ба ҷангу низоъҳои мазҳабию шаҳрвандии мусулмонон манфиатдоранд, озодона фаъолият доранд. Онҳо бо ҳар василаву восита хоҳони онанд, ки таълимоту ғояҳои ифротии худро дар бархе дигар кишварҳои мусулмонӣ, бахусус дар Осиёи Марказӣ интишор диҳанд ва ҷавонони ноогоҳу камтаҷрибаи моро ба дом бикашанд ва ба ҷиҳоду фаъолиятҳои ифротию террористӣ ҷалб созанд. Ифротгарони мазҳабӣ бо дастнишондоди хоҷагони хориҷии худ таълиму тадриси баъзе аз улуми дақиқ, назири физика, химия, забону адабиёти миллӣ, бахусус осори назми бузургони миллатамонро инкор карда, бидъат номидаанд. Гӯё, ки ин улуму фанҳои мактабию донишгоҳӣ хилофи таълимоти Қуръону суннати исломӣ мебошад. Дар сурате, ки Пайғомбари ислом дар ҳадисҳои худ омӯзиши илму донишҳоро борҳо таъкид кардааст. Аз ин рӯ, барои бартараф кардани хатари ифротгароӣ таҳкиму тақвият бахшидани низоми таълиму тарбия дар макотиби миёнаву олӣ ҳаётан муҳим арзёбӣ мегардад, бахусус дар шароити мураккаби ҷаҳони муосир, ки ҳар як ҷавони ҷомеаи мо бояд соҳиби касбу дониш ва ҳунарҳои замонавӣ бошад. Ба ҳамаи устодону омӯзгорони макотиби оливу миёна, бахусус ба донишмандону муҳаққиқони соҳоти ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ, фалсафа, диншиносӣ ва фанҳои дақиқ бисёр муҳим аст, ки ҳамкории босамарро дар роҳи таълиму тарбияи ҷавонону наврасон ба роҳ монанд ва ба ҷавонон бартарии илму касбиятро талқин намоянд. Ин беҳтарин воситаву омили ифротзудоӣ дар миёни ҷавонон мебошад. Зеро:

Ҷаҳонро ба дониш тавон ёфтан,
Ба дониш тавон риштану тофтан

Дар баробари баланд бардоштани масъулияти падарону модарон ва нақши оила дар тарбияи фарзандон, ҳамчунин нақши боғчаи кӯдакон, мактабу донишгоҳҳо, донишкадаҳо ва омӯзишгоҳҳои кишвар, ВАО ва тамоми ниҳодҳои ҷамъиятию давлатӣ дар роҳи пешгирии ҷавонон аз шомил шудани онҳо ба гуруҳҳои ифротгаро ниҳоят калон аст. Дар ин ҷода барои тарбияи дурусти ҷавонону наврасон дар руҳияи худшиносию худогоҳии

миллӣ саҳми радио ва телевизион, матбуоти даврӣ, интернет, бахусус филмҳои мустанаду бадеӣ, ки савияи дониши ҷавононро баланд мебардорад, бисёр зарур аст. Ба барномасозони интернети ватанӣ зарур аст, ки дар баробари ҳар як таблиғоти руҳияи зиддимиллӣ доштаи шабакаҳои интернетӣ бо ҳамкории донишмандони шинохтаи кишвар, барномаҳои махсуси шавқангези ҳувиятсоз эҷод намоянд ва ҷавонону наврасонро дар руҳияи инсондӯстӣ, ватандӯстӣ, арҷгузории арзишҳои фарҳанги миллӣ тарбия кунанд. Зеро дар даврони муосир маҳз шабакаҳои интернетӣ, телевизиону радио дар шарҳи масоили мубрами ҷаҳонишавӣ, вазъияти сиёсиву иқтисодии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ нақши бисёр бузург дошта, ҷаҳонбинии ҷавононро васеъ ва дарки дурусти хатарҳоро барои онҳо осон мегардонад.

Ба андеши Маҳмадизода Н. Д. «Пешгирии ҳамроҳшавии ҷавонон ба ҳаргуна ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ – террористӣ масъалаи муҳимтарини давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, қабл аз ҳама се ниҳоди асосӣ - оила, мактаб (маориф) ва ҷомеаи шаҳрвандӣ бояд дар ҳамкорӣ фаъолияти босамар ва натиҷабахшро роҳандозӣ кунанд. Наврасону ҷавонон бояд аз хурди дар рӯҳияи худшиносию ватандӯстӣ ва шинохти арзишҳои миллӣ тарбия карда шаванд. Тавассути инернет, телевизону матбуоти даврӣ амалҳои зишти гурӯҳҳои ифротгароро бо далелҳои асоснок намоиш додан мумкин аст. Имкон дорад ашхоси аз Сурияву Ироқ баргаштаро ба маҷлису намоишҳои телевизионӣ даъват карда шаванд, то ин ки онҳо аз таҷрибаи талхи худ ба ҷавонон нақл кунанд» [90, с.275].

Ба кору фаъолияти бунёдкоронаву созанда ҷалб кардани ҷавонон, тарғиби варзиш, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва амсоли инҳо чораҳои муассире тавонанд буд, ки ҷавонону наврасон умри пурқиммату арзишманди худро беҳуда нагузаронанд ва ба доми пурхатари ифротгарони мазҳабӣ гирифтор нашаванд. Зеро як сабаби бисёр возеҳу равшани ба доми ҳизбу ҳаракатҳои ифротӣ дучор шудани ҷавонон, дар баробари ноогоҳию камиттилоотӣ аз ҳаводиси ҷаҳонӣ, бекорӣ ва беҳудагардию оворагии онҳо мебошад. Хеле фараҳбахш аст, ки солҳои охир бисёр ҷавонони тоҷик дар

озмунҳои тахассусӣ ва мусобиқаҳои байналмилалии варзишӣ ширкат меварзанд ва ҷойҳои намоёнро ишғол намуда, парчами миллиро дар сатҳи байналмилалӣ баланд мебардоранд, ки бешубҳа ифтихори ҳар як тоҷику тоҷикистонӣ мебошад.

Бояд ёдовар шуд, ки масъалаи пешгирӣ ва мубориза алайҳи ифротгароӣ, тундравӣ, бахусус ифрогароии динӣ-сиёсӣ фақат вазифаи ниҳодҳои давлатӣ наметавонад буд, балки тамоми шаҳрвандони ҷумҳурӣ дар ин кор бояд саҳм дошта бошанд. Маҳз мубориза босамари дастҷамъии тамоми ниҳодҳои иҷтимоӣ қодир ба он хоҳад буд, ки падидаи хатарноку номатлуби асри муосир – ифротгароӣ, тундгароӣ ва терроризми динӣ, аз ҷомеаи мо решакан карда шавад, ба барангехтани адовати миллию мазҳабӣ, низоъҳои иҷтимоию нажодӣ хотима дода шавад. Бояд ҷавонон тавре раҳнамоӣ гарданд, ки ҳикмати ба манфиати Ватан – Тоҷикистон ваояндаи дурахшони он хидмат карданро дарк намоянд ва дар тақвияти давлатдории миллӣ боз ҳам устувор шудани сулҳу ваҳдат, якпорчагии миллат, мустаҳкам кардани дастовардҳои истиқлолият сарбаландона ва боифтихор саҳмгузор бошанд ва баҳри пешрафту шукуфоии кишвар ва ҳифзи марзу буми давлатамон сина сипар созанд. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин андешаи ватандӯстона бисёр барҷаста ифода гардидааст: «Шаҳрвандони кишвар бояд ба қадри давлати соҳибистиқлол ва зиндагии орому осуда расанд ва ҳеҷ гоҳ зиракии сиёсиро аз даст надода, фирефтаи таблиғоту ақидаҳои бебунёди ифротӣ нашаванд».

Унсурҳои асосӣ ва хатарноки гуруҳҳои ифротгароӣ на дар шахсият, балки дар ақида ва усули андешаву ҷаҳонбинии онҳо бештар зоҳир мегардад. Ақидаҳое дар тафаккур ва андешаи динӣ ва ҷаҳонбинии гурӯҳу равияҳои салафия, ваҳобия, ансоруллоҳ, ҳизбуттаҳрир, ДОИШ, толибон, «Ихвону-л-муслимин», «Ҳамос», «Ал-Қоида» ва амсоли инҳо нуҳуфтааст, ки новобаста аз иродаи шахсияшон, даст ба такфиру таҳқири дигар мусалмонон мезананд. Аз ҳамин лиҳоз, иллат на дар шахсият, балки дар барномаи динӣ-таблиғотии онҳо мебошад. Бад-ин хотир аҳли суннат ва ҷамоъат салафияро эътироф

намекунанд ва қабул надоранд ва онҳоро аз ҷумлаи аҳли суннат намешуморанд.

Арзишҳои миллӣ ва мазҳаби ҳанафӣ чун гули печон дар канори ҳам инкишоф ва такомул ёфта, шуури миллӣ ва мазҳабии аҳли ҷомеаро ташкил мекунанд. Тафаккури салафигароӣ ва андешаи бемазҳабӣ пеш аз ҳама барои маҳв намудани арзишҳои муштараки миллӣ ва мазҳабӣ дар ҳар ҷомеъа омили асосӣ ба шумор меравад [143, с.76].

Тафаккур ва андешаи динии ҷомеа арабӣ ё язидӣ набуда, балки аҷзои андеша ва тафаккури динии аҳли суннат ва ҷамоъат буда, он таълимоти каломӣ-фиқҳии мазҳаби ҳанафия, ки пояи онро Қуръону суннат, қиёс, иҷтиҳод ва урф ташкил медиҳад, таркиб ёфтаанд. Андешаи диниро ба андешаи арабӣ ва эронӣ мансуб донистан, яъне дар доираи андешаи минтақавӣ ва қавмию нажодӣ маҳдуд сохтан аз заъифии тафаккури динии гуруҳу равияҳои мазкур, бахусус салафия, ки хусусияти арабӣ дорад, шаҳодат медиҳад. Заъфи тафаккури ақидавии арабӣ ё эронӣ, таҳририӣ, салафӣ, мавдудӣ ва ғайраро набояд тафаккури исломӣ муаррифӣ намоем ва ба қалам бидиҳем. Ин гуруҳҳо даъво доранд, ки андеша ва ақидаи аҳли суннат сирф андешаи арабӣ-язидӣ мебошад, албатта, ин навъ хулосабарории салафия ягон санад, ҳуҷҷат, далели шаръӣ ва илмию таърихӣ надоранд. Чунин эътиқод мардуд ва туҳмати маҳз нисбати андеша ва ақидаи аҳли суннат ва ҷамоъат мебошад.

Фаъолияти ифротгароӣ (ифрогароӣ) дар Тоҷикистон (ва дигар кишварҳои дар мадди назари ифротгароии байналмилалӣ қарордошта) асосан ба ин усулу ҳадафҳо равона шудааст:

- тағйири додани асосҳои сохти конститутсионӣ ва вайрон кардани ягонагӣ ва ваҳдати миллӣ;
- сафедкунии оммавии терроризм ва дигар фаъолиятҳои террористӣ;
- барангехтани кинаю адовати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ ё динӣ;

- таблиғи фавқулодда ва бартарӣ доштани шахс ё паст задани фарде бар асоси мансубияти иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, мазҳабӣ, забонӣ ё муносибат ба дин;
- вайрон кардани ҳуқуқ, озодиҳо ва манфиатҳои қонунии шахс ва шаҳрванд, вобаста аз мансубияти иҷтимоӣ, нажодӣ, миллӣ, мазҳабӣ, забонӣ ё муносибати ӯ ба дин;
- монеъ шудан ба амалисозии шаҳрвандон аз ҳуқуқҳои интихобии худ ва ҳуқуқи иштирок дар раъйпурсӣ ё вайрон кардани сирри овоздиҳӣ бо зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он;
- монеъ шудан ба фаъолияти қонунии мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, комиссияҳои интихоботӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ ё дигар ташкилотҳо бо зӯроварӣ ё таҳдиди истифодаи он;
- содир кардани ҷиноятҳо;
- таблиғ ва намоиши оммавии аломатҳо ё атрибутҳои фашистӣ ва ё сифату нишонаҳои шабеҳ ба он;
- даъватҳои оммавӣ барои татбиқи ин санадҳо ё паҳнкунии оммавии маводди ифротгароӣ, инчунин истеҳсол ё нигоҳдории онҳо бо мақсади паҳнкунии онҳо дар миёни омма;
- бардурӯғ айбдоркунии шахси дорои мансаби давлатӣ дар содир кардани амалҳои ҷиноӣ ва ташкилу таҳияи санадҳои марбут ба ин ҷиноятҳо ва паҳн кардани ин тӯҳматномаҳо дар миёни оммаи мардум ва ба ин васила аз байн бардоштани шахсони маъруфу машҳур ва олирутба, ки садди роҳи ифротгароӣ шудаанд ва дар таҳкими ваҳдату пойдории миллату давлат саҳиманд.

Усулҳо ва самтҳои асосии мубориза ва муқовимат бо фаъолияти ифротгароӣ ва терроризм метавонанд ин усулҳо бошанд:

- эътироф, риоя ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон, манфиатҳои қонунии муассисаю ташкилотҳои хусусӣ ва давлатӣ;
- ҳимояи қонун ва ошкорбаёнӣ дар ҷомеа;

- ба таъмини амнияти миллию давлатии Тоҷикистон афзалияти аввалиндараҷа додан;
- афзалияти чораҳо оид ба пешгирии фаъолияти ифротгароӣ;
- ҳамкории иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва динӣ, ташкилотҳо ва умуман тамои шаҳрвандони Тоҷикистон бо давлат дар мубориза алайҳи ифротгароӣ, бахусус ифротгароии мазҳабӣ-сиёсӣ ва тундгароии динӣ;
- барои фаъолияти ифротгароӣ муқаррар намудани ҷазои ҳатмӣ;
- қабули чораҳои пешгирикунанда, ки ба рафъи фаъолиятҳои ифротгароӣ равона шудаанд, аз ҷумла муайян ва бартараф кардани сабабҳои зуҳури ифротгароӣ;
- муайян ва пешгирии фаъолияти ифротгароии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, динӣ, ташкилотҳо ва шахсони алоҳида;
- баланд бардоштани эҳтироми инсон дар ҷомеа тавассути арҷгузорӣ ба арзишҳои баланди ахлоқӣ, инсонӣ ва ҳамаҷониба ҳавасмандсозии татбиқи ин арзишҳо дар байни ҷавонон;
- ҳавасмандсозии шаҳрвандон, бахусус ҷавонон ба эҳтироми қонун;
- баланд бардоштани обрӯю нуфузи мақомоти ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандон тавассути барномаҳои махсус ва ҳамкории ҷомеа ва бахусус ҷавонон бо онҳо (масалан, нашри филмҳои баландмазмуни бадеӣ ва ҳуҷҷатӣ аз ҳаёти қаҳрамонони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ; ҳамаҷониба ҳавасмандсозии коркунони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ба ин васила пешгирии ривоҷи фасоду ришва дар байни коркунони ҳифзи ҳуқуқ (масалан, баланд бардоштани маоши онҳо, додани мукофотҳои давлатӣ, мукофотҳои пулию молӣ, таъмини қаҳрамонон бо хонаҳои хуби замонавӣ ва ғ.); шаъну шарафи баланд будан кору фаъолият дар ин мақомот барои ҷавонон);
- баланд бардоштани фарҳанги маънавӣ-ахлоқии ҷавонон;
- ҳамаҷониба ҳавасмандсозии ҷавонон барои интихоби касби дӯстдошта

– коҳиш додани бекорӣ дар байни ҷавонон тавассути эҷоди корхонаҳо, ташкилотҳо, ширкатҳо, муассисаҳо ва ғ., бахусус бо ташаббуси худи ҷавонон;
– ҳавасмандсозии ҷавонон барои эҷодкориву ихтироъкориҳо ва баланд бардоштани ташаббуси ҷавонон барои фаъолиятҳои созанда;
– коҳиш додани сатҳи ноогоҳӣ ва камиттилоотии ҷомеа, ба вижа ҷавонон, аз фазои иттилооттии илмӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва варзишии ҷаҳон;
– баланд бардоштани сатҳи донишу биниши ҷомеа ва ҷавонон аз аркони шариати ҳанафия, ки таҳаммупазириро тарғиб менамояд ва ба ин васила ошкорсозии фарқияти онҳо аз ифроту тафрити мазҳабӣ;
– баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилоти макотиби миёна ва олӣ;
– аз байн бардоштан ва ё ҳадди ақал коҳиш додани нобаробариҳои иҷтимоӣ;
– пешгирии майли ҷавонон ба содир кардани ҷиноятҳо;
– ҷалби ҷавонон ба арзишҳои умумибашарӣ ва дур нигоҳ доштани онҳо аз амалҳои пасти ахлоқӣ ва тахрибкунандаи шахсият;
– тарғиби ҷавонон ба таҳаммулгароӣ ва барканорсозии онҳо аз ҷудоиситезӣ ва фашизми миллию мазҳабӣ;
– тарбияи дурусти руҳию равонии ҷавонон ва фаҳмонидан зарари пархошгарию ситезаҷӯӣ ба онҳо (ташкилоту созмонҳои ифротагроиву террористӣ усулҳои пархошгарию ситезаҷӯиро ба ҷавонон омӯзонида, онҳоро ба манфиати худ истифода мебаранд);
– пур кардани фазои интернетӣ бо маводди омӯзишӣ-тарбиявӣ (видеоию ҳуҷҷатӣ), тарбиявӣ-ахлоқӣ, динӣ-тарбиявӣ, ки метавонад дар баробари ҳар як маводди тахрибкори ахлоқию таблиғотии ифротгароён ҷавоби муносибе дода тавонад;
– ба навор гирифтани филмҳои бадеӣ, телесериалҳо, филмҳои тасвирӣ аз достонҳои «Шоҳнома», афсонаҳои халқи тоҷик, роману повестҳои нависандагони тоҷик, ки кӯдакону наврасон ва ҷавононро метавонанд

ба омӯзиши фарҳанги бои миллӣ равона сохта, дар вуҷуди онҳо ҳисси ватандӯстӣ, поквиҷдонӣ, покниҳодӣ, фарҳангдӯстӣ, китобдӯстӣ, қаҳрамонӣ, ва амсоли инро тарғибу ташфиқ намоянд;

– пешгирӣ ва бартарафсозии ҳама гуна анвои мухолифатҳои иҷтимоӣ, қавмию миллӣ, нажодӣ ва мазҳабӣ тавассути фарҳангноккунии ҷомеа ва ҷавонон;

Хулоса, шароити сиёсӣ ва мазҳабии даврони ҷаҳонишавии муосир тақозо дорад, ки ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон зиракии сиёсиро аз даст надиҳад ва барои ҳифзи сулҳ, оромию осоиштагии кишвар корҳои мушаххасро амалӣ намояд, аз ҷумла, ба кори таълиму тарбияи дурусти фарзандон, пурсамар гузаштани вақти онҳо, ҷалби онҳо ба маҳфилҳои илмӣ, фаннӣ ва ҳунаромӯзӣ талош варзад. Дар чунин шароит ҳар як падару модар хосатан фарди соҳибмаърифатро масъулияти азим бар дӯш аст. Чунки аҳаммияти ҷиддӣ додан ба таълиму тарбияи насли наврас ва ҷавонон яке аз чораҳои самарбахштарин ва омили мубориза алайҳи падидаи хатарноки ҷаҳони муосир – ифротгароӣ ва терроризм ба шумор меравад. Бепарвоӣ ба тақдири фарзандонамон – ояндаи Ватанамон оқибатҳои мудҳиш ба бар дорад. Аз ин рӯ, фарзанд азиз аст, аммо тарбияи дурусти он боз ҳам азизтар мебошад. Ҳар як фарди худогоҳу худшиноси ҷомеаро мебояд, ки Ватанамонро мисли фарзандонамон бо қалбамон дӯст дорем ва дар тарбияи дурусти насли наврас ҳамаи ниҳодҳои иҷтимоӣ дастҷамъона амал намоем.

# ХУЛОСА

## I. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Ғояҳои ифротгароӣ, ки дар даврони муосир бисёр густариш ёфта, ҷавонони Ватанро бо роҳу воситаҳои гуногун гумроҳ сохтаву ба коми худ кашида истодааст, имкон дорад, ки ба ин восита оромии кишварамон ва ваҳдати миллию амнияти давлату миллати соҳибистиқлоламонро зери хатару таҳдидҳои ҷиддӣ гузорад.

1. Равияҳои гуногуни ифротгарои динӣ бо дастгоҳҳои иттилоотии бисёр қавӣ ва барномаҳои бисёр хатарнок тарҳрезишуда ба шуури мардум, ба хусус ба ҷаҳонбинии ҷавонони муосири тоҷик, таъсир расонида, ҳастии арзишҳои фарҳангӣ ва ҳувияти миллиро дар шуури онҳо зери суол гузоранд. Ифротгароёни динӣ ба тамоми гӯшаи олам, ба ҳар як давлату миллати ҷаҳон ва ба ҳар як ҷавони ноозмудаву камтаҷриба дастрасӣ ва таъсир дошта, мағзҳои ҳанӯз поки онҳоро заҳролуд карда метавонанд. Ифротгароии динӣ дар Тоҷикистон ҳамчун омили бесуботсозии ҷомеа на танҳо барои амнияти имрӯзи кишварамон хатари ҷиддӣ дорад, ҳамчунин барои оянда низ бисёр хатарнок буда, арҷгузории арзишҳои фарҳангиву миллиро дар қалбу шуури наслҳои имрӯзу оянда аз байн мебарад ва бо табиати ҳувиятзудои худ ҳувияти миллии ҷавонон аз байн бурда, меҳру муҳаббати онҳоро миллату давлат ва фарҳанги миллӣ заиф созад; ифротгароии динӣ дар куҷое, ки сар назанад аҳли ҷомеаро аз бунёдкориву созандагӣ ва инкишофу тараққӣ дур медорад ва баръакс ба низоъу ҷангу ҷидолҳои бепоёни мазҳабиву сиёсӣ ва иҷтимоӣ гирифтор месозад, ки оқибати маргбори онро тасаввур кардан ғайриимкон аст. Ифротгароёну тундравон пинҳонӣ амал намуда, бархилофи равишу суннати ҳанафимазҳабамон бархостаанд ва байни давлату миллат, падару писар ихтилофи ақида ва эътиқод эҷод намудаанд.

2. Бешубҳа, истилоҳоти «ифротгароии исломӣ», «тундгароии исломӣ» ва «терроризми исломӣ» аз исломи сиёсӣ бармеояд ва ҳеч рабте исломи ҳанафӣ надорад. Муассисони ҳаракатҳо ва созмонҳои гуногуни сиёсии ифротгароии динӣ давлатҳои абарқудратанд, ки дар ҷаҳони ислом, бахусус дар Осиёи

Марказӣ манфиатҳои ҷуғрофӣ-сиёсии худро доранд вабо ҳидояти онҳо раҳбарӣ, тарбият, идора ва маблағгузорӣ мешаванд. Сӯистифодаи исломи сиёсӣ аз ҷониби онҳо ҳамеша вуҷуд дошт ва танҳо ваҳдати миллату давлатҳо ва кулли башарият хатари онро аз байн хоҳанд бурд.

3. Барои он ки ҷавонони мо ба ҳар гуна ҷараёну равияҳои тундраву ифротгаро ҷалб нашаванд ва дар шинохти чеҳраи бисёр пурасрору махуфи онҳо хато накунанд, нахуст бояд вазъи сиёсию иқтисодии ҷаҳони имрӯз ва сиёсати кишварҳое, ки дар иқтисоду сиёсати дунёи муосир дасти аввал доранд, дуруст шиносанд ва таҳлили илмӣ карда тавонанд. Бахусус, барои онҳо ифшо ва ошкор кардани ҳадафҳо, ғоя ва таълимоти ҷараёнҳои гуногуни ифротгароии ҷиноятпеша, аз ҷумла гуруҳҳо ва равияҳои ифротгароиву террористие аз қабили салафия, «Ал-Қоида», «Ансоруллоҳ», «Ал-Ҷиҳод», «Ал-Ҳарамайн», «Ат-Такфир вал-Ҳиҷра», «Ихвон-ал-Муслимин», «Ҳаракати Толибон», ДОИШ, «Ҷамоати исломӣ», «Ҷабҳат-ан-Нусра», «Ҷамоати муҷоҳидони Осиёи Марказӣ», «Гуруҳи исломии ҷиҳод» ва амсоли инҳо, ки зердастон ва амалисозандагони ҳадафҳои давлатҳои пурқудрати ҷаҳон мебошанд, ниҳоят зарур аст. Ҳама фаъолиятҳои ин гуруҳу равияҳои ифротиву террористӣ (алалхусус дар Афғонистон, Сурия, Ироқ ва ғ.) то имрӯз шоҳиди он аст, ки ба ҷуз куштану таркондан ва даҳшату ваҳшат афкандан дар тамоми минтақаи олам, бахусус дар олами ислом, ба кори дигаре гумошта нашудаанд. Инҳо тамаддуни исломӣ ва фарҳангҳои миллии мардуми мусалмонро беқадру беразиш ва музир қаламдод карда, ба муқобили онҳо ҳамчун падидаи куфр мубориза мебаранд.

4. Душманони мардуми мусалмон ва тамоми мардум Шарқ ҳатто ҳокимияти миллию мардумиро дар ҳар давлате, ки бо хости онҳо амал накунад, бо дастони ходимони худ (дар ҷаҳони ислом тавассути ДОИШиҳову толибону салафиҳо ва амсоли инҳо ва дар дигар кишварҳои Шарқ бо роҳи ташкили дастаҳои оппозитсионӣ) аз байн бурдан мехоҳанд, то ин ки ҳукумати ба сари қудрат овардаи онҳо ба манфиатҳои ҷуғрофӣ-сиёсии онҳо мувофиқ созанд. Яъне, душманони мардуми Шарқ ва ислом бо нақшаҳои

бисёр дақиқи сиёсиву тактикаҳои ҳарбӣ, бар зидди ҳукуматҳои миллӣ дар дохилу дар беруни кишвар дастаҳову гурӯҳҳои оппозитсионӣ ташкил ва онҳоро бо тамоми лавозимот таъмин ва омодаи ҷангу муборизаҳои шаҳрвандӣ мекунанд ва ба ин васила ба сари қудрати ин кишварҳо ҳокимияти лухтакмонанди худро меоранд. Масалан, онҳо борҳо кӯшиши дар Тоҷикистон ба сари ҳокимият овардани чунин ҳокимияти лухтакмонандро карданд, оппозитсияро омода ва муҷаҳҳаз сохтанд, ҷанги шаҳрвандиро низ бо дастони худи мо ташкил намуданд, хуни садҳо ҳазор бегунохро резониданд, аммо ба мақсади касифашон нарасиданд.

5. Мусаллам аст, ки ҳар як миллат бо арзишҳои баланди миллии худ зинда аст ва ин арзишҳо ҳуввияти миллии онро ҳифз менамояд. Дар айни замон, гуногунии фарҳангҳои мардумони ҷаҳон зебоӣ ва ғановати фарҳанги ҷаҳониро таъмин мекунад ва дар умум боиси пешравии тамоми инсоният (аз нигоҳи ахлоқӣ, зебоишиносӣ, илмӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ ва ғ.) мегардад. Мутаассифона, дар ҷаҳони имрӯз давлатҳое зуҳур кардаанд, ки тамоми арзишҳои умумибашариро зери султаи забон, фарҳанг ва сиёсати худ дароварданиананд. Миллатгароӣ (ва ҳатто фошизм)-и онҳо ба ҳаддест, ки дар баробари арзишҳои фарҳангии миллати худ арзишҳои миллату мардуми бегонаро эътироф кардан намехоҳанд ва ҷаҳонро ба «худиву бегона», «дӯсту душман» тақсим карда, барои нестии «бегонагон» талоши ҷиддӣ доранд. Миллату давлатҳо ва дину мазоҳиби гуногунро ба муқобили ҳамдигар шӯронида, оташи садсолаҳо инҷониб хомӯшшударо аланга андохта, аз ҷангу низоъ ва хунрезиҳои мардумони бегона фоидаҳои ҳангуфти моливу пулӣ кор мекунанд ва бо зӯриву таҳдидҳо мехоҳанд тамоми оламро таҳти итоату тасарруфи худ нигаҳ доранд. Ин абарқудратҳо бо истифода аз афзалияти технологӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва шонси таърихии худ интишори тамаддун (забон, фарҳанг, сиёсат, иқтисод ва ғ.)-и худро дар тамоми ҷаҳон хосторанд ва баръакс аз интишори шарқӣ, аз бартарияти забону фарҳанги Русу Чин, Ҳинду Араб дар ҷаҳон ваҳшат доранд ва ҳаргиз ба ваҳдати мардуми мусулмон ва арзишҳои исломиву миллии миллатҳои мусулмон ва тамаддуни

Шарқ роҳ додан намехоҳанд. Аз ин рӯ, барои ғалабаи комили худ дар арсаи ҷаҳон бо истифода аз васоити гуногун бар зидди суннату арзишҳои мардуми мусалмон муборизаи беамон мебаранд. Ифротгароёни мазҳабии муосир, ки бешубҳа дастпарвари қудратҳои ҷаҳонианд, хостаҳо ва амри ин кишварҳоро иҷро мекунанд.

6. Интишори ифротгароии динӣ ва хатарҳои он дар сатҳи ҷаҳонӣ қарор дошта, роҳи пешгирии ин вабои асри муосир бидуни иттиҳоди давлатҳои қавӣ ва муборизаи дастҷамъӣ бо он хеле мушкил хоҳад буд. Ин гуруҳҳои террористӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ зидди арзишҳои таърихӣ ва фарҳангӣ ва ҳувияти миллии мардумони гуногунзабону гуногунфарҳанги халқу миллатҳои мусулмон ҷанг эълон кардаанд. Онҳо бо зудудани хотираи таърихии миллатҳо, ҳувияти миллӣ ва арзишҳои диниву миллӣ, ки ин ҳувияти миллии ин мардумонро пойдор медорад, мехоҳанд забону фарҳанг, ҳувият ва арзишҳои худро ҷойгузини онҳо кунанд. Масалан, ифротгароёни динӣ ё ғайри муқаллидину мазҳабзудоён «бо як таассуби бисёр ҳайратовар худро пайрави аршади аввалияи замони оғози зуҳури Ислом бардурӯғ муаррифӣ намуда», хондану донистани осори фарҳангии бузургонамон: Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Саноӣ, Аттор, Ҷалолуддини Балхӣ, Иқбол ва ғ. ва арҷгузории ҷашнҳои миллиамон (Наврӯз, Сада, Меҳргон)-ро куфру бидъат эълон кардаанд. Ифротгароёни мазҳабӣ садақоту хайроти инфиродӣ ва дуъои дастҷамъонаву зиёрати қубури волидону ниёгонро намепазиранд. Яъне, онҳо зидди фарҳанги миллӣ, ваҳдати мардум, зидди ҳар он чизе, ки боиси якпорчагии миллат мешавад, мубриза бурда истодаанд. Ваҳдати миллат ва якпорчагии кишвар ба онҳо имкон намедиҳад, ки ҳадафҳои ғаразноку хатарноки хоҷагони онҳоро дар ин минтақа амалӣ гардонанд. Ифротгароёни мазҳабӣ ва хоҷагони онҳо мехоҳанд ҳар як миллати «саркаш»-у мазҳаби онро аз дарун фосид гардонанд ва фарзандони миллати моро мағзшӯӣ карда, бар зидди худи мо равона созанд. Аз ин рӯ, барои боздории раванди манқуртсозии ҷавонон аз ҷониби гуруҳҳо, равияву ҷараёнҳои

ифротгароии диниву сиёсӣ ва террористӣ чораҳои муассир, ки дар боло ба онҳо ишора рафтааст, андешидан ва амалӣ кардан ҳаётан муҳим аст.

**II. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо**

1. Барои пешгирӣ аз таъсири равияҳои ифротгарои мазҳабӣ, махсусан ифротгароии мазҳабӣ-сиёсӣ бояд таҳқиқотҳои мушаххаси ҷомеашиносӣ дар ҷумҳурӣ сурат гиранд.

2. Дар тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ барномаҳои мушаххаси тарғиботию тарбиявӣ алайҳи таълимоти равияҳо ва ташкилотҳои ифротгарой ба роҳ монад шавад ва дастурамалу маводҳои илмӣ таҳия гарданд.

3. Фанни «Диншиносӣ» барои ҷавонони донишҷӯ таълим дода шавад, то ин ки онҳо тавонанд вазъи динӣ-сиёсии ҷаҳони муосирро ба хубӣ дарк кунанд.

4. Кумитаи ҷавонон бояд маҳфилҳои илмомӯзӣ ва фарҳангӣ доир намояд ва ҷавонон ба онҳо ҷалб карда шаванд. Дар ин маҳфилҳо бояд таълимоти низоъангезу даҳшатафкани ифротгароии динӣ аз ҷониби донишмандону муҳаққиқон фош карда шавад.

5. Бояд бо истифода аз имконоти илмии ҷумҳурӣ китобу буклетҳо ва маводҳое, ки дар ҷомеа нашр мегарданд, ба таври бисёр дақиқу равшан таълимоти тахрибкоронаи равияву ташкилотҳои ифротгаро собит карда тавонанд. Ин роҳ ифшои ақидаҳои иртиҷоӣ ва зарари онҳоро ба ҷомеаи муосир нишон хоҳад дод.

6. Василаву воситаи бисёр муассири интишори ғояҳои ифротӣ, бахусус ифротгароии сиёсӣ-мазҳабӣ, дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ мебошад. Маҳз дар муҳоҷират бисёре аз муҳоҷирони меҳнатии мавсимӣ зери ташфиқу тарғиботи ифротгароии динӣ қарор хоҳанд гирифт ва, бешубҳа, ин муҳоҷирон таълимоти тахрибкоронаи ҷаранҳои ифротиро бо худ ба Ватан меоваранд. Аз ин рӯ, барномаи мушаххаси пешгирии нуфузи таълимоти ифротӣ дар байни муҳоҷирони меҳнатӣ бояд таҳия ва татбиқ гардад.

7. Бояд курсҳои таълимии диншиносии илмӣ дар донишгоҳу донишкадаҳо аз ҷониби муаллимони соҳаи илмҳои гуманитарӣ гузаронида

шаванд, зеро ташаккули ҷаҳонбинии илмии донишҷӯён вазифаи хеле муҳиму арзишманди устодон ба шумор меравад.

8. Баланд бардоштани эҳсоси миллатдӯстию ватандӯстӣ ба таассуботу ифротгарии динӣ-сиёсӣ метавонад хуб муқовимат кунад. Аз ин рӯ, маҷмӯи чорабиниҳо дар боби ватандӯстӣ ва ифтихороти миллӣ бояд таҳия гарданд ва аз тарафи мутахассисон ва созмонҳои дахлдор пиёда гарданд.

9. Ба таълимоту ташфиқоти динӣ-сиёсии ифротгароии ташкилоту ҳаракатҳои ифротӣ бояд осори гаронмояи фарҳангию таърихии оламшумули тоҷик муқобил гузошта шавад. Бахусус, месазад, ки курсҳои «Шоҳномахонӣ», қироати «Гулистон»-и Саъдӣ ва ғ. дар мактабҳои миёна ва олӣ ташкил карад шаванд. Бо шукуҳу шаҳомати хосса гузаронидани ҷашнҳои миллӣ низ зарур аст, зеро онҳо омили муҳими тақвияти худшиносии миллӣ мебошанд.

10. Сабаби асосие, ки андешаҳои ифротгароӣ ва таассуботи динӣ вусъат меёбанд, паст будани сатҳи донишу иттилооти фарҳангию сиёсии мардум, хусусан ҷавонон, мебошад. Аз ин рӯ, бояд барномаҳое таҳия ва қабул гарданд, ки сатҳи донишу маърифати мардум мунтазам баланд бардошта мешавад.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## Санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ


